**ШИҲОБУДДИН ЯҲЁИ СУҲРАВАРДӢ**

# САФИРИ СИМУРҒ

**Душанбе**
**“Донишварон”**
**2021**

ББК 87.3(2тоҷик)+87.3(4/8)+87.717+72.3+87.817
С-97

***Вероиши матн:*** Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ

Хатгардони ***Қодири Рустам***

Муҳаррир ***Рӯзибойи Ҳусайн***

**Шиҳобуддин Яҳёи Сухравардӣ.**
Сафири Симурғ. – Душанбе: “Донишварон”, 2021. – 144 саҳ.

Маҷмуа машмул бар қиссаҳои фалсафӣ-ирфонии бунёдгузори ҳикмати ишроқ Шиҳобуддин Яҳёи Сухравардӣ, мулаққаб ба Шайхи ишроқ ва шайхи мақтул аст. Қиссаҳои шайх аз назари ҷаззобият ва баёни андешаҳои жарф бо забоне сода ва фасеҳ дар адаби форсӣ собиқа ва назир надоранд. Ва онҳоро сарфи назар аз дарки амиқи мавзуъҳои мавриди баҳсашон хонандагон чун осори бадеӣ бозавқ хоҳанд хонд ва баҳраҳо хоҳанд бардошт.

ISBN 978-99975-63-96-5

© Қодири Рустам, 2021

# МУҚАДДИМА

Шайхи ишроқ ба ҷамоати суфиён ва аз ҳама бештар ба Боязиди Бастомӣ ва Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ иродати қалбӣ дошт, аммо ба назари ӯ тавфиқи кашф бидуни тайи маротиби муқаддамотӣ ба солик даст намедод ё дасти кам истимроре надошт ва дар натиҷа радди мутлақи ҳикмати баҳсиро аз ҷониби суфиён дуруст намедонист. Аз ҳакимони муосираш ҳам, ки ба пайравӣ аз пешкисватони ҳикмати машшо дар шарҳу басти фалсафаи Арасту мекӯшиданд ва харвор-харвор китоб дар ин боб менавиштанд, то ҳаққоният ва асолати баҳсу истидлолро ба исбот бирасонанд, дили хуше надошт ва худашро аз онон барӣ медонист. Ӯ худашро халафи Ибни Сино медонист ва нисбат ба устод адои эҳтирому сипос мекард, аммо дар айни ҳол халафе набуд, ки ба тақлид ва пайравӣ хушнуд бошад. Ӯ талош кард ҳикмати баҳсии Ибни Синоро бо чошнии кашфу завқ ба камол бирасонад ва барои фароҳам кардани ин чошнӣ ҳам аз фалсафаи навафлотунӣ баҳра гирифт ва ҳам аз суннатҳои худӣ: бо эҳёи фалсафаи нур ва ишроқи Эрони бостон ва талфиқи он бо ирфони исломӣ даст ба тадвини ҳикмати навине зад, ки ҷони тозае ба тафаккури фалсафӣ бахшид ва дар айни ҳол, заминаи назарии устуворе барои сулуки маънавии аҳли тасаввуф ба вуҷуд овард. Ӯ дар замонае даст ба чунин кори азиме зад, ки таъассубу тангназарӣ ба авҷи худ расида буд ва ҳар тафаккури тозае ба суръат дар маъразi иттиҳоми куфру илҳод қарор мегирифт. Асри бузургоне аз қабили Форобӣ ва Ибни Сино сипарӣ шуда буд ва муқаллидону мутафалсифон ба майдондорӣ ва арзи андом ва азияту озори андешамандон ва аҳли тасаввуф пардохта буданд ва бо-

зори китобсӯзӣ ва мадрасасӯзӣ ва ҷанги шиъаю суннӣ ва муътазилию ашъарӣ равнақи фаровон дошт[1].

Шиҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ, ки ӯро “Шайхи ишроқ” ва “Шайхи шаҳид” ва “Шайхи мақтул” ва “Шиҳоби мақтул” ҳам мехонанд, марди якто ва муҷарраде буд, на хеч ёру ёваре дошт ва на ҳеч шайхе. Дар наздикии сисолагӣ аз ин ки то ба ин синну сол расида, ҳеч касеро наёфтааст, ки чизе сараш бишавад ва ё дасти кам ҳамсуҳбати хубе бошад, гила кардааст[2]. Сию ҳашт

---

[1] Ривоҷи бозори таассуб ва ихтилофоти фирқаӣ, ки аз авоили қарни панҷуми ҳиҷрӣ ва тасаллути туркони салҷуқӣ шиддат гирифт, аҳли тасаввуфро бар он дошт, ки барои табйини усули худ ва сиёнат аз ҳарими маърифат ба навиштани мақола ва рисолаву китоб бипардозанд. Муҳимтарин осори ирфонии форсӣ дар қарни панҷуму шашуми ҳиҷрӣ падид омаданд, ки аз он ҷумла аст “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Алӣ ибни Усмони Ҳуҷвирӣ, “Асрор-ут-тавҳид”-и Муҳаммад ибни Мунаввар, тарҷумаи “Рисолаи қушайрия” ва “Тазкират-ул-авлиё”-и Аттор. Ва ҳулули ирфон дар шеъри Саноӣ роҳро барои булуғи шеъри форсӣ боз кард. Дар айни ҳол, бадбинии шадид нисбат ба фалосифа ва ҳамалоти беамони имом Муҳаммади Ғазолӣ ба онон дар китоби “Таҳофат-ул-фалосифа” дар поёни қарни панҷум заминаи муносибе барои густариши ақоиди ишроқӣ фароҳам овард ва дар қарни баъдӣ гироиш ба ҷониби фалсафа ва талош барои эҷоди мабонии назарӣ дар миёни аҳли тасаввуф густариш ёфт.

(Торихи тасаввуф дар ислом. – Баҳс дар осор ва афкору аҳволи Ҳофиз, ҷилди дувум, қисмати аввал. Қосим Ғанӣ. Интишороти Заввор, чопи панҷум, 1369, сс. 463- 493.

Се ҳакими мусалмон, Сайид Ҳусейни Наср, тарҷумаи Аҳмад Ором, Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, чопи дувум, 1352, с. 64.)

[2] Мегӯяд: “Ба таҳқиқ синни ман наздик ба сӣ сол расид ва аксари умр дар сафар гузашт ва ҳамагӣ тафаҳҳус аз мушорике, ки муталлеъ бошад бар улум менамудам, наёфтам касеро, ки чизе аз улуми шарифа дониста бошад ва касе ҳам, ки тасдиқ ба таҳқиқи он дошта бошад”. (Пайваст: Дар аҳволи Шайхи ишроқ”, с. 133

Ин шарҳи ҳол тарҷумаи фасле аз китоби “Нуҳзат-ул-арвоҳ ва равзат-ул-афроҳ”-и Шамсиддин Муҳаммади Шаҳрзӯрӣ аст, ки маҷмӯае аст аз зиндагиномаҳои кӯтоҳе дар бораи ҳукамо ва авлиё (аз Одами Абулбашар то шайх Шиҳобиддин Яҳёи Суҳравардӣ), ки

дар қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ навишта шудааст. Мақсудалии Табрезӣ ин китобро дар соли 1011 қамарӣ ба форсӣ тарҷума кард. Ин тарҷума бар асоси як нусхаи хаттии мутааллиқ ба соли 1037 қамарӣ ва пас аз муқобала бо се нусхаи дигар ба чоп расидааст. (Нуҳзат-ул-арвоҳ ва равзат-ул-афроҳ, Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Шаҳрзӯрӣ, тарҷумаи Мақсудалии Табрезӣ. Ба кӯшиши Муҳаммадтақии Донишпижӯҳ, Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, чопи аввал, 1365.)

Тарҷумаи мутаахири дигаре аз ин асар мунташир шудааст (Китоби Канз-ул-ҳикма. (тарҷимаи " Нуҳзат-ул-арвоҳ ва равзат-ул-авроҳ"-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Шаҳрзӯрӣ, тарҷимаи Зиёуддин Дуррӣ. 1316.)

Зиндагиномаи Шайхи ишроқ охирин фасли китоби Шаҳрзӯрӣ аст. Матни арабии ин фасл ва тарҷимаи Мақсудалии Табрезӣ дар муқаддимаи ҷилди севуми маҷмуаи мусаннифоти Шайхи ишроқ ба чоп расидааст. (Маҷмуаи мусаннифоти Шайхи ишроқ. Шиҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ. Ба тасҳеҳ ва таҳшия ва муқаддимаи Саййид Ҳусайни Наср. Чопи аввал, 1355. Ҷилди севум, сс. 13-35.

Дар вероиши "Дар аҳволи Шайхи ишроқ" дар "Пайваст"-и ин китоб ҳарду чопи ин тарҷима ва ҳамаи мавориди ихтилоф дар назар гирифта шудааст.

Китоби Шаҳрзӯрӣ манбаи умдаи иттилоот дар бораи зиндагии Шайхи ишроқ аст ва ҳарчи аз зиндагии ӯ дар манобеъи дигар вуҷуд дорад, иқтибосест аз ҳамин манбаъи аслӣ. Шаҳрзӯрӣ барҷастатарин пайрави Шайхи ишроқ аст ва ба дуто аз китобҳои шайх – "Талвеҳот" ва "Ҳикмат-ул-ишроқ" шарҳу тафсир навиштааст. Ва низ гуфтаанд, шогирди шайх буда ва дар замони маҳбус будани шайх дар зиндони Ҳалаб, ҳамдам ва мусоҳиби ӯ будааст. (Торихи фалсафаи исломӣ, Ҳонри Корбен, тарҷимаи Ҷавод Таботабоӣ, интишороти Кавир\ Анҷумани эроншиносии Фаронса дар Эрон, чопи аввал, 1373, с. 306.)

Аммо ин наздикӣ ва муонасат бо тардидҳое, ки дар мавриди наҳваи қатли ӯ ва соли воқеа иброз мекунад, мунофот дорад. Ва аз тарафе, аз шавоҳиди амр чунин бармеояд, ки дар авохири қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (687) дар қайди ҳаёт буда. Ва пас пайдост, ки шогирди ӯ набуда ва маҳзари ӯро дарк накарда аст. (Шарҳи "Ҳикмат-ул-ишроқ, Шамсуддин Муҳаммад Шаҳрзӯрӣ, ба тасҳеҳ ва таҳқиқу муқаддамаи Ҳусейн Зиёии Турбатӣ. Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ. Чопи аввал, 1372, сс. 25 ва 87 (муқаддимаи мусаҳҳеҳ).

соли қамарӣ (сию ҳафт соли шамсӣ) бештар умр накард ва бештари умраш ба сафар гузашт. Дар Суҳраварди Зинҷон ба дунё омад – дар соли 549 ҳиҷрӣ. Барои таҳсил ба Мароға рафт ва дар маҷлиси дарси Маҷдуддини Ҷелӣ, ки устоди имом Фахри Розӣ ҳам буд, таламмуз кард. Сипас ба Исфаҳон рафт ва ҳикмати машшоро дар Исфаҳон фаро гирифт. Аз Исфаҳон ба Диёри Бакр рафт ва муддате онҷо бимонд ва аз онҷо ба Ҳалаб рафт. Ҳокими Ҳалаб Зоҳиршоҳ, писари Салоҳуддини Айюбии маъруф буд. Шиҳобуддин ҳар ҷо, ки мерафт, ба дунболи ҳамсуҳбате мегашт. Сараш барои баҳсу фасҳу мунозара дард мекард ва бекор наменишаст. Дар Ҳалаб кори баҳсу фасҳ боло гирифт ва хабар ба ҳоким расид, ки дарвеше аз гарди роҳ расида ва по туи кафши уламои шаҳр кардааст. Зоҳиршоҳ, ки зоҳиран аҳли завқ буд ва аз шунидани ин хабарҳо бадаш намеомад, маҷлиси мунозарае дар ҳузури худаш тартиб дод ва гуфтаҳои ҳар ду ҷонибро шунид ва ба доварӣ нишаст: каломи Шиҳобуддин дар ӯ асар бахшид ва билофосила дарёфт, ки бо чӣ уъҷубае сару кор дорад. Дар қасри худаш, ё шояд часбида ба қаср иқоматгоҳи муносибе барои шайх дар назар гирифт ва асбоби роҳатӣ ва осоиши ӯро фароҳам кард ва дар аваз рӯзҳо ба суроғи ӯ мерафт ё ӯро ба ҳузури худ мехонд ва аз муошарат ва ҳамдамӣ бо ӯ баҳраҳо мебурд ва ба файзҳои беҳисоб мерасид. Ин наздикӣ сабаб шуд, ки ҳасади уламои шаҳр ва наздикони Зоҳиршоҳ барангехта шавад ва барои шайх попӯш бидӯзанд. Шаҳодатномае ба имзои бузургони шаҳр ба падари ҳоким фиристоданд ва шикоят карданд ва Худо медонад, чӣ туҳматҳое ба шайх бастанд ва чӣ ҳушдорҳое ба Салоҳуддин доданд. Ва Салоҳуддин ҳам, ки дар он рӯзгор сахт саргарми муқобала бо таҳоҷуми васеъи фарангиён ва таҳти фишори шадиде буд ва аз эҳтимоли ҳар тавтиае ба шиддат бим дошт, ҳукми қатли шайхро содир кард ва ба писараш дастур дод, ки шарри ин

музоҳимро биканад[3]. Писар гӯё муддате дар иҷрои ҳукм таъаллул кард ва шояд номаҳое барои падар фиристод ва талош кард нигаронии ӯро бартараф созад ва аз хари шайтон пойинаш биёварад. Аммо ақли падарро бадҷурӣ печонида буданд ва ӯ дастбардор набуд ва ин бор таҳдид кард, ки агар писар боз ҳам аз иҷрои ҳукм худдорӣ кунад, аз ҳукумат маъзул хоҳад шуд ва ин буд, ки писар хеч чораи дигаре надошт ва ночор шуд, ки ҳукми қатлро иҷро кунад[4].

Дар бораи кайфияти қатли ӯ ривоятҳои мухталифе вуҷуд дорад, ки Шамсуддин Муҳаммади Шаҳрзӯрӣ дар шарҳи ҳоле, ки дар китоби "Нуҳзат-ул-арвоҳ"-и худ навишта, ба тафсил шарҳ додааст. Бино ба яке аз ҳамин ривоёт, ки ба назар мерасад беш аз ривоёти дигар мавриди таъйиди Шаҳрзӯрӣ буда, шайх пас аз огоҳӣ аз судури ин ҳукм худашро дар утоқе ҳабс мекунад ва ҳеч обу ғизое намепазирад, то саранҷом пас аз чанд рӯз ҷон ба ҷонофарин таслим мекунад ва ба раҳмати эздӣ мепайвандад[5].

---

[3] Пас аз фатҳи Байтулмуқаддас ба дасти сипоҳиёни Салоҳуддини Айюбӣ дар соли 583, таҳоҷуми густардаи фарангиён ба қаламрави таҳти султаи ӯ шитоби рӯзафзуне гирифт. Бо ин ки лашкаркашии олмониҳо ба ҷониби Шом дар соли 686 бо марги ногаҳонии импиротурашон дар Осиёи Сағир ниматамом боқӣ монд, муҳосараи Акко, ки аз соли 585 оғоз шуда буд, пас аз ду сол ба пирӯзии фарангиён анҷомид ва Ричорди Шердил (подшоҳи Ингилистон) дар 15 ҷумодиюлохири 587 он шаҳрро гушод. (Ҷангҳои салибӣ аз дидгоҳи шарқиён, Амин Маълуф, тарҷимаи Абдулризо Ҳушанги Маҳдавӣ. Нашри Албурз, чопи аввал, 1369, сс. 285-295).

[4] Дар тарҷимаи Мақсудалии Табрезӣ соли шаҳодати шайх 586 сабт шудааст, аммо дар матни арабӣ 586 ва 588 ҳарду омадааст. Манобеъи баъдӣ ҳадди васатро гирифтаанд ва ағлаб соли 587 ҳиҷрии қамариро ба унвони соли шаҳодати шайх нақл мекунанд. (Маҷмуаи мусаннифоти Шайхи ишроқ, ҷилди севум, с. 94)

[5] Пайваст: Дар аҳволи Шайхи ишроқ, с. 136

Шамсуддин Муҳаммади Табрезӣ дар “Мақомот” моҷарои куштани ӯро ба гунаи дигаре ривоят мекунад:

“Шиҳоби Суҳравардӣ, ки “мақтул” мегӯянд, сахт мақбул ва азиз буд пеши султони Ҳалаб.

Ҳасад карданд, гуфтанд: “пеши фалон малик нома бинавис ба иттифоқ, то дар манҷаниқ ниҳем!” Чун нома бихонд, дастор фурӯ гирифт, саракаш бибуриданд. Дар ҳол пашемон шуд: бар вай зоҳир шуд макри душманон. Ӯро худ лақаб “Малики Зоҳир” гуфтандӣ. Фармудашон, то чу саг хуни ӯро билесиданд. Ду ва се аз эшон бикушт, ки “шумо ангехтед”[6].

Ба гуфтаи Шамс Суҳравардӣ дар Ҳалаб бо гурӯҳе аз мухолифони ҳукумат сохту похте карда буд. Бо таваҷҷуҳ ба нуфузи ӯ ва наздикии ӯ бо ҳоким, пайдост, ки ҳамкории ӯ бо мухолифон чи таъсири таъйинкунандае бар сарнавишти ҳукумат мегузошт. Аз тарафе, аз ҷумлаҳои баъдии Шамс чунин истинбот мешавад, ки ӯ худ дар пайи сарнагунии ҳукумат ва эҷоди низоми ҷадиде буда ва бо беэҳтиётиҳое, ки муртакиб шуда, кор дасти худаш додааст:

“Ин Шиҳобиддин мехост, ки ин дираму динор баргирад, ки “сабаби фитна аст ва буридани дастҳову сарҳо”. Муомалати халқ ба чизи дигар бошад...

Он рӯз бо ӯ сифати лашкар мекард. Малик Зоҳирро гуфт: “ту чӣ донӣ лашкар чӣ бошад?”

Назар кард: болову зер, лашкарҳо дид истода, шамшерҳои бараҳна кашида, ашхоси боҳайбат дар бому саҳну даҳлез пур. Барҷаста дар хазина рафт. Таъсири оташ дар дил буд, ки қасди ӯ кард пеш аз тафаҳҳус”[7].

Шаҳрзӯрӣ ва Шамс ҳарду тасреҳ мекунанд, ки Зоҳиршоҳ аз куштани шайх пашемон шуд ва аз мусаб-

---

[6] Мақолоти Шамс, Шамсуддин Муҳаммади Табрезӣ. Бозхонии мутун – 2. Нашри Марказ, чопи аввал, 1373, с. 37.

[7] Ҳамон ҷо, сс 37 ва 38.

бибин интиқом кашид. Ба назари Шамс, айби кори шайх ин буд, ки илмаш бар ақлаш мечарбид. Мегӯяд:

"Он Шиҳобиддинро илмаш бар ақлаш ғолиб буд. Ақл мебояд, ки бар илм ғолиб бошад, ҳоким бошад, димоғ, ки маҳалли ақл аст, заиф гашта буд"[8].

Бо ин ҳам, Шамс ӯро ба маротиб бартар аз он Суҳравардии дигар медонад ва мегӯяд: Сухани ӯ Шиҳоби Суҳравардиро бо суханаш фурӯ бурдӣ[9]. Ва ин Суҳравардии дигар Шиҳобуддин Абуҳафс Умар ибни Муҳаммади Суҳравардӣ, нависандаи "Авориф-ул-маориф" ва муассиси фирқаи суҳравардия аст, ки дар замони Шамс маъруфияти зиёде дошт ва мавриди ситоиши Саъдии Шерозӣ ва Авҳадуддини Кирмонӣ ҳам буд[10].

Шайхи ишроқ бо вуҷуди умри кӯтоҳ ва пурмашғалааш китобҳо ва рисолаҳои зиёде аз худ ба ҷо гузошта аст, ки ағлаб ба арабӣ аст[11]. Муҳимтарин ва маъруфта-

---

[8] Мақолоти Шамс, Шамсуддин Муҳаммади Табрезӣ. Бозхонии мутун – 2. Нашри Марказ, чопи аввал, 1373, с. 38.

[9] Ҳамон ҷо, с. 39.

[10] Ташобеҳи исмии ин ду Суҳравардӣ, ки ба фосилаи даҳ сол дар Суҳраварди Зинҷон мутаваллид шуданд, суитафоҳумҳое ба бор оварда аст. Ҳатто Қутбуддини Шерозӣ, шореҳи "Ҳикмат-ул-ишроқ"-и Шайхи ишроқ дар муқаддамае, ки бар ин китоб навиштааст, аз шайх ба номи "Абулфатҳ Умар ибни Муҳаммад Суҳравардӣ" ёд мекунад. (Ҳикмат-ул-ишроқ, Шайхи шаҳид Шиҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Тарҷима ва шарҳ аз Саййид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, чопи дувум, 1357, с. 2).

Абуҳафс Умар ибни Муҳаммади Суҳравардӣ дар соли 539 мутавалид шуд ва дар соли 623 ҳиҷрии қамарӣ дар Бағдод даргузашт. Шайх Зиёуддин Абуннаҷиб Суҳравардӣ амуи Абуҳафс ва муршидаш буд ва Абуҳафс дар китоби "Авориф-ул-маориф" ба дафаъот аз ӯ ёд карда ва суханони ӯро нақл кардааст. (Авориф-ул-маориф, Шайх Шиҳобуддини Суҳравардӣ. Тарҷимаи Абумансур ибни Абдулмуъмини Исфаҳонӣ. Ба иҳтимоми Қосим Ансорӣ. Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Чопи дувум, 1374.)

[11] Феҳристи осори Шайхи ишроқ дар интиҳои тазкираи шайх дар китоби "Нуҳзат-ул-арвоҳ"-и Шаҳрзӯрӣ омада аст. (Нуҳзат-ул-

рин китобаш “Ҳикмат-ул-ишроқ” аст, ки дар ташреҳ ва табйини фалсафаи худ навишта ва ба гуфтаи Ҳонри Корбен гӯё ҳамаи навиштаҳои дигари шайх дебочае аст барои ин китоб[12]. Он чи аз ҳақоиқи ҳикмати ишроқ, ки бо таркиби фархундаи завқу истидлол дар китобҳо ва рисолаҳои дигар ба сурати пароканда ва гузаро маҷоли баён меёфт, дар ин китоб ба сурате мудавван ва якҷо фароҳам омада аст ва ба тартиб марҷаъи гаронбаҳое падид омада, ки китоби муқаддаси пайравони ӯ қаламдод мешавад. Худи шайх дар муқаддамаи ин китоб аз китобҳои дигаре, ки қаблан навишта аст, зикре ба миён меоварад ва мегӯяд, ки ағлаби он китобҳоро ба шеваи машшоиён навишта аст ва ин китобро ба шеваи дигар ва мегӯяд: “Ҳақоиқ ва матолиби он нахуст барои ман аз роҳи фикру андеша ҳосил наёмада аст ва балки ҳусули онҳо ба амре дигар буд”, ки манзур ҳамон “завқу кашфу шуҳуд” бошад.[13] Қутбуддини Шерозӣ дар муқаддамае, ки барои ин китоб навиштааст, мегӯяд:” ин китоб шомили муҳимтарин ва судмандтарин масоили ҳикмати баҳсӣ ва аз сӯйи дигар муштамил бар волотарин ва рӯшантарин масоили ҳикмати завқӣ аст. Чи он ки Шайхи ишроқ дар ҳарду бахши ҳикмати завқӣ ва баҳсӣ саромади доноёни замони худ буда ва ба жарфои ин ҳар ду расида аст”.[14]

Талфиқи ҳикмати баҳсӣ ва ҳикмати завқӣ бо иттико ба таъолими Эрони бостон, ки ба гуфтаи ҳамаи муфассирон боризтарин ва арзишмандтарин дастоварди шайх

арвоҳ ва равзат-ул-афроҳ (Торих-ул- ҳукамо), сс. 463 ва 464; Маҷмуаи мусаннафоти Шайхри Ишроқ, ҷилди севум, сс 19 ва 20.

[12] Торихи фалсафаи исломӣ, с. 291.

[13] Ҳикмат-ул-ишроқ, с. 18.

[14] Ҳамон ҷо, с. 2.

ва талиъаи эҳёи ҳикмати ишроқ буда аст, дар ин китоб буд, ки сурати қатъӣ ёфт.[15]

---

[15] Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ эҳёкунандаи ҳикмати ишроқро нахустин мутафаккири эронӣ медонад, ки ҳамаи шеваҳои фикрии Эронро ба хубӣ мешинохт ва бо дарҳам омехтани онҳо низоми навине ба вуҷуд овард. (Сайри фалсафа дар Эрон, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, тарҷимаи А. Ҳ. Ориёнпур, интишороти Амири Кабир, чопи чаҳорум, 1357, сс. 96-113).

Марҳум Муҳаммад Муин дар мақолае ба номи "Ҳикмати ишроқ ва фарҳанги Эрон" шарҳи мабсуте дар бораи мабонии назарии ҳикмати нурия ва савобиқи он дар Эрони бостон ва пайравони Шайхи ишроқ ба даст додааст. Ин мақола барои аввалин бор дар маҷаллаи "Омӯзиш ва парвариш" (соли 24, обони 1328, шумораҳои 2 то) 8 ба чоп расид ва сипас дар: Муҳаммад Муин. Маҷмуаи мақолот. Ба кӯшиши Меҳдухти Муин. Интишороти Муин, чопи дувум 1368, ҷилди аввал, сс. 379-457)

Ҳамчунин: Ҳонри Корбен. Равобити ҳикмати ишроқ ва фалсафаи Эрони бостон (Муҳаррикҳои зартуштӣ дар фалсафаи ишроқ). Тарҷимаи Аҳмад Фардид ва Абдулҳамид Гулшан. Интишороти Анҷумани эроншиносӣ, 1325.

Самад Муваҳҳид. Сарчашмаҳои ҳикмати ишроқ: нигоҳе ба манобеъи фикрии Шайхи ишроқ Шиҳобуддини Суҳравардӣ. Интишороти Фаровон, чопи аввал, 1374.

Дориюши Шойгон. Ҳонри Курбен: Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. Тарҷумаи Боқир Парҳом. Нашр ва пажуҳиши Фарзонрӯз. Чопи дувум, 1373, сс. 205-229 ва сс. 285-331.

Моҷид Фахрӣ. Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом. Маркази нашри донишгоҳӣ, чопи аввал, 1372, сс 313-325. ("Макотиби фалсафии баъд аз Ибни Сино". Тарҷумаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ).

Муаррихони ғарбӣ умуман Ибни Рушдро (520-595) охирин файласуфи бузурги исломӣ медонанд. Осори Суҳравардӣ бар хилофи осори салафи бузургаш Ибни Сино ба лотин тарҷима нашуд ва ӯ дар Ғарб ношинохта монд. Ҳамзамон бо густариши доманаи фалсафаи машшо ба ҷониби Ғарб (аз тариқи Ибни Рушд ва дигарон), нуфузи Суҳравардӣ ва ҳикмати ишроқ дар тафаккури исломӣ (бахусус дар мазҳаби шиа) фузунӣ гирифт ва умқи бештаре ёфт. Дар ин боб:

Сайид Ҳусейни Наср. Шиҳобуддин Суҳравардии мақтул. Тарҷимаи Ризо Нозимӣ. Дар: Торихи фалсафа дар ислом, ба кӯшиши

Бар асоси ҳамин гуфтаи шайх дар муқаддимаи “Ҳикмат-ул-ишроқ” ва ин истинбот, ки манзури ӯ аз “порае китобҳои дигар, ки дар рӯзгори ҷавонӣ” навиштааст[16], “Алвоҳи имодӣ” ва “Ҳаёкали нур” ва рисолаҳои кӯтоҳи форсии ӯст, осори ӯро аз назари замони навишта шудан ба се бахш тақсим кардаанд: рисолаҳои ирфонӣ, ки дар ҷавонӣ, рисолаҳои машшоӣ, ки дар нимаи умр ва осори ишроқӣ, ки дар поёни умр навиштааст.[17]

Аз чиҳилу нуҳ китобу рисолаи Шайхи ишроқ, ки Шаҳрзӯрӣ дар китоби “Нузҳат-ул-арвоҳ” баршумурдааст, фақат сездаҳ рисола ба забони форсӣ мавҷуд аст ва аз ин рисолаҳо панҷ рисола: “Алвоҳи имодӣ”, “Ҳаёкали нур”, “Партавнома”, “Яздоншинохт” ва “Бустон-ул-қулуб” рисолаҳои сирфан фалсафианд, ки дар онҳо ба

---

М.М. Шариф. Маркази нашри донишгоҳӣ, чопи аввал, 1362, ҷилди аввал, сс. 529-560.

[16] Ҳикмат-ул-ишроқ, с. 18.

[17] Дар охирин лавҳ аз “Алвоҳи имодӣ” (лавҳи чаҳорум) мегӯяд: “уламои мутаалеҳрост асроре дар чигунагии халос ёфтани нафс ба олами ҳақ ва дар “Ҳикмат-ул-ишроқ” ба он ишорат карда омад”.

Маҷмуаи мусаннафоти Шайхи ишроқ, с. 191.

Худи шайх дар поёни “Ҳикмат-ул-ишроқ” торихи итмоми китобро ҷумодиюлохири 582 қайд карда ва дар айни ҳол гуфтааст, ки навиштани он ба хотири сафарҳо ва гирифториҳои мухталиф бо вақфаҳои тӯлонӣ ҳамроҳ буд. Ниг.:

Шиҳобиддин Яҳё Суҳравардӣ. Маҷмуаи мусаннафоти Шайхи ишроқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳонри Курбен. 1355, ҷилди дувум, сс. 258 ва 259.

Пайдост, ки шайх баъзе рисолаҳои кӯтоҳашро дар ҳини навиштани ин китоби асосӣ, ки маромномаи ҳикмати ишроқ шумурда мешавад, навиштааст.

Тақсимбандии осори ӯ ба се давраи осори ҷавонӣ (рисолаҳои ирфонӣ), осори нимаи умр (машшоӣ) ва осори ишроқӣ ибтидо аз ҷониби Луи Мосинуюн анҷом гирифт. Аммо оқои Саййид Ҳусейни Наср ин тақсимбандиро мардуд медонанд. Ниг.:

Маҷмуаи мусаннафоти Шайхи ишроқ, ҷилди севум, с. (70).

мабоҳиси марбут ба илми нафс ва илоҳиёту мантиқ ва воҷиб-ал-вуҷуд ва олами арвоҳу олами аҷсом мепардозад. Дар сиҳҳати интисоби ду рисола аз ин панҷ рисола – “Яздоншинохт” ва “Бустон-ул-қулуб” ба Шайхи ишроқ тардидҳое вуҷуд дорад ва бархе аз муҳаққиқин рисолаи аввалро ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва “Бустон-ул-қулуб”-ро ба Ибни Сино ва Хоҷа Насири Тӯсӣ ва дигарон нисбат додаанд. Аз ҳашт рисолаи боқимонда, ки ба рисолаҳои ирфонии Шайхи ишроқ маъруфанд, як рисола – “Сафири Симурғ” мақолаест устодона дар бораи ирфон ва фишурдаест дар бораи мадориҷи сулук ва асрори маърифат ва ҳукми китоби комилеро дорад, ки гӯё ба зарурат ба сурати мақолае кӯтоҳ ва хонданӣ даромадааст, то дар канори рисолаҳои ирфонии дигар ҷойи худашро пайдо кунад. Ҳафт рисолаи дигар рисолаҳои достонии Шайхи ишроқанд ва дар ҳамин рисолаҳост, ки нубуғи шайх ба боризтарин ваҷҳи мумкин таҷаллӣ меёбад. Ҳикмати ишроқ дар ин рисолаҳои кӯтоҳ зебандатарин қолаби адабии худро барои аввалин ва охирин бор ёфтааст ва печидатарин мабоҳиси фалсафӣ ва ирфонӣ бо забоне сода ва бидуни такаллуф ва ба гӯётарин ва дилчасптарин сурати мумкин баён шудаанд. Ин муъҷизаест, ки аз талоқии халлоқияти як зеҳни ҷавон ва пуршӯр бо як забони қудратманд ва пур аз қобилиятҳои бикр ва боварнакарданӣ ҳосил мешавад. Ва ин муъҷиза фақат як бор иттифоқ меуфтад ва фақат як бор иттифоқ уфтода аст: зуҳури рисолаҳои достонии Шайхи ишроқ як иттифоқи истисноӣ ва беназир дар адабиёти форсӣ аст ва Шайхи ишроқ эҳёкунандаи ҳикмати ишроқ ва ирфони эронӣ ва нависандаи ин рисолаҳо бидуни тардид як нобиға аст. Ӯ шояд (ба ҷуз Ҳофиз) танҳо нависанда ва мутафаккири эронӣ бошад, ки бидуни ҳеҷ воҳимае метавон “нобиға”-аш номид.

❁ ❁ ❁

Дар бораи замони навишта шудани ин рисолаҳо ва тақаддуму тааххури онҳо нисбат ба ҳамдигар ҳеч иттилои мувассақе дар даст нест. Аммо тартиби ин рисолаҳо дар вероиши мо бар асоси иртиботи достонии онҳо бо ҳамдигар таъйин шудааст. Нуқтаи ҳаракати шайх дар мавриди рисолаҳои ирфонӣ ҳам, ҳамон тавр, ки дар мавриди фалсафааш дидем, Ибни Синост[18]. Се достони тамсилии Ибни Сино – “Саломон ва Абсол” , “Ҳай ибни Яқзон” ва “Рисолат-ут-тайр” мавриди таваҷҷуҳи шадиди шайх буданд: дар сароғози рисолаи “Ғурбат-ул-ғарбия” ба рисолаҳои “Саломон ва Абсол” ва “Ҳай ибни Яқзон” ишора мекунад ва мегӯяд, ки пас аз хондани “Ҳай ибни Яқзон” ба фикри навиштани “Ғурбат-ул-ғарбия” уфтода аст ва ин рисолаашро дар воқеъ такмилае медонад бар рисолаи Ибни Сино[19]. Ва “Қис-

---

[18] “Вай дар авохири умр ба ҳикмати ишроқ ва усули тасаввуф гароид. Файласуфи маъруфи Шарқ, ки ишқро аз ақсоми марази мохулиё медонист ва умреро дар саллим ва лонусаллими ақволи файласуфон гузаронида буд ва барои толибилмон ба таснифи кутуб ва шарҳу тафсири ақволи фалосафа мепардохт, дар авохири умр “Рисолат-ул-ишқ” навишт ва дар намати ошири “Ишорот” ба бисёре аз ақволи файласуфон (?) (ба эҳтимоли зиёд орифон– Қ.Р.) таваҷҷуҳи махсусе мабзул дошт. Дар шарҳи ҳоли ӯ овардаанд, ки вайро бо Абусаиди Абулхайр мукотиботе будааст ва ҳатто баъзе аз ин мукотиботро низ нақл кардаанд”. Ниг.:

Сайид Содиқ Гавҳарин. Ҳуҷҷатулҳақ Абӯалӣ Сино. Интишороти Тӯс, чопи севум, 1356, с. 351.

Дар се намати охири китоби “Ишорот ва танбеҳот” (намати 8 то 10), ки охирин асари умдаи Ибни Синост, мабоҳиси ирфонӣ матраҳ шудааст. Дар намати даҳум дар бораи каромоти урафо ва хориқи одат баҳс кардааст. Ниг.:

Ҳасани Маликшоҳӣ. Тарҷима ва шарҳи “Ишорот ва танбеҳот”-и Ибни Сино. Интишороти Сурӯш, чопи дувум, 1368, сс. 413-493.

[19] “Ҳай ибни Яқзон”-ро Ибни Сино замоне ки дар қалъае дар наздикии Ҳамадон зиндонӣ буд, навишт, дар 414 ҳиҷрӣ. Ниг.:

Муҷтабо Минуӣ. Нақди ҳол. Интишороти Хоразмӣ, чопи аввал, 1351. С. 167.

Рисолаи "Ҳай ибни Яқзон" дар замони ҳаёти Ибни Сино ё чанд соле пас аз марги ӯ ба форсӣ тарҷима ва шарҳ шуда аст. Матни комили ин рисола ҳамроҳ бо тарҷима ва шарҳи форсӣ ва тарҷимаи фаронсавии он дар китоби "Ибни Сино ва тамсили ирфонӣ"-и Ҳонри Курбен, ки ба муносибати ҷашни ҳазораи Ибни Сино мунташир шуд, чоп шудааст.

Ҳонри Курбен. Ибни Сино ва тамсили ирфонӣ, ҷилди аввал: қиссаи Ҳай ибни Яқзон. Интишороти Анҷумани осори миллӣ, 1331.

Мазияти чопи тозаи ин матн, ки айнан аз рӯйи чопи қаблӣ уфсет шудааст, афзудани тарҷимаи форсии тавзеҳоти Ҳонри Курбен дар бораи ин рисола ва баъзе ҳавошии ӯст ба матни рисола. Ниг.:

Ибни Сино. Ҳай ибни Яқзон. Тарҷима ва шарҳи форсӣ мансуб ба Ҷузҷонӣ, ба тасҳеҳи Ҳонри Курбен. Маркази интишороти донишгоҳӣ, чопи севум, 1366.

Ин тарҷима, чунонки мутарҷим дар муқаддима мегӯяд, ба суфориши Алоуддавла Абуҷаъфар ибни Кокуя анҷом гирифта ва ин Алоуддавла ҳамон амирест, ки Ибни Сино "Донишномаи Алоӣ"-ашро ба номи ӯ навишт. Алоуддавла дар замони султон Маҳмуд ҳокими Исфаҳон буд ва дар авохири салтанати Маҳмуд, Масъуди Ғазнавӣ ӯро аз ҳукумат халъ кард. Аммо Масъуд пас аз бозгашт ба Ғазнин ва султон шуданаш, ҳукумати Исфаҳонро ба ӯ дод. Алоуддавла то соли 433 зинда буд ва тарҷимаи рисола лобуд байни солҳои 414 ва 433 анҷом гирифта ва агар ҳадси марҳум Маҳдии Баёниро бипазирем, ки гуфта аст, ҳангоми тарҷима худи Ибни Сино зинда буда, пас ин тарҷима бояд қабл аз соли 428 анҷом шуда бошад. Дар бораи худи мутарҷим тардидҳое вуҷуд дорад, аммо марҳум Маҳдии Баёнӣ, ки гузидае аз ин тарҷимаро чоп карда, муътақид аст, ки ин тарҷима ба эҳтимоли қавӣ кори Абуубайди Ҷузҷонӣ – шогирди Ибни Сино аст. Ниг.:

Маҳдии Баёнӣ. Намунаи сухани форсӣ (бахши нахустин аз ҷилди нахуст – насри қарни чаҳорум ва панҷум). Ширкати чопи худкор. 1317, сс. 90-93.

Ҳай ибни Яқзон, сс. ёздаҳу дувоздаҳ (тавзеҳоти Курбен)

Тавзеҳоте дар бораи ривоятҳои мухталифи ин достон ва низ достони "Саломон ва Абсол" дар китоби оқои Зиёуддин Саҷҷодӣ гирдоварӣ шудааст. Ниг.:

Ҳай ибни Яқзон ва Саломон ва Абсол, таҳқиқ ва нигориши Саййид Зиёуддин Саҷҷодӣ. Интишороти Сурӯш, чопи аввал, 1374.

саи мурғон” ҳам тарҷимае аст аз “Рисолат-ут-тайр”-и Ибни Сино. Ба эҳтимоли қавӣ “Ғурбати ғарбия”-и арабӣ ва “Қиссаи мурғон”-и форсӣ аввалин рисолаҳои ирфонии Шайхи ишроқанд. Вале он чи мелоки мо дар таъйини тақаддуми “Қиссаи мурғон” бар рисолаҳои дигар будааст, наҳваи шуруъи матлаб ва достони ҳубути мурғе аст, ки дар рисолаҳои баъдӣ ҳам ба сурати ровӣ ҳузуре фаъъол ва мустамар дорад.

Баёни ҳунармандонаи сайру сулуки маънавӣ ба шеваи рамзомез дар қолаби достони парвози мурғон, ки барои аввалин бор ба дасти Ибни Сино анҷом шуд, сармашқи бисёре аз нависандагону шоирони баъдӣ қарор гирифт ва урафо алоқаи зиёде ба такрори ин достон

---

Матни комили тарҷумаи форсӣ ва шарҳи рисолаи “Ғурбат-ул-ғарбия” дар маҷмуаи мусаннафоти Шайхи ишроқ ба чоп расида аст. Ниг.:

Маҷмуаи мусаннифоти Шайхи ишроқ. Ҷилди дувум, сс. 274-297.

Матни тарҷимаи форсии рисолаи “Ҳай ибни Яқзон”-и Ибни Сино ва тарҷимаи форсии “Ғурбат-ул-ғарбия”-и Шайхи ишроқ (бидуни шарҳ) дар пайвасти китоби “Зиндаи бедор”, ки тарҷимаест аз рисолаи “Ҳай ибни Яқзон”-и Ибни Туфайл, ба нақл аз манобеъи пешгуфта таҷдиди чоп шудааст. Ниг.:

Ибни Туфайл. Зиндаи бедор. Тарҷимаи Бадеуззамони Фурӯзонфар. Бунгоҳи тарҷима ва нашри китоб, чопи севум, 1351. Замоим: сс. 163– 183.

Матни тарҷимаи рисолаи “Ҳай ибни Яқзон”-и Ибни Сино, ки улгуи аслии Шайхи ишроқ дар навиштани қиссаҳои ин китоб будааст ва тарҷимаи рисолаи “Ғурбат-ул-ғарбия”-и Шайхи ишроқ (аз мутарҷиме ношинос) бар асоси ҳамаи манобеъи мавҷуд ва бо дар назар гирифтани ҳамаи мавориди ихтилофи нусхаҳо дар қисмати “Пайваст”-и ин китоб чоп шудааст. Матни тарҷимаи рисолаи “Ғурбат-ул-ғарбия” дар ибтидо ва интиҳои нусхаҳо уфтодагӣ дорад ва ин уфтодагиҳо дар чопҳои қаблӣ бо иншои марҳум Муҳаммади Муин сурати тармим пазируфта аст. Вероиши мо мутобиқ бо риволи маҷмуа, муттакӣ аст ба ривояти нусхаҳои хаттӣ. Аммо дар мавриди уфтодагиҳо талоше ба амал омада, ки тарҷима ба асли арабӣ ва сабки куллии матн наздиктар бошад.

нишон додаанд. Аз ҷумла, шайх Муҳаммади Ғазолӣ рисолае мустақил ба ҳамин ном навишта аст, ки бародараш Аҳмади Ғазолӣ онро ба форсӣ тарҷима карда[20]. Достони парвози мурғон ба ҷониби малакут ва вусул ба ҳазрати Симурғ дар "Мантиқ-ут-тайр"-и Аттор ба камол расид. Дар достони Шайхи ишроқ исме аз Симурғ дар кор нест. Мурғон ибтидо ба дом меуфтанд ва пас аз раҳоӣ ва убур аз кӯҳҳои нуҳгона, ба пешгоҳи "малик" мерасанд. Ҳанӯз банде дар поҳои мурғон аст, ки натавонистаанд бардоранд[21]. Худи Малик ҳам бандро барнамедорад, аммо пас аз шунидани достони онҳо ва шарҳи асораташон, расуле ба онҳо мефиристад, то ба он ки банд ба пойи онҳо гузоштааст бигӯяд, ки бандро бардорад. Шуруъи достон сеҳрангез ва хиракунанда аст. Ровӣ ибтидо аз мухотабонаш хоҳиш мекунад, ки ҳавосашонро хуб ҷамъ кунанд, то матлаби муҳиммеро ба онҳо бигӯяд. Ӯ аз сайёдон ҳарф мезанад, ки дар саҳро доме густардаанд ва баъд, мурғоне, ки бехабар ба ҷониби дом парвоз мекунанд ва он вақт, ногаҳон мегӯяд: "ва ман миёни галлаи мурғон меомадам". Мани ровӣ аз ин лаҳза қадам ба қадам, кӯҳ ба кӯҳ моро бо худаш мебарад, то ба ҳазрати Малик бирасонад ва пас аз музокироти малакутӣ ва бозгашти мурғон, ногаҳон мегӯяд: "ва мо акнун дар роҳем, бо расули Малик меоем".

Ин достонест, ки ҳаргиз тамом намешавад. Худи ровӣ дар поён шарҳ медиҳад, ки ин достонро ба иддае аз дӯстони худаш таъриф кардааст ва онҳо чунон маб-

---

[20] Достони мурғон, матни форсии "Рисолат-ут-тайр"-и Хоҷа Аҳмади Ғазолӣ, ба инзимоми "Рисолат-ут-тайр"-и имом Муҳаммади Ғазолӣ. Ба иҳтимоми Насруллоҳи Пурҷаводӣ, 1355.

[21] Дар рисолаи "Ғурбат-ул-ғарбия" ҳам пас аз вусули ровӣ ба кӯҳи Тур ва пешгоҳи падар, падар ба ӯ мегӯяд: "Неку растӣ, аммо ногузир ба зиндони ғарбӣ бозхоҳӣ гашт. Ва ҳанӯз ҳамаи бандро аз худ барнаяфкандаӣ".

ҳут ва саргашта мондаанд, ки гуфтаанд: "имкон надорад, ки ту парвоз карда бошӣ ва ба он ҷоҳои аҷибу ғариб рафта бошӣ, ки таъриф мекунӣ: ту ҳеч ҷо нарафтаӣ ва фақат хаёл мекунӣ, ки рафтаӣ ва шояд ҳам чин туи ҷилди ту рафта бошад ва моро даст андохта бошӣ".

Дар рисолаи баъдӣ ровӣ достони дидорашро бо "Ақли сурх" шарҳ медиҳад, ки худашро "аввалин фарзанди офариниш" муаррифӣ мекунад ва мегӯяд, аз кӯҳи Қоф омадааст ва мегӯяд, ки ту ҳам (ровӣ ҳам) аз кӯҳи Қоф омадаӣ ва ҳайф, ки худат хабар надорӣ. (Мурғи достони қаблӣ ҳам вақте ки ба дом уфтод, пас аз муддате ба дом одат кард ва ба куллӣ фаромӯш кард, ки замоне дар осмонҳо парвоз мекард ва аволаме малакутӣ дошт.) Ақли сурх пирест бо маҳосин ва рангу рӯйи сурх ва зоҳире ҷавон[22] ва сайёҳест дунёдида. Барои ровӣ аз аҷоиби олам ҳарф мезанад, ки ҳафт чиз аст: кӯҳи Қоф ва гавҳари шабафрӯзу дарахти Тубо ва дувоздаҳ коргоҳу зиреҳи довудӣ ва теғи балораку чашмаи зиндагонӣ. Дар ҳини тавсифи дарахти Тубо сухане аз Симурғ ба миён меояд ва ба ин муносибат ровӣ аз нақши Симурғ дар парвариши Зол ва пирӯзии Рустам бар Исфандиёр мепурсад ва пир достони Золу Симурғ ва Рустаму Исфандиёрро барои ӯ таъриф мекунад. Ривояти Ақли сурх бо ривояти "Шоҳнома" тафовутҳое дорад: дар достони Зол оҳуе (зери назари Симурғ) Золро шир медиҳад ва дар достони Рустаму Исфандиёр ин барқи пари Симурғ

[22] Пири "Ҳай ибни Яқзон" ҳам аз назари ҷавонӣ ҳеч дасти каме аз пири "Ақли сурх" надорад:

"Пире аз дур падид омад зебову фараҳманд ва солхӯрдаву рӯзгори дароз бар ӯ баромада. Ва вайро тозагии бурноон буд, ки ҳеч устухони вай суст нашуда буд ва ҳеч андомаш табоҳ набуд ва бар вай аз пирӣ ҳеч ҳеч нишоне набуд ҷуз шукӯҳи пирон". Ниг.:

Пайваст: қиссаи "Зиндаи Бедор".

аст, ки ба чашмҳои Исфандиёр метобад ва кори ӯро месозад, на тири Рустам[23].

Дар рисолаи "Фӣ ҳолати туфулият" ровӣ шарҳ медиҳад, ки иддае кӯдак аз канори ӯ мегузаранд. Онҳо ба "мактаб" меравандд, он ҳам барои таҳсили "илм". Ровӣ мепурсад "илм чӣ бошад?" Ҷавоб медиҳанд, ки "аз устод бипурс!" Устод пешопеши онҳо ҳаракат мекунад ва ровӣ пас аз рафтани онҳо ба ин сарофат меуфтад, ки устодро пайдо кунад. Устодро пайдо мекунад ва идомаи рисола моҷарои гуфтугӯйи ӯст бо устод. Ин аввалин омӯхтаҳои ровӣ аст дар боби маърифат. Ҳатто устод асроре дар бораи "самоъ" ва "рақс" ва "даст барафшондан" ва "хирқа дур андохтан" ба ӯ мегӯяд, то ӯро барои вуруд ба мароҳили баъдӣ омода кунад.

Дар рисолаи "Рӯзе бо ҷамоати суфиён" ҳар касе аз мулоқоти шайхи худ ҳикояте мегӯяд ва ровӣ ҳам моҷарои худашро бо шайхи худаш таъриф мекунад: ба шайх гуфта аст, ки аз ростаи ҳаккокон рад мешуда ва шарҳе аз кори ҳаккокон ба даст медиҳад. Ин гуфтугӯ шайхро ба ёди матлабе меандозад ва достони ҳаккокеро таъриф мекунад, ки "нуҳ ҳуққа офарид ва ҷавҳаре дар миёни онҳо таъбия кард". Ровӣ мегӯяд "пиндорӣ ман низ дар миёни он ҳуққаам". Аммо аз шайх хоҳиш мекунад, ки шарҳи бештаре бидиҳад ва шайх ба ночор тавзеҳ медиҳад, ки манзураш аз "нуҳ ҳуққа" нуҳ фалак аст ва тафсири мабсуте дар бораи афлок ва моҳу офтобу ситорагон изофа мекунад.

---

[23] Дар бораи ишороти Шайхи ишроқ ба асотири эронӣ ва румузи ин рисола (ва низ рисолаҳои дигари Шайхи ишроқ ва "Ҳай ибни Яқзон"-у "Саломон ва Абсол"-и Ибни Сино) тавзеҳоти муфассале дар китоби "Рамз ва достонҳои рамзӣ" омада аст. Ниг.:

Тақӣ Пурномдориён. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ. Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364. Сс 160-171 ва сс 293-296 ва 316-329.

Ин танҳо мавриде аст, ки дар худи рисола ба чунин шарҳу басте дар бораи рамзу розҳо бармехурем. Дар рисолаҳои дигар, маъмулан кори тафсири асрор ба хонанда ё ба шореҳон ва муфассирон вогузор мешавад.

Рисолаи баъдӣ – "Овози пари Ҷабраил" – яке аз печидатарин рисолаҳои Шайхи ишроқ аст, ки шарҳҳо ва тафсирҳои мутаъаддиде дар бораи он навишта шуда[24]. Ровӣ ин ҷо аз ҳуҷраи занон ва доираи тифлон берун меояд ва дар канори сарои мардон, бо даҳ пири "хубсимо" дидор мекунад, ки бар суффае нишастаанд. Ва яке аз он пирон ба ровӣ мегӯяд, ки "мо ҷамоате муҷаррадонем, аз ҷониби Нокуҷообод расида". Ровӣ сари суҳбатро бо он пир "ки бар канораи суффа буд" боз мекунад ва пир тавзеҳ медиҳад, ки кори мо "хайётат" аст ва дар зимн дар бораи кӯзае ёздаҳтуӣ, ки дар он давру бар уфтодааст ва "регчаи мухтасар"-е, ки дар канори кӯза аст, тавзеҳоте ба ровӣ медиҳад. Ровӣ дар ибтидои достон ба ду дар ишора мекунад, ки яке ба шаҳр боз мешавад ва яке ба саҳро. Ровӣ дар ҳамон ибтидо, дари шаҳрро мебандад ва дари саҳроро боз мекунад ва дар интиҳои достон мегӯяд, "дари берунӣ бибастанд ва дари шаҳр бигшоданд ва бозориён даромаданду ҷамоати пирон аз чашми ман нопадид шуданд".

Дар шарҳе, ки дар авохири қарни ҳафтуми ҳиҷрии қамарӣ бар ин рисола навишта шудааст, манзур аз "дари шаҳр"-ро "олами аҷсом" ва манзур аз "дари саҳро"-

---

[24] Дар муқаддимаи рисола Шайх шарҳ медиҳад, ки ин рисоларо пас аз шунидани ришханди абулфузуле бар сухане аз Абӯалии Формадӣ навишта аст. Абӯалии Формадӣ аз урафои муосири Абӯсаиди Абулхайр буд ва дар китоби "Асрор-ут-тавҳид" ҳикоёте аз қавли ӯ дар бораи шайх Абӯсаид нақл шудааст. Ниг.:

Муҳаммад ибни Мунаввари Меҳнӣ. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абисаид. Муқаддима, тасҳеҳ ва таъliқоти Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Интишороти "Огоҳ", чопи севум, 1371, бахши аввал, сс. 118 ва 119 ва сс. 180-183.

ро “олами арвоҳ” донистаанд. Ба эътибори ин шарҳ, “ҳуҷраи занон” иборат аст аз “алоиқи ҷисмонӣ” ва “сарои мардон”, яъне “олами руҳонӣ” ва “даҳ пири хубсимо” ҳамон “уқули даҳгона”-анд ва “пире, ки бар канораи суффа буд”, ақли фаъъол аст ва “хайётат”, яъне “сурат бахшидан” ба маводди мустаъид” ва манзур аз “рақваи ёздаҳтуӣ” чизе нест, магар – нуҳ фалак + унсури норӣ ва унсури ҳавоӣ – ва “регчаи мухтасар”, яъне “замин” ва “ҳиҷо”-е, ки парда аз асрор бармедорад, “илми мантиқ” аст ва “илми абҷад”, яъне “ҳикмат” ва пари рости Ҷабраил музоф астӣ ба ҳаққ, ки “вуҷуб ва вуҷуд” бошад ва пари рости ӯ музоф аст ба худ, ки “имкон ва адам” бошад[25].

“Луғати мӯрон” рисолае аст бо соҳате ба куллӣ мутафовит бо рисолаҳои достонии дигар. Дар ин рисола ба ҷойи як достон чандин ҳикояти мухталифро мехонем: ҳикояти мӯрон ва баҳси онон бар сари ин ки жолае, ки дар субҳидам бар сари барге нишастаастро асл аз замин аст ё аз ҳаво, ҳикояти локпуштон ва баҳси онон бар сари ин ки мурғе, ки бар рӯйи об бозӣ мекунадро асл аз об аст ё аз ҳаво ва ҳикояти андалиб ва мушкили дидори ӯ бо Суалймон, ки Сулаймон дар хонаи ӯ намегунҷад ва андалиб чорае надорад, ки қадам ранҷа фармуда худ ба дидори ӯ биравад. Ва дигар: ҳикояти хуффошон бо офтобпараст, ки ӯро асир мекунанд ва ба унвони муҷозот маҳкум мекунанд, то дар маърази офтоб қарор бигирад ва ҳикояти ҳудҳуд бо бумон, ки меҳмони онон буд ва субҳ, ки шуд, роҳ уфтод,

---

[25] Шарҳи “Овози пари Ҷабараил”, навиштаи шореҳе ношинос, аз рӯйи нусхаи мунҳасир ба фарде дар Китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон, ки дар соли 731 ҳиҷрии қамарӣ китобат шуда, ба тасҳеҳи оқои Масъуд Қосимӣ ба чоп расидааст. Ниг.:

Шарҳи “Овози пари Ҷабраил”, ба тасҳеҳи Масъуд Қосимӣ. Маориф. Давраи аввал, шумораи аввал, фарвардин – тири 1363. С. 77-99.

то биравад ва бумон масхарааш карданд, ки “ин чӣ вақти роҳ уфтодан аст?” Ва баҳси онон бар сари рӯшноии рӯз ва ин ки ҳудҳуд ба ночор худашро ба кӯрӣ мезанад, то ба ӯ душном надиҳанд ва зери мушту лагад реза-резааш накунанд. Ва чанд ҳикояти дигар ва зикре аз ҷоми гетинумойи Кайхусрав ва мунозараи Идрис бо Моҳ ва дар ниҳоят пайвастани аҷзои пароканда ба як воҳиди кулл ва ин ки дар ҳазрати Хуршед чароғ бурдан ҷоиз нест.

Рисолаи “Сафири Симурғ”,ки рисолаест бо фаслбандии дақиқ ва ҳисобшуда ва мақолае аст “дар аҳволи ихвони таҷрид”[26] бо муқаддимае дар тавсифи Симурғ оғоз мешавад. Ин Симурғе, ки “ҳамаи нақшҳо аз ӯст ва ӯ худ ранг надорад” ва “дар Машриқ аст ошёни ӯ ва Мағриб аз ӯ холӣ нест” ва “ҳама ба ӯ машғуланд ва ӯ аз ҳама фориғ” аст, ҳамон Симурғе аст, ки Аттор дар “Мантиқ-ут-тайр” хабарашро аз нигористони Чин медиҳад ва мегӯяд, паре аз ӯ дар миёни “Чин” уфтод ва аз он пар ғавғое дар ҷаҳон бапо хост: ҳар касе нақше аз он пар баргирифт ва ҳар касе, ки нақше аз он пар дид, коре дасти худаш дод ва даст ба коре зад. Ҳар чи ҳар ҷо ҳаст, аз баракати он пар аст ва ҳар ки ҳар ҷо меравад, ба он ҷо меравад[27]. Ин рисола бо ин ки ба худии худ

---

[26] “Ихвони таҷрид” касонеро гӯянд, ки аз алоиқи моддӣ бурида бошанд” ва “муҷаррад” касест, ки “аз матоъ ва баҳраҳои дунявӣ қатъи алоқа карда”.

Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. Китобхонаи Туҳурӣ, 1370.

Ва Шайхи ишроқ дар “Партавнома” мегӯяд “филҷумла, камоли мардум дар таҷарруд аст аз моддат ба қадри тоқат ва ташаббуҳ ба мабодӣ. Ва чун ин малакоти ахлоқ ва улум ӯро ҳосил шавад, баъд аз муфориқат лаззате ёбад, ки онро васф натвон кард”.

Маҷмуаи мусаннафоти Шайхи ишроқ, ҷилди севум. С. 69.

[27] Шайх Фариддадин Муҳаммад Аттори Нишобурӣ. Мантиқ-ут-тайр. Ба иҳтимом ва тасҳеҳи Сайид Содиқ Гавҳарин. Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, чопи ёздаҳум, 1374, с. 41.

ҷанбаи достонӣ надорад ва зоҳиран мақолае аст муҷаррад дар бораи "ашрафи улум" ва мақомоти сулуку "маърифат", ҳалқаи занҷирест, ки шаш рисолаи қаблиро ба охирин рисола пайванд медиҳад. Ин рисола дар шаш фасли муҷаззо мурури аст бар сулуки ровӣ, ки дар ибтидо парандае буд, ки ба дом уфтод, ба шавқи талаб бо дӯстон роҳӣ шуд, ба ҳузури устод рафт ва ба касби илму маърифат пардохт ва мадориҷи муқаддамотиро тай кард, то ба мартабаи оромиш (сакина) ва он гоҳ ба фано расид, ориф шуд ва ба "маркази асрори ҳақ" даст ёфт, яъне ба ишқ. Дар фасли охири рисола, фасли "исботи лаззат ва муҳаббат", ҳикояти Абулҳусайни Нурӣ ва гурӯҳе аз аҳли тасаввуфро таъриф мекунад, ки дар рӯзгори Ҷунайд ба ҷурми баёни ҳамин матлаб, яъне исботи лаззату муҳаббат такфир шуданд ва халифа ҳукми қатлашонро содир кард. (Ҳарчанд ки ин ҳукм дар охирин лаҳза ботил шуд,)[28]. Ва низ ишораи кӯтоҳе мекунад

[28] Сурати муфассали ин ҳикоятро дар "Кашф-ул-маҳҷуб" мехонем, ки Аттор айнан дар "Тазкират-ул-авлиё" нақл кардааст. Ва андар ҳикоят машҳур аст, ки чун Ғулом Халил бо ин тоифа адовати худ зоҳир кард ва бо ҳар як дигаргуна хусумате пеш гирифт, Нурӣ ва Раққому Бу Ҳамзаро бигирифтанд ва ба дорулхилофа бурданд. Ва Ғулом Халил гуфт: "ин қавмеанд, ки аз занодиқаанд. Агар амиралмуъминин ба куштани эшон фармон диҳад, асли занодиқа муталошӣ шавад, ки сари ҳамаи ин гурӯҳанд. Ва агар ин хабар бар дасти вай бароял, ман вайро зоминам ба музде бузург".

Халифа дар вақт бифармуд, ки гарданҳои эшон бизананд.

Сайёф биёмад ва он ҳар серо даст барбаст. Чун қасди қатли Раққом кард, Нурӣ бархост ва ба ҷойгоҳи Раққом бар дастгоҳи сайёф барнишаст, ба тарабе ва таваъе тамом.

Мардумон аҷаб дошатнд.

Сайёф гуфт: "Эй ҷавонмард, ин шамшер чунон чизе марғуб нест, ки ба ин рағбат пеши ин оянд, ки ту омадӣ. Ва ҳанӯз навбат ба ту нарасидааст".

Гуфт: "Оре, тариқати ман мабнӣ бар исор аст ва азизтарини чизҳо зиндагонӣ аст. Мехоҳам то ин нафасе чанд андар кори ин бародарон кунам, ки як нафаси дунё бар ман дӯсттар аз ҳазор соли

ба достони эҳзори Зуннуни Мисрӣ аз Миср ба Бағдод ва маҳбус шуданаш[29].

Ва он гоҳ навбат мерасад ба рисолаи охир: рисолаи "Мунис-ул-ушшоқ" ё "Фӣ ҳақиқати ишқ". Инҷо дигар ҳеч ровӣ ва "ман"-у "мо"-е дар кор нест. Бидуни ҳеч муқаддимае вориди матлаб мешавем ва моҷарои се бародарро, ки аз ҷавҳари "ақл" офарида шуданд, мурур ме-

---

охират аст. Аз он ҷӣ ин сарои хидмат аст ва он сарои қурбат аст. Ва қурбат ба хидмат ёбанд".

Ин сухан соҳиббарид баргирифт ва ба халифа рафт. Ва халифа аз риққати табъ ва диққати сухани вай андар чунон ҳол мутааҷҷиб шуд ва кас фиристод, ки "андар амри эшон тавақкуф кунед!"

Абулҳасан Алӣ ибни Усмон Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ. Кашф-ул-маҳҷуб. Тасҳеҳи Жукуфски. Бо муқаддимаи Қосим Ансорӣ. Интишороти Туҳурӣ, 1358. Сс. 237 ва 238.

Шайх Фаридаддини Аттори Нишобурӣ. Тазкират-ул-авлиё. Баррасӣ, тасҳеҳи матн, тавзеҳот ва фаҳориси Муҳаммад Истеъломӣ. Интишороти Заввор, чопи севум, 1360, сс. 466 ва 467.

[29] Сурати муфассали ин ҳикоят дар «Тазкират-ул-авлиё" омадаает:

Нақл аст, ки чун кори ӯ баланд шуд, аҳли Миср ӯро ба зандақа мансуб карданд. Ва Мутаваккилро, ки халифаи аср буд, хабар карданд аз аҳволи ӯ. Пас халифа кас фиристоду ӯро бихонд. Ба Бағдод омад. Ва банд дар пойи ӯ ниҳоданд.

Чун ба даргоҳи халифа расид, пирзане нишаста буд ва пеши ӯ омаду гуфт: "Зинҳор то аз вай натарсӣ, ки ӯ ҳамчун ту бандаест аз бандагони Худой. То Худо нахоҳад, ҳеч натвонад кард". Пас гуфт, дар роҳ саққоеро дидам ороста ва покиза. Обе ба ман дод. Ва ба касе ишорат кардам, ки бо ман буд ва як динор ба вай дод. Нагирифт ва гуфт: "ту асиру ғариб ва дар бандӣ, ҷавонмардӣ набошад аз чунин касе чизе гирифтан".

Пас, фармон омад, ки "ӯро ба зиндон баред!"

Ба зиндон бурданд.

Ва чиҳил шабонарӯз дар ҳабс бимонд. Ҳар рӯз хоҳари Бишри Ҳофӣ як қуср барои ӯ мефиристод. Он рӯз, ки аз зиндон берун омад, чиҳил қурс монда буд. Хоҳари Бишр гуфт: "ту медонӣ, ки ин қурсҳо ҳалол буд ва беминнат, чаро ба кор набурдӣ?" Гуфт: "табақаш пок набуд", яъне ба дасти зиндониён гузар мекард.

Тазкират-ул-авлиё, сс. 143 ва 144.

кунем: Ҳусн (бародари бузургтар), ки бо як лабхандаш ҳазор малики муқарраб падид омад ва Ишқ (бародари васатӣ), ки бо дидани Ҳусн “шӯре дар вай уфтод” ва Ҳузн (бародари кӯчактар), ки ба бародари васатӣ овехт ва “аз ин овезиш осмону замин пайдо шуд”. Пас аз хилқати Одам Ҳусн ба тамошои ӯ рафт ва ду бародари дигар ҳам ба дунболи Ҳусн рафтанд. Ҳусн дар мамлакати Одам мустақар шуд, аммо Ишқро ба он ҷо роҳ надоданд ва ин буд, ки дасти Ҳузнро гирифт ва бо аҳли малакут, ки подшоҳӣ ба Ишқ дода буданд, ҳамагӣ аз дур ба ҷониби даргоҳи Ҳусн саҷда карданд.

Талфиқи достони ин се бародар бо қиссаи Юсуф ва Зулайхо абъоди ҳайратангезе ба ин рисола медиҳад: Ҳусн муддатест, ки аз вуҷуди Одам берун омада. Пайдост, ки вуҷуди Одам дигар чанге ба дилаш намезанад. Ҷойи хубу муносибе барои иқомати худ суроғ надорад. Дилхур ва пакар дар гӯшае киз карда ва мунтазир аст, то дубора фурсате пеш ояд, даре ба тахтае бихӯрад ва ҷойи хубу муносибе барои истиқрор пайдо кунад. Ба ӯ хабар медиҳанд, ки Юсуф аз роҳ расида аст. Ба суроғи Юсуф меравад. Ду бародари кӯчактар ҳам ба дунболи ӯ роҳ меуфтанд. Дубора айни ҳамон моҷарое, ки дар мавриди Одам пеш омад, такрор мешавад. Ишқу Ҳузн вақте ба Ҳусн мерасанд, ки ӯ бо Юсуф яке шуда ва дар қолаби Юсуф ҷо хуш кардааст. Чорае ба ҷуз ин нест, ки дасти ҳамдигарро бигиранд ва дар биёбони ҳайрат саргардон шаванд. Аммо тӯле намекашад, ки ҳар кудом ҷойи худашро пайдо мекунад ва аз саргардонӣ дармеояд: Ҳузн меравад ба Канъон, ба суроғи Яъқуб. Ва ишқ меравад ба Миср, ба суроғи Зулайхо.

Ишқ қаҳрамони ин достон аст ва мо дунболаи достонро аз дидгоҳи ӯ дунбол мекунем. Зулайхо аз ӯ хоҳиш мекунад, ки саргузашти худашгро таърифф кунад ва Ишқ саргузашти худашро ва вилояташро ва бародаронашро ба тафсил шарҳ медиҳад ва мегӯяд, “болои ин

кӯшки нуҳашкуб” ҷойи босафоест, ки онро “шаҳристони ҷон” меноманд ва дар дарвозаи ин шаҳристон пире нишастааст ва ҳар кас, ки бихоҳад ба он ҷо бирасад, бояд худашро аз шарри ин “чаҳортоқи шаштаноб” халос кунад ва савори асби “шавқ” бишавад ва чунину чунон бикунад ва тоза боз ҳам маълум нест, ки чи сарнавиште дар интизораш бошад. Дар шарҳе, ки дар авохири қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ бар ин рисола навиштаанд, гуфтаанд, ки манзур аз “кӯшки нуҳашкуб” ҳамон “нуҳ фалак”-и худамон аст ва “чаҳортоқ” аносири арбаъа аст ва “шаштаноб” ҷиҳоти шашгона ва пире, ки дар дарвозаи шаҳристони ҷон нишаста аст, касе нест магар “Ақли аввал”[30]. Поёни достонро ҳама медонанд: рафтани Ҳусн (Юсуф) ба Миср ва дидори ӯ бо Ишқ (Зулайхо) ва рафтани Ҳузн (бо Яъқубу фарзандон) ба даргоҳи Ҳусн ва ин ҷумлаи маъруфи Юсуф ба Яъқуб, ки мегӯяд: “Ин таъвили он хоб аст, ки бо ту гуфта будам”.

Рисола бо хитобае мустақил дар бораи ишқ ба итмом мерасад ва ин ҳусни хитоми мубораке аст ҳам барои ин рисола ва ҳам барои маҷмуаи ин рисолаҳо: маҷмуаи ҳашт достони кӯтоҳи ба ҳам пайваста, достони парандае, ки дар талаби кӯҳи Қоф аз ҳашт кӯҳи дигар гузашт, ошиқи саргаштае, ки манзилҳои хатарнок ва роҳҳои яке аз яке махуфтарро пушти сар гузошт, то саранҷом сар аз Миср даровард ва он қадар дар хонаи азизи Миср монд, то Юсуфро дар бозори Миср фурӯхтанд ва ӯ харид.

---

[30] Ба ташхиси оқои Наҷиб Моили Ҳиравӣ нависандаи ин шарҳ ва “Шарҳи “Овози пойи Ҷабраил” як нафар будааст ва ҳатто эҳтимол додаанд, ки тарҷума ва шарҳи мавҷуд аз рисолаи “Ғурбат-ул-ғарбия” ҳам кори худи ӯст. “Шарҳи Мунис-ул-ушшоқ” аз рӯйи акси нусхаи мунҳасир ба фарди ин рисола, ки дар фосилаи солҳои 721 то 789 ҳиҷрии қамарӣ китобат шуда, ҳамроҳ бо манзумаи бар асоси “Мунис-ул-ушшоқ” сурудаи Имодуддин Арабшоҳи Яздӣ, шоири қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ, ба чоп расида аст.

❂ ❂ ❂

Рисолаҳои ирфонии Шайхи ишроқ бо вуҷуди печидагӣ ва рамзомез буданашон қабл аз ҳар чиз қиссаанд– қиссаҳои кӯтоҳи хушсохте, ки бе он ки зери овори идаҳо ва мафоҳими амиқи фалсафӣ ва ирфонӣ ранг бибозанд, ба истиқлол ва ба худии худ вуҷуд доранд ва бо камоли қудрат ва салобат вуҷуди худро ба исбот мерасонанд. Ин қиссаҳо ба хотири иблоғи идаҳои фалсафӣ ва ирфонии печидае ба вуҷуд наёмадаанд, ки бишавад онҳоро ба суратҳои дигаре ҳам баён кард, балки зеҳнияти халлоқи файласуф ва орифи бузургеанд, ки дар айни ҳол қиссанависи барҷастае ҳам ҳаст. Ва агар бихоҳем ҳаққи матлабро адо кунем, бояд бигӯем, ки нубуғи ин марди бузург бештар аз ҳар ҷойи дигаре дар ин қиссаҳост, ки таҷаллӣ меёбад. Қиссаҳои Шайхи ишроқ аз назари хушсохтӣ ва эҷоз бо беҳтарин намунаҳои достони кӯтоҳи қарни бистуми мелодӣ қобили муқоисаанд. Шуруъи матлаб дар ҳар як аз ин қиссаҳо ончунон устодона ва мехкӯбкунанда аст, ки ҳатто назири онро дар беҳтарин достонҳои кӯтоҳи муосирамон ҳам ба нудрат мебинем. Диққати ӯ ва тасаллути ӯ ба фурми достон маҷоли ҳеч тахаллуте ва инҳирофе аз масири аслӣ боқӣ намегузорад ва ҳеч асаре аз ҳошияпардозӣ ва пурҳарфӣ дар ҳеч як аз қиссаҳо намебинем. Ва насри сода ва беғалу ғаш ва орӣ аз худнамоӣ ва такаллуфи Шайх дасту боли ӯро барои ҳазфи завоид ва фузулоти оризӣ ва расидан ба ҳадди камол ва пардохтан ба ҷони калом ва асли матлаб боз мегузорад.

Насри Шайх дар ағлаб маворид дар ниҳояти содагӣ ва ҳатто наздик ба забони гуфтор ва ёдовари беҳтарин намунаҳои форсинависии қарни чаҳорум ва панҷуми ҳиҷрӣ аст. Аммо дар “Овози пари Ҷабраил” ва “Луғати мӯрон”-у “Сафири Симурғ” забоне мутафовит бо забони рисолаҳои дигар ба кор рафта ва лаҳни калом то

ҳадде ба саноеъи лафзӣ ва такаллуф омехта аст. Ба кор бурдани ташбеҳоте чун "шабе, ки ғасаққи шабашакл дар муқаъъари фалаки миноранг мустатир гашта буд" (дар "Овози пари Ҷабраил", ки айнан дар "Луғати мӯрон" ҳам ба кор рафтааст) ва ибороте чун "исъоф карда омад" ва "дар хаййизи мушоҳадаи эшон омад" (дар "Луғати мӯрон") ва "дар сафи қудсиён мунхарит мегардад" ё "мавриди ҳар вориде ва мақсади ҳар қосиде ва матлаби ҳар толибе" ва "касрати ҷавориҳи ҳайкал" (дар "Сафири Симурғ") бо риволи соданависии Шайх носозгор аст ва ба таври куллӣ корбурди муфрати таркиботи арабӣ ва саноеъи лафзӣ сабку сиёқи ин се рисоларо аз рисолаҳои дигар мутамоиз мегардонад. Аммо ҳам дар ин се рисола ва ҳам дар рисолаҳои дигар вежагиҳои сабки қадим дар кулли бофти забон ва дар ҷузъиёти иборот фаровон аст. Аз ҷумлаи ин мавoрид яке ба кор бурдани масдари комил ба ҷойи масдари мураххам аст ("бояд пурсидан", бояд ниҳодан", "натавонад гуфтан", "тавонад расидан", "наметавонам гуфтан") ва дигар: ҷамъ бастани сифат ба табаъият аз мавсуф ("машоихи саволиф", "анвори хавотиф", "нидоҳои аҷоиб"), ҷамъ бастани ҷамъи мукассири арабӣ бо "ҳо" ("илҳонҳо", "аҷоибҳо"), ба кор бурдани масдарҳои арабӣ ба сурати комил, яъне бо "т"-и охир ("мурочиат", "мутолиат", "мушоҳадат", "мушоҷарат"), ба кор бурдани "боз" ва "бо" ба маънии "ба" ва "фарӣшта" ва "фарӣштагон" ба ҷойи "фаришта" ва "фариштагон" ва "набиштан" ба ҷойи "навиштан" ва "кардан" ба ҷойи "сохтан". Ва "мардум" ҳам ба маънии "инсон" омадааст ва ҳам ба маънии имрӯзии он.

Дар вероиши ҷадиди мо сабки матн мутобиқ бо риволи маҷмуаи "Бозхонии мутун" дастнахӯрда боқӣ монда аст. Ҳамаи ривоятҳои мухталифи нусхаҳои хаттӣ ва чопҳои мутаъаддиди ин рисолаҳо барои расидан ба як ривояти қатъӣ аз матн дар назар гирифта шуда ва

талоши веростор дар ҷиҳати бозёбии ривояте ҳарчи софитар ва наздиктар ба асли худи матн будааст. Ашъор ва ибороти арабӣ (мутобиқ бо риволи маҷмуа) ҳазф шуда, ба ҷуз дар мавориди маъдуде, ки иборати арабӣ ё шеър ҷузъе аз риволи матн буда ва ҳазфи он ба риволи матн латма мезадааст. Ва тартиби рисолаҳо бо таваҷҷуҳ ба пайвастагии онҳо ба ҳамдигар таъйин шудааст.

Ин рисолаҳо дар вероиши мо, маҷмуаи ҳашт достони ба ҳам пайваста аст ба қалами устоде, ки на як орифи хонақоҳнишин буд ва на як ҳакими муфассири орои дигарон. Ӯ дар ҳеч қолаби сохта ва пардохтае намегунҷид ва такрори омӯхтаҳо руҳи баландашро сероб намекард. Бе он ки мегуфт “бе пир ба ҷое нарасанд”[31], худи ӯ ҳеч пире надошт. Тариқати шайхи мо бо худи ӯ оғоз мешавад. Шайхи мо хирқаашро биловосита аз ҳазрати Ҳақ гирифт ва бо тариқати навинаш ҳам ба колбади нимаҷони тасаввуф, ки дар чанбараи одобу русуми даступогири хонақоҳ гирифтор омада буд, ҷони тозае бахшид ва ҳам барои ҳикмати сардаргуме, ки решаҳо ва сарчашмаҳои бумии бостониашро ба дасти фаромӯшӣ супурда буд, роҳи тозае пайдо кард.

Шайхи мо шайхи муҷарраде буд аз ҷониби “Нокуҷообод” расида. Ва ин иқлим намедонем куҷост. Ба гуфтаи худи шайх, ин иқлим ҳамон иқлим аст, ки “ангушти сабоба он ҷо роҳ набарад”.

***Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ***

---

[31] Ва ҳамчунон ки шайхе бояд, то хирқа пӯшонад, пире бояд, ки зикр талқин кунад. Ва бе пир ба ҷое нарасанд”. Ниг.:

Бустон-ул-қулуб. Маҷмуаи мусаннифоти Шайхи ишроқ. Ҷилди севум, с. 399.

# ҚИССАИ МУРҒОН

Хеч кас ҳаст аз бародарони ман, ки чандоне самъ орият диҳад, ки тарфе аз андуҳи хеш бо ӯ бигӯям, магар баъзе аз ин андуҳони ман таҳаммул кунад ба ширкатӣ ва бародарӣ, ки дӯстии хеч кас софӣ нагардад, то дӯстӣ аз машуби кудурат нигоҳ надорад. Ва инчунин дӯсти холис куҷо ёбам, ки дӯстиҳои ин рӯзгор чун бозаргонӣ шудааст: он вақт бар дӯстӣ шаванд, ки ҳоҷате падид ояд ва муроъоти ин дӯст фурӯ гузоранд, чун бениёзӣ падид ояд. Магар бародарии дӯстоне, ки пайванди эшон аз қаробати илоҳӣ бувад ва илфи эшон аз муҷовирати улвӣ ва дилҳои якдигарро ба чашми ҳақиқат нигаранд ва зангори шакку пиндор аз сари худ бизудоянд. Ва ин ҷамоатро ҷуз мунодои Ҳақ ҷамъ наёрад. Чун ҷамъ шаванд, ин васият қабул кунанд.

Ай бародарони ҳақиқат, хештан ҳамчунон фаро гиред, ки хорпушт ботинҳои хешро ба саҳро оварад ва зоҳирҳои худро пинҳон кунад, ки ба Худой, ки ботинҳои шумо ошкор аст ва зоҳири шумо пӯшида. Ай бародарони ҳақиқат, ҳамчунон аз пӯст берун оед, ки мор берун ояд ва ҳамчунон равед, ки мӯр равад, ки овози пойи шумо кас нашнавад. Ва бар мисоли каждум бошед, ки пайваста силоҳи шумо паси пушти шумо бувад, ки Шайтон аз пас барояд. Ва заҳр хӯред, то хуш зийед. Маргро дӯст доред, то зинда монед. Ва пайваста мепаред ва ҳеч ошёнаи муайян магиред, ки ҳамаи мурғонро аз ошёнаҳо гиранд. Ва агар бол надоред, ки бипаред, ба замин фурӯ хазед, чандон ки ҷой бадал кунед. Ва ҳамчун шутурмурғ бошед, ки сангҳои гармкарда фурӯ барад. Ва чун каргас бошед, ки устухонҳои сахт фурӯ хӯрад. Ва ҳамчун самандар бошед, ки пайваста миёни оташ бошад, то фардо оташ ба шумо газанде накунад. Ва ҳамчун шабпара бошед, ки ба рӯз берун наёяд, то аз дасти хасмон эман бошед.

Ай бародарони ҳақиқат, ҳеч шигифт набувад, агар фаришта фоҳиша накунад ва баҳима кори зишт кунад, ки фаришта олати фасод надорад ва баҳима олати ақл надорад. Балки шигифт кори одамӣ аст, фармонбари шаҳват шавад ва хешро сухраи шаҳват кунад, бо нури ақл. Ва ба иззати Бор Худой он одамӣ, ки ба вақти ҳамлаи шаҳват қадам устувор дорад, аз фаришта афзун аст ва боз касе, ки мунқоди шаҳват бувад, аз баҳима бас батар аст.

❁ ❁ ❁

Акнун боз сари қисса шавем ва андуҳи хеш шарҳ диҳем:

Бидонед, ай бародарони ҳақиқат, ки ҷамоате сайёдон ба саҳро омаданд ва домҳо бигустарданд ва донаҳо бипошиданд ва доҳулҳо ва матарсҳо ба пой карданд ва дар хошок пинҳон шуданд. Ва ман миёни галаи мурғон меомадам. Чун моро бидиданд, сафири хуш мезаданд, чунонки моро ба гумон афганданд. Бингаристем, ҷойи назиҳ ва хуше дидем. Хеч шак дар роҳ наёмад ва хеч туҳмат моро аз саҳро боз надошт. Рӯй ба он домгоҳ ниҳодем ва дар миёни дом уфтодем.

Чун нигоҳ кардем, ҳалқаҳои дом дар ҳалқҳои мо буд ва бандҳои талаҳо дар пойи мо буд. Ҳама қасди ҳаракат кардем, то магар аз он бало наҷот ёбем. Ҳарчанд беш ҷунбидем, бандҳо сахттар шуд. Пас ҳалокро тан biниҳодем ва ба он ранҷ тан дардодем ва ҳар яке ба ранҷи хеш машғул шудем, ки парвои якдигар надоштем. Рӯй ба ҷустани ҳила овардем, то ба чӣ ҳилат хешро бираҳонем.

Якчанд ҳамчунон будем, то бар он хӯ кардем ва қоидаи аввали хешро фаромӯш кардем ва бо ин бандҳо биёрамидему бо тангии қафас тан дардодем. Пас, рӯзе дар миёни ин бандҳо берун нигаристам, ҷамоатеро дидам аз ёрони худ, сарҳо ва болҳо аз дом берун карда ва

аз ин қафасҳои танг берун омада ва оҳанги паридан мекарданд ва ҳар якеро порае аз он доҳулҳо ва бандҳо бар пой монда, ки бадани эшонро аз паридан боз намедошт ва эшонро бо он бандҳо хуш буд. Чун он бидидам, ибтидои кори худ ва насии хеш аз худ ёд омадам ва он чи бо ӯ сохта будам ва илф гирифта, бар ман мунағғас шуд. Хостам, ки аз андӯҳ бимирам ё аз он бозгардидани эшон ҷон аз тан ҷудо шавад. Овозе додам эшонро ва зорӣ кардам, ки "ба наздики ман оед ва маро дар ҳила ҷустан ба роҳат шарик бошед, ки кори ман ба ҷон расид."

Эшонро фиреби сайёдон ёд омад, битарсиданд ва аз ман бирамиданд.

Савганд бар эшон додам ба дӯстии қадим ва суҳбате, ки хеч кудурат ба ӯ роҳ наёфта буд. Ба он савганд шак аз дили эшон нарафт ва хеч устуворӣ надиданд аз дили худ бар мувофиқати ман. Дигарбора аҳдҳои гузаштаро ба ёд овардам ва бечорагӣ арза кардам. Пеши ман омаданд. Пурсидам эшонро аз ҳолати эшон, ки "ба чӣ ваҷҳ халос ёфтед ва бо он бақоёи бандҳо чун орамидед?" Пас, ҳам ба он тариқ, ки эшон ҳилаи худ карда буданд, маро маъунат карданд, то гардан ва боли худро аз дом берун кардам ва дари қафас боз карданд. Чун берун омадам, гуфтанд: "ин наҷот ғанимат дор!"

Ман гуфтам, ки "ин банд аз пойи ман бардоред!"

Гуфтанд: "Агар моро қудрати он будӣ, аввал аз пойи худ бардоштеме. Ва аз табиби бемор кас дармону дору наталабад ва агар дору ситонад аз ӯ, суд надорад."

Пас, ман бо эшон паридам.

Эшон бо ман гуфтанд, ки "моро дар пеш роҳҳои дароз аст ва манзилҳои саҳмноку махуф, ки аз он эман натавон буд, балки мисли ин ҳолат дигар бор аз дасти мо бишавад ва мо дигарбора ба он ҳолати аввал мубтало шавем. Пас, ранҷе тамом барбояд дошт, ки якбора

аз чолаҳои махуф берун гурезем ва пас бар роҳи рост уфтем.”

Он гоҳ, миёни ду роҳ бигирифтем. Водие буд бо обу гиёҳ. Хуш мепаридем, то аз он домгоҳҳо даргузаштем ва ба сафири хеч сайёд боз нангаристем.

Ва ба сари кӯҳе расидему бингаристем: дар пеши мо ҳашт кӯҳи дигар буд, ки чашми бинанда ба сари он кӯҳҳо намерасид аз баландӣ. Пас, ба якдигар гуфтем: “Фуруд омадан шарт нест ва ҳеч амн варои он нест, ки ба саломат аз ин кӯҳҳо бигзарем, ки дар ҳар кӯҳе ҷамоатеанд, ки қасди моро доранд ва агар ба эшон машғул шавем ва ба хушии он неъматҳо ва ба роҳатҳои он ҷойҳо бимонем, ба сари ақаба нарасем.”

Пас, ранҷи бисёр бардоштем, то бар шаш кӯҳ бигузаштем ва ба ҳафтум расидем. Пас, баъзе гуфтанд, ки “вақти осоиш аст, ки тоқати паридан надорем ва аз душманону сайёдон дур уфтодем ва масофате дароз омадем ва осоиши як соат моро ба мақсуд расонад ва агар бар ин ранҷ бияфзоем, ҳалок шавем.”

Пас, бар ин кӯҳ фуруд омадем. Бӯстонҳои ороста дидем ва биноҳои неку ва кӯшкҳои хушу дарахтони мевадору обҳои равон, чунонки наъими ӯ дида мебистад ва зебоии ӯ ақл аз тан ҷудо мекард ва алҳонҳои мурғон, ки мисли он нашунида будем ва бӯҳое, ки ҳаргиз ба машоми мо нарасида буд. Аз хушӣ, бас аз он меваҳо ва обҳо бихӯрдем ва чандон муқом кардем, ки мондагӣ бияфгандем.

Пас овоз баромад, ки “қасди рафтан бояд кард, ки хеч амн варои эҳтиёт нест ва хеч ҳисн устувортар аз бадгумонӣ. Ва мондани бисёр умр зоеъ кардан аст. Душманон бар асари мо ҳамеоянд ва хабарҳо ҳамепурсанд”.

Пас, рафтем то ба ҳаштум кӯҳ. Аз баландӣ сараш ба осмон расида буд. Чун ба вай наздик расидем, алҳони мурғон шунидем, ки аз хушии он нолаҳо боли мо суст

мешуд ва меуфтодем. Ва неъматҳои алвон дидем ва суратҳо дидем, ки чашм аз вай барнатавонистем дош-тан.

Фуруд омадем. Бо мо лутфҳо карданд ва мизбонӣ карданд ба ин неъматҳо, ки хеч махлуқ васфу шарҳи он натавонад кард.

Чун волии он вилоят моро бо хештан густох карду инбисоте падид омад ва ӯро аз ранҷи хеш воқиф гардо-нидем ва шарҳи он чӣ ба мо гузашта буд, пеши вай би-гуфтем, ранҷур шуд ва чунон намуд, ки "ман бо шумо дар ин ранҷ шарикам". Пас, гуфт: "Ба сари ин кӯҳ шаҳрест, ки ҳазрати малик он ҷост ва ҳар мазлуме, ки ба ҳазрати ӯ расид ва бар вай таваккул кард, он зулму ранҷ аз вай бардорад. Ва аз сифати ӯ ҳарчи гӯям, хато бувад, ки ӯ афзун аз он бувад".

Пас, моро аз ин сухан, ки аз вай шунидем, осоише дар дил падид омад ва бар ишорати ӯ қасди ҳазрат кар-дем ва омадем то ба ин шаҳр, ба фазои ҳазрати малик нузул кардем. Худ пеш аз мо дидабон маликро хабар дода буд ва фармон берун омад, ки "воридонро пеши ҳазрат оред!"

Пас, моро бурданд. Кӯшке ва саҳне дидем, ки фаро-хии он дар дидаи мо наёмад. Чун бигзаштем, ҳиҷобе бардоштанд: саҳне дигар падид омад аз он хуштар ва фарохтар, чунонки саҳни аввалро торик пиндоштем ба изофат ба ин саҳн. Пас, ба ҳуҷрае расидем ва чун қадам дар ҳуҷра ниҳодем, аз дур нури ҷамоли малик пайдо омад. Дар он нур дидаҳо мутаҳаййир шуд ва ақлҳо ра-мида гашт ва беҳуш шудем. Пас, ба лутфи худ ақлҳои мо боздод ва моро бар сари сухан гуфтан густох кард, ки оятҳои худ ва ранҷҳои худ пеши малик бигуфтем ва қиссаҳо шарҳ додем ва дархостем, то он бақоёи банд аз пойи мо бардор, то дар он ҳазрат ба хидмат биншинем.

Пас, ҷавоб дод, ки "банд аз пойи шумо ҳамон гу-шояд, ки баста аст. Ва ман расуле бо шумо фиристам,

то эшонро илзом кунад, то бандҳо аз пойи шумо бардорад".

Ва ҳоҷибон бонг баровარданд, ки "боз бояд гашт".

Аз пеши малик бозгаштем ва акнун дар роҳем, бо расули малик меоем.

❁ ❁ ❁

Ва баъзе аз дӯстони ман аз ман дархостанд, ки "сифати ҳазрати малик бигӯй ва васфи зебоӣ ва шукуҳи ӯ!" ва агарчи ба он натавонем расид, баъзе муҷаз бигӯям:

Бидон, ки ҳар гоҳ дар хотири худ ҷамоле тасаввур кунед, ки хеч зиштие бо ӯ наёмезад ва камоле, ки ҳеч нақс пиромуни ӯ нагардад, ӯро он ҷо ёбед, ки ҳамаи ҷамолҳо ба ҳақиқат ӯрост. Гоҳи некуӣ ҳама рӯй аст, гоҳи ҷуд ҳама даст аст. Ҳар ки хидмати ӯ кард, саодати абад ёфт ва ҳар ки аз ӯ эъроз кард, хасираддунё валохират шуд.

Ва басо дӯсто, ки чун ин қисса бишунуд, гуфт: "Пиндорам, ки туро парӣ ранҷа медорад ё дев дар ту тасарруф карда аст. Ба Худо, ки ту напаридӣ, балки ақли ту парид ва туро сайд накарданд, ки хиради туро сайд карданд. Одамӣ ҳаргиз кай парид? Мурғ ҳаргиз кай сухан гуфт? Гӯйӣ, ки сафро бар мизоҷи ту ғолиб шудааст ё хушкӣ ба димоғи ту роҳ ёфтааст. Бояд ки табихи афтимун бихурӣ ва ба гармоба равиву оби гарм бар сар резӣ ва равғани нилуфар ба кор дорӣ ва дар таомҳо афканӣ ва аз бедорӣ дур бошӣ ва андешаҳо кам кунӣ, ки пеш аз ин оқилу бахирад дидем туро. Ва Худой бар мо гувоҳ аст, ки мо ранҷурем аз ҷиҳати ту ва аз халале, ки ба ту роҳ ёфтааст".

Чун бисёр гуфтанд ва чун андак пазируфтам. Ва батарини суханҳо он аст, ки зоеъ шавад ва беасар бимонад. Ва истиъонати ман бо Худой аст. Ва ҳар кас ба ин ки гуфтам, эътимод накунад, нодон аст.

## АҚЛИ СУРХ

Ҳамд бод Маликеро, ки мулки ҷаҳон дар тасарруфи ӯст, буди ҳар ки буд, аз буди ӯ буд ва ҳастии ҳар ки ҳаст, аз ҳастии ӯст ва будани ҳар ки бошад, аз будани ӯ бошад. Ва салавоту таҳийёт бар фиристодагони ӯ ба халқ, хусусан бар Муҳаммади мухтор, ки нубувватро хатм ба ӯ кард ва бар саҳоба ва уламои дин.

❂ ❂ ❂

Дӯсте аз дӯстони азиз маро суол кард, ки мурғон забони якдигар донанд?

Гуфтам: Бале донанд.

Гуфт: Туро аз куҷо маълум гашт?

Гуфтам: Дар ибтидои ҳолат, чун мусаввири ба ҳақиқат хост, бинияти маро падид кунад, маро дар сурати бозе офарид. Ва дар он вилоят, ки ман будам, дигар бозон буданд. Мо бо якдигар сухан гуфтему шунидем ва сухани якдигарро фаҳм мекардем.

Гуфт: Он гаҳ, ҳол ба ин мақом чӣ гуна расид?

Гуфтам: Рӯзе сайёдони қазову қадар доми тақдир бозгустаронианд ва донаи иродат дар он ҷо таъбия карданд ва маро ба ин тариқ асир гардониданд. Пас аз он вилоят, ки ошёни мо буд, ба вилояте дигар бурданд. Он гаҳ ҳар ду чашми ман бардӯхтанд ва чаҳор банди мухталиф ниҳоданд ва даҳ касро бар ман муваккил карданд: панҷро рӯй сӯйи ман ва пушт берун ва панҷро пушт сӯйи ман ва рӯй берун.

Ин панҷ, ки рӯй сӯйи ман доштанд ва пушти эшон берун, он гаҳ маро дар олами таҳайюр бидоштанд, чунонки ошёни хеш ва он вилоят ва ҳар чи маълум буд, фаромӯш кардам ва мепиндоштам, ки ман пайваста худ чунин будаам.

Чун муддате бар ин омад, қадре чашми ман боз гушуданд. Ба он қадар чашм менигаристам, чизҳо медидам, ки дигар надида будам ва он аҷаб медоштам, то ҳар рӯз батадриҷ қадре чашми ман зиёдат боз мекарданд ва ман чизҳо медидам, ки дар он шигифт мемондам. Оқибат тамом чашми ман боз карданд ва ҷаҳонро ба ин сифат, ки ҳаст, ба ман намуданд.

Ман дар банд менигаристам, ки бар ман ниҳода буданд ва дар муваккилон. Бо худ мегуфтам: "Гӯйӣ ҳаргиз бувад, ки ин чаҳор банди мухталиф аз ман бардоранд ва ин муваккилонро аз ман фурӯ гардонанд ва боли ман гушуда шавад, чунонки лаҳзае дар ҳаво тайарон кунам ва аз қайд фориғ шавам?"

То баъд аз муддате рӯзе ин муваккилонро аз худ ғофил ёфтам. Гуфтам, беҳ аз ин фурсат нахоҳам ёфтан, ба гӯшае фурӯ хазидам ва ҳамчунон бо банд, лангон, рӯй сӯйи саҳро ниҳодам. Дар он саҳро, шахсеро дидам, ки меомад. Фаропеш рафтам ва салом кардам. Ба лутфе ҳарчи тамомтар ҷавоб фармуд. Чун дар он шахс нигаристам, маҳосин ва ранги рӯйи вай сурх буд. Пиндоштам, ки ҷавон аст.

Гуфтам: Ай ҷавон, аз куҷо меоӣ?

Гуфт: Ай фарзанд, ин хитоб ба хатост. Ман аввалин фарзанди офаринишам, ту маро ҷавон ҳамехонӣ?

Гуфтам: Аз чӣ сабаб маҳосинат сапед нагашта аст?

Гуфт: Маҳосини ман сапед аст ва ман пире нурониам. Аммо он кас, ки туро дар дом асир гардонид ва ин бандҳои мухталиф бар ту ниҳод ва ин муваккилон бар ту гумошт, муддатҳост то маро дар чоҳи сиёҳ андохт. Ин ранги ман, ки сурх мебинӣ, аз он аст, агар на ман сапедаму нуронӣ.

Ва ҳар сапедӣ, ки нур бо ӯ тааллуқ дорад, чун бо сиёҳ омехта шавад, сурх намояд. Чун шафақи аввали шом ё охири субҳ, ки сапед аст ва нури офтоб бо ӯ мутааллиқ ва як тарафаш бо ҷониби нур аст, ки сапед

аст ва як тарафаш бо ҷониби чап, ки сиёҳ аст, пас сурх менамояд. Ва ҷирми моҳи бадр вақти тулуъ: агарчи нури ӯ ориятӣ аст, аммо ҳам ба нур мавсуф аст ва як ҷониби ӯ бо рӯз аст ва як ҷонибаш бо шаб, сурх намояд. Ва чароғ ҳамин сифат дорад: зераш сапед бошад ва боло бар дуди сиёҳ, миёни оташу дуд сурх намояд. Ва инро назиру мушобеҳ бисёр аст.

Пас, гуфтам: Ай пир, аз куҷо меоӣ?

Гуфт: Аз паси кӯҳи Қоф, ки мақоми ман он ҷост ва ошёни ту низ он ҷойгаҳ буд, аммо ту фаромӯш кардаӣ.

Гуфтам: Ин ҷойгаҳ чӣ мекардӣ?

Гуфт: Ман сайёҳам, пайваста гирди ҷаҳон гардам ва аҷоибҳо бинам.

Гуфтам: Аз аҷоибҳо дар ҷаҳон чӣ дидӣ?

Гуфт: Ҳафт чиз: аввал, кӯҳи Қоф, ки вилояти мост, дувум, гавҳари шабафрӯз, сеюм дарахти Тубо, чаҳорум, дувоздаҳ коргоҳ, панҷум, зиреҳи довудӣ, шашум, теғи балолак, ҳафтум, чашмаи зиндагонӣ.

Гуфтам: Маро аз ин ҳикояте кун!

Гуфт: Аввал, кӯҳи Қоф: гирди ҷаҳон даромадааст ва ёздаҳ кӯҳ аст ва ту чун аз банд халос ёбӣ, он ҷойгоҳ хоҳӣ рафт, зеро ки туро аз он ҷо овардаанд ва ҳар чизе, ки ҳаст, оқибат бо шакли аввал равад.

Пурсидам, ки ба он ҷо роҳ чӣ гуна барам?

Гуфт: Роҳ душвор аст. Аввал ду кӯҳ дар пеш аст, ҳам аз кӯҳи Қоф: яке гармсер аст ва дигаре сардсер ва ҳарорату бурудати он мақомро ҳадде набошад.

Гуфтам: Саҳл аст: ба ин кӯҳ, ки гармсер аст, зимистон бигзарам ва ба он кӯҳ, ки сардсер аст, ба тобистон.

Гуфт: Хато кардӣ. Ҳавои он вилоят дар ҳеч фасл бинагардад.

Пурсидам, ки масофати он кӯҳ чанд бошад?

Гуфт: Чандон, ки равӣ, боз ба мақоми аввал тавонӣ расидан, чунонки паргор, ки як сар аз ӯ бар сари нуқтае

марказ бувад ва саре дигар бар хат ва чандон ки гардад, боз ба он ҷо расад, ки аввал аз он ҷо рафта бошад.

Гуфтам: Ин кӯҳро сӯрох тавон кардан ва аз сӯрох берун рафтан?

Гуфт: Сӯрох ҳам мумкин нест. Аммо он кас, ки истеъдод дорад, бе он ки сӯрох кунад, ба лаҳзае тавонад гузаштан. Ҳамчун равғани баласон, ки агар кафи даст баробари офтоб бидорӣ, то гарм шавад ва рӯғани баласон бар каф чаконӣ, аз пушти даст бадар ояд, ба хосияте, ки дар вай аст. Пас, агар ту низ хосияти гузаштан аз он кӯҳ ҳосил кунӣ, ба лаҳзае аз ҳар ду кӯҳ бигзарӣ.

Гуфтам: Он хосият чӣ гуна тавон ҳосил кард?

Гуфт: Дар миёни сухан бигӯям, агар фаҳм кунӣ.

Гуфтам: Чун аз ин ду кӯҳ бигзарам, он дигарро осон бошад ё на?

Гуфт: Осон бошад, аммо агар касе донад. Баъзе худ пайваста дар ин ду кӯҳ асир монанд ва баъзе ба кӯҳи сеюм расанд ва он ҷо қарор гиранд, баъзе ба чаҳорум ва панҷум ва инчунин то ёздаҳум. Ҳар мурғ, ки зиракнтар бошад, пештар шавад.

Гуфтам: Чун шарҳи кӯҳи Қоф кардӣ, ҳикояти гавҳари шабафрӯз кун!

Гуфт: Гавҳари шабафрӯз ҳам дар кӯҳи Қоф аст, аммо дар кӯҳи сеюм аст ва аз вуҷуди ӯ шаби торик рӯшан шавад, аммо пайваста бар як ҳол намонад. Рӯшании ӯ аз дарахт Тубо аст. Ҳар вақт, ки дар баробари дарахти Тубо бошад, аз ин тараф, ки туӣ, тамом рӯшанӣ намояд, ҳамчун гӯйи гирди рӯшан. Чун порае аз онсӯйтар уфтад, ки ба дарахти Тубо наздиктар бошад, қадре аз доираи ӯ сиёҳ намояд ва боқӣ ҳамчунон рӯшан. Ва ҳар вақт, ки ба дарахти Тубо наздиктар мешавад, аз рӯшанӣ қадре сиёҳ намояд сӯйи ин тараф, ки туӣ, аммо сӯйи дарахти Тубо ҳамчунон як нимаи ӯ рӯшан бошад. Чун тамом дар пеши дарахти Тубо уфтад, тамом сӯйи ту сиёҳ намояд ва сӯйи дарахти Тубо рӯшан. Боз чун аз

дарахт даргузарад, қадре рӯшан намояд ва ҳарчи аз дарахт дуртар меуфтад, сӯйи ту рӯшании вай зиёдат менамояд. На он чи нур дар тараққӣ аст, аммо ҷирми вай нур бештар мегирад ва сиёҳӣ камтар мешавад. Ва ҳамчунин то боз дар баробар меуфтад, он гаҳ тамоми ҷирми вай нур гирад. Ва инро мисол он аст, ки гӯйеро сӯрох кунӣ дар миён ва чизе ба он сӯрох бигзаронӣ, он гаҳ тосе пуроб кунӣ ва ин гӯйро бар сари он тос ниҳӣ, чунонки як нимаи гӯй дар об бувад. Акнун, дар лаҳзае даҳ бор ҳамаи атрофи гӯйро об расида бошад. Аммо, агар касе онро аз зери об бинад, пайваста як нимаи гӯй дар об дида бошад. Боз, агар он бинанда, ки рост аз зери миёни тос бинад, порае аз он сӯйтар бинад, ки миёни тос аст, як нимаи гӯй натавонад дидан дар об, ки он қадр, ки ӯ аз миёни тос майл сӯйи тарафе гирад, баъзе аз он гӯй, ки дар муқобилаи дидаи бинанда нест, натавонад дидан, аммо ба ивази он, аз ин дигар тараф қадре аз об холӣ бинад. Ва ҳар чи назар сӯйи канори тос бештар мекунад, дар об камтар мебинад ва аз об холӣ бештар. Чун рост аз канори тос бингарад, як нима дар об бинад ва як нима аз об холӣ. Боз чун болои канори тос бингарад, дар об камтар бинад ва аз об холӣ бештар, то тамом дар миёнаи болои тос гӯйро тамом бингарад: он ҷо тамоми гӯй аз об холӣ бинад. Агар касе гӯяд, ки зери тос худ на об тавон дидан ва на гӯй, мо ба он тақдир мегӯем, ки битвон дидан, агар тос аз обгина бувад ё аз чизе латифтар. Акнун, он ҷо ки гӯй аст ва тос, бинанда гирди ҳар ду бармеояд, то инчунин метавонад дидан. Аммо гавҳари шабафрӯз ва дарахти Тубо, ҳам бар ин мисол гирди бинанда бармеояд.

Пас, пирро гуфтам: Дарахти Тубо чӣ чиз аст ва куҷо бошад?

Гуфт: дарахти Тубо дарахте азим аст. Ҳар кас, ки биҳиштӣ бувад, чун ба биҳишт равад, он дарахтро дар

биҳишт бинад. Ва дар миёни ин ёздаҳ кӯҳ, ки шарҳ додем, кӯҳе аст, ӯ дар он кӯҳ аст.

Гуфтам: Ӯро ҳеч мева бувад?

Гуфт: Ҳар мевае, ки ту дар ҷаҳон мебинӣ, бар он дарахт бошад ва ин меваҳо, ки пеши туст, ҳама аз самараи ӯст. Агар на он дарахт будӣ, ҳаргиз пеши ту на мева будӣ ва на дарахту на раёҳину на набот.

Гуфтам: Мева ва дарахту раёҳин бо ӯ чӣ тааллуқ дорад?

Гуфт: Симурғ ошёна бар сари Тубо дорад. Бомдод Симурғ аз ошёнаи худ ба дар ояд ва пар бар замин бозгустаронад. Аз асари пари ӯ мева бар дарахт пайдо шавад ва набот бар замин.

Пирро гуфтам: Шунидам, ки Золро Симурғ парвард ва Рустам Исфандиёрро ба ёрии Симурғ кушт.

Пир гуфт: Бале, дуруст аст.

Гуфтам: Чӣ гуна буд?

Гуфт: Чун Зол аз модар дар вуҷуд омад, ранги рӯйи сапед дошт. Падараш Сом бифармуд, ки вайро ба саҳро андозанд. Ва модараш низ азим аз вазъи ҳамли вай ранҷида буд, чун бидид, ки писар кареҳлиқост, ҳам ба он ризо дод. Золро ба саҳро андохтанд. Фасли зимистон буду сармо. Касро гумон набуд, ки як замон зинда бимонад.

Чун рӯзе чанд бар ин баромад, модараш аз осеб фориғ гашт, шафақати фарзандаш дар дил омад, гуфт як боре ба саҳро шавам ва ҳоли фарзанд бибинам.

Чун ба саҳро шуд, фарзандро дид зинда ва Симурғ вайро зери пар гирифта. Чун назараш ба модар уфтод, табассуме бикард. Модар вайро дар бар гирифту шир дод. Хост, ки сӯйи хона орад, боз гуфт, то маълум нашавад, ки ҳоли Зол чӣ гуна будааст, ки ин чанд рӯз зинда монд, сӯйи хона нашавам. Золро ба ҳамон мақом зери пари Симурғ фуру ҳишт ва ӯ ба он наздикӣ худро пинҳон кард.

Чун шаб даромад ва Симурғ аз он саҳро мунҳазим шуд, оҳуе бар сари Зол омад ва пистон дар даҳони Зол ниҳод. Чун Зол шир бихӯрд, худро бар сари Зол бихобонид, чунонки Золро ҳеч осеб нарасид.

Модараш бархост ва оҳуро аз сари писар дур карду писарро сӯйи хона овард.

Пирро гуфтам: Он чӣ сир будааст?

Пир гуфт: Ман ин ҳол аз Симурғ пурсидам. Симурғ гуфт: Зол дар назари Тубо ба дунё омад, мо нагузоштем, ки ҳалок шавад. Оҳубараро ба дасти сайёд боздодем ва шафақати Зол дар дили оҳу биниҳодем, то шаб вайро парвариш мекард ва шир медод ва ба рӯз худ манаш зери пар медоштам.

Гуфтам: Ҳоли Рустаму Исфандиёр?

Гуфт: Чунон буд, ки Рустам аз Исфандиёр оҷиз монд ва аз хастагӣ сӯйи хона рафт. Падараш Зол пеши Симурғ тазарруъҳо кард. Ва дар Симурғ он хосият аст, ки агар оинае ё мисли он баробари Симурғ бидоранд, ҳар дида, ки дар он оина нигарад, хира шавад. Зол ҷавшане аз оҳан бисохт, чунонки ҷумла масқул буд ва дар Рустам пӯшонид ва хӯде масқул бар сараш ниҳод ва оинаҳои масқул бар аспаш баст. Он гаҳ Рустамро дар баробари Симурғ дар майдон фиристод. Исфандиёрро лозим буд дар пеши Рустам омадан. Чун наздик расид, партави Симурғ бар ҷавшан ва оина уфтод. Аз ҷавшан ва оина акс бар дидаи Исфандиёр омад, чашмаш хира шуд, хеч намедид. Таваҳҳум кард ва пиндошт, ки захме ба ҳар ду чашм расид. Аз асп даруфтод ва ба дасти Рустам ҳалок шуд. Пиндорӣ он ду пора газ, ки ҳикоят кунанд, ду пари Симурғ буд.

Пирро пурсидам: Гӯйӣ дар ҷаҳон ҳамон як Симурғ будааст?

Гуфт: Он ки надонад, чунин пиндорад. Ва агар на, ҳар замон Симурғе аз дарахти Тубо ба замин ояд ва ин ки дар замин бувад, мунъадим шавад. Чунонки ҳар за-

мон Симурғе наояд, ин чи бошад, бимонад. Ва ҳамчунонки сӯйи замин меояд, Симурғ аз Тубо сӯйи дувоздаҳ коргоҳ меравад.

Гуфтам: Ай пир, ин дувоздаҳ коргоҳ чӣ чиз аст?

Гуфт: Аввал бидон, ки Подшоҳи мо чун хост мулки хеш ободон кунад, аввал вилояти мо ободон кард. Пас, моро дар кор андохт ва дувоздаҳ коргоҳ бунёд фармуд ва дар ҳар коргоҳе шогирде чанд биншонд. Пас, он шогирдонро дар кор андохт ва зери он дувоздаҳ коргоҳ коргоҳе дигар пайдо гашт ва устодеро дар ин коргоҳ биншонд. Пас, он устодро ба кор фурӯ дошт, то зери он коргоҳи аввал коргоҳе дигар падид омад ва устоде дигар. Он гаҳ, устоди дувумро ҳамчунон кор фармуд, то зери коргоҳи дувум коргоҳе ва устоде дигар. Ва ҳамчунон то ҳафт коргоҳ. Ва дар ҳар коргоҳе устоде муайян гашт. Он гаҳ, он шогирдонро ки дар дувоздаҳ хона буданд, ҳар якеро хилъате дод. Пас, он устоди аввалро ҳамчунон хилъат дод ва ду коргоҳ аз он дувоздаҳ коргоҳи боло ба вай супурд. Ва дувум устодро ҳамчунон хилъат дод ва аз он дувоздаҳ коргоҳи дигар ду ба ӯ супурд. Ва сеюмро низ ҳамчунон. Ва чаҳорум устодро хилъат дод, кисвате зеботар аз ҳама ва ӯро як коргоҳ дод аз он дувоздаҳ коргоҳи боло, аммо фармуд, то бар дувоздаҳ назар дорад. Панҷум ва шашумро ҳамчунон, ки аввалро ва дувумро ва сеюмро дода буд, ҳам бар он қарор дод. Чун навбат ба ҳафтум расид, аз он дувоздаҳ як коргоҳ монда буд, ба вай дод ва вайро хеч хилъат надод.

Устоди ҳафтум фарёд баровард, ки ҳар устодеро ду коргоҳ бошад ва маро як коргоҳ ва ҳамаро хилъат бошад ва маро набувад?

Бифармуд, то зери коргоҳи ӯ ду коргоҳ бунёд кунанд ва ба дасти вай диҳанд ва зери ҳамаи коргоҳҳо мазраъае асос афганданд ва омилии он мазраъа ҳам ба устоди ҳафтум доданд ва бар он қарор доданд, ки аз

кисвати зебои устоди чаҳорум пайваста нимчае баротӣ ба ин устоди ҳафтум диҳанд ва кисвати эшон ҳар замон аз нав яке дигар бувад, ҳамчун шарҳи Симурғ, ки додем.

Гуфтам: Ай пир, дар коргоҳҳо чӣ бофанд?

Гуфт: Бештар дебо бофанд ва аз ҳар чизе, ки фаҳми кас ба он нарасад ва зиреҳи довудӣ ҳам дар коргоҳҳо бофанд.

Гуфтам: Ай пир, зиреҳи довудӣ чӣ бошад?

Гуфт: Зиреҳи довудӣ, ин бандҳои мухталиф аст, ки бар ту ниҳодаанд.

Гуфтам: Ин чӣ гуна мекунанд?

Гуфт: Дар ҳар се коргоҳ аз он дувоздаҳ коргоҳи боло як ҳалқа кунанд. Ба он дувоздаҳ дар чаҳор ҳалқаи нотамом кунанд. Пас он чаҳор ҳалқаро бар ин ҳафт устод арза диҳанд, то ҳар яке бар вай амале кунад. Чун ба дасти ҳафтумин устод уфтад, сӯйи мазраъа фиристад ва муддатҳо нотамом бимонад. Он гаҳ, чаҳор ҳалқа дар як ҳалқа андозанд ва ҳалқаҳо ҷумла суфта бувад. Пас, ҳамчун ту бозе асир кунанд ва он зиреҳ дар гардани вай андозанд, то дар гардани вай тамом шавад.

Аз пир пурсидам, ки ҳар зиреҳ чанд ҳалқа бувад?

Гуфт: Агар битавон гуфтан, ки Уммон чанд қатра бошад, пас, битавон шумурдан, ки ҳар зиреҳро чанд ҳалқа бувад.

Гуфтам: Ин зиреҳ ба чӣ шояд аз худ дур кардан.

Гуфт: Ба теғи бололак.

Гуфтам: Теғи бололак куҷо ба дастояд?

Гуфт: Дар вилояти мо ҷаллоде аст, он теғ дар дасти вай аст. Ва муайян аст, ки ҳар зиреҳе чанд муддат вафо кунад. Чун муддат ба охир расад, он ҷаллод теғи бололак чунон занад, ки ҷумлаи ҳалқаҳо аз якдигар ҷудо уфтад.

Пирро пурсидам, ки пӯшандаи зиреҳро, ки осеб расад, тафовут бошад?

Гуфт: Тафовут аст, баъзеро осеб чунон расад, ки агар касеро сад сол умр бошад ва дар аснои умр пайваста он андешад, ки гӯйӣ кудом ранҷ саъбтар бувад ва ҳар ранҷ, ки мумкин бувад дар хаёл орад, ҳаргиз ба осеби захми теғи балолак хотираш нарасида бошад, аммо баъзеро осонтар бувад.

Гуфтам: Ай пир, чӣ кунам, то он ранҷ бар ман саҳл бувад?

Гуфт: Чашмаи зиндагонӣ ба даст овар ва аз он чашма об бар сар рез, то ин зиреҳ бар тани ту бирезад ва аз захми теғ эмин бошӣ, ки он об ин зиреҳро танг кунад ва чун зиреҳ танг бувад, захми теғ осон бувад.

Гуфтам: Ай пир, ин чашмаи зиндагонӣ куҷост?

Гуфт: Дар зулумот. Агар он металабӣ, Хизрвор пойафзор дар пой кун ва роҳи таваккул пеш гир, то ба зулумот расӣ!

Гуфтам: Роҳ аз кудом ҷониб аст?

Гуфт: Аз ҳар тараф равӣ, агар роҳравӣ, роҳ барӣ.

Гуфтам: Нишони зулумот чист?

Гуфт: Сиёҳӣ. Ва ту худ дар зулумотӣ, аммо ту намедонӣ. Он кас, ки ин роҳ равад, чун худро дар торикӣ бинад, бидонад, ки пеш аз он ҳам дар торикӣ будааст ва ҳаргиз рӯшноӣ ба чашм надида. Пас, аввалин қадами роҳравон ин аст ва аз ин ҷо мумкин бувад, ки тараққӣ кунад. Акнун, агар касе ба ин мақом расад, аз ин ҷо тавонад буд, ки пеш равад. Муддаъии чашмаи зиндагонӣ дар торикӣ бисёр саргардонӣ бикашад. Агар аҳли он чашма бувад, ба оқибат, баъд аз торикӣ рӯшноӣ бинад. Пас ӯро пайи он рӯшноӣ набояд гирифтан, ки он рӯшноӣ нуре аст аз осмон ба сари чашмаи зиндагонӣ: агар роҳ бурд ва ба он чашма ғусл баровард, аз захми теғи балолак эмин гашт. Ҳар ки ба он чашма ғусл кунад, ҳаргиз муҳталим нашавад. Ҳар ки маънии ҳақиқат ёфт, ба он чашма расид. Чун аз чашма баромад, истеъдод ёфт. Чун рӯғани баласон, ки агар каф баробари офтоб

бидорӣ ва қатрае аз он рӯған бар каф чаконӣ, аз пушти даст ба дар ояд. Агар Хизр шавӣ, аз кӯҳи Қоф осон тавонӣ гузаштан.

❂ ❂ ❂

Чун бо он дӯсти азиз ин моҷаро бигуфтам, он дӯст гуфт, ту он бозӣ, ки дар домӣ ва сайде мекунӣ. Инак, маро дар фитрок банд, ки сайде бад нестам.

## ФӢ ҲОЛАТИ ТУФУЛИЯТ

Дар туфулият бар сари кӯе, чунонки одати бачагон бошад, бозӣ мекардам. Кӯдаке чандро дидам, ки ҷамъ меомаданд. Маро ҷамъияти эшон шигифт омад. Пеш рафтам. Пурсидам, ки куҷо меравед?

Гуфтанд: Ба мактаб аз баҳри таҳсили илм.

Гуфтам: Илм чӣ бошад?

Гуфтанд: Мо ҷавоб надонем, аз устоди мо бояд пурсидан.

Ин бигуфтанд ва аз ман даргузаштанд.

Баъд аз замоне бо худ гуфтам: Гӯйӣ илм чӣ бошад? Ва ман чиро бо эшон пеши устод нарафтам ва аз ӯ илм наёмӯхтам? Бар пайи эшон рафтам. Эшонро наёфтам. Аммо шайхеро дидам дар саҳрое истода. Дар пеш рафтам ва салом кардам. Ҷавоб дод ва ҳарчи ба ҳусни лутф тааллуқ дошт, бо ман дар пеш овард.

Ман гуфтам: Ҷамоате кӯдаконро дидам, ки ба мактаб мерафтанд. Ман аз эшон пурсидам, ки ғарази рафтан ба мактаб чӣ бошад? Гуфтанд, аз устоди мо бояд пурсидан. Ман он замон ғофил шудам. Эшон аз ман даргузаштанд. Баъд аз ҳузури эшон маро низ ҳавас бархост. Дар пайи эшон бирафтам, эшонро наёфтам ва акнун ҳам дар пайи эшон мегардам, агар ҳеч аз эшон хабар дорӣ ва аз устоди эшон, маро огоҳӣ деҳ!

Шайх гуфт: Устоди эшон манам.

Гуфтам: Бояд ки аз илм маро чизе даромӯзӣ.

Лавҳе пеш овард ва алифбое бар он ҷо набишта буд, дар ман омӯхт. Гуфт: Имрӯз ба ин қадар ихтисор кун, фардо чизе дигар даромӯзам ва ҳар рӯз бештар, то олим бишавӣ.

Ман ба хона рафтам ва то рӯзи дигар такрори алифбо мекардам.

Ду рӯзи дигар ба хидматаш рафтам, ки маро дарсе дигар гуфт. Он низ ҳосил кардам. Пас чунон шуд, ки

рӯзе даҳ бор мерафтаму ҳар бор чизе меомӯхтам. Чунон шуд, ки худ як замон аз хидмати шайх холӣ намебудам ва бисёр илм ҳосил кардам. Яке рӯз пеши шайх мерафтам, ноаҳле ҳамроҳ уфтод. Ба ҳеч ваҷҳ вайро аз худ дур наметавонистам кардан. Чун ба хидмати шайх расидам, шайх лавҳро аз дур баробари ман бидошт, ман бингаристам, чизе дидам бар лавҳ набишта, ки ҳоли ман бигардид аз завқи он сир, ки бар лавҳ буд ва чунон бехештан гаштам, ки ҳарчи бар лавҳ дидам, бо он ҳамроҳ бозмегуфтам.

Ҳамроҳ ноаҳл буд. Бар сухани ман бихандид ва афсус пеш оварду сафоҳат оғоз ниҳод ва оқибат даст ба силӣ дароз кард. Гуфт: Магар девона гаштаӣ ва агар на, ҳеч оқиле ҷинси ин сухан нагӯяд.

Ман биранҷидам ва он завқ бар ман сард гашт. Он ноаҳлро ба ҷой бигзоштам ва пештар рафтам. Шайхро бар мақоми худ надидам. Ранҷ зиёдат шуд ва саргардонӣ рӯй бар ман ниҳод. Муддатҳо гирди ҷаҳон мегардидам ва ба ҳеч ваҷҳ устодро бознамеёфтам.

Рӯзе дар хонақоҳе ҳамерафтам, пире дидам дар садри он хонақоҳ, хирқае муламмаъ пӯшида, яке нима сапед ва як нима сиёҳ.

Салом кардам. Ҷавоб дод. Ҳоли хеш бозгуфтам.

Пир гуфт: Ҳақ ба дасти шайх аст. Сирре, ки аз завқи он арвоҳи гузаштагони бузург дар осмон рақс мекарданд, ту бо касе, ки рӯз аз шаб боз нашносад бозгӯйӣ, силӣ хурӣ ва шайх туро ба худ роҳ надиҳад.

Пирро гуфтам, ки маро ҳоле дигар буд ва ҳар чӣ мегуфтам, бехештан мегуфтам. Бояд ки саъй намоӣ, бошад, ки ба саъйи ту ба хидмати шайх расам.

Пир маро ба хидмати шайх бурд.

Шайх чун маро дид, гуфт: Магар нашунидаӣ, ки вақте самандаре ба наздики бат рафт ба меҳмонӣ ва фасли поиз буд. Самандарро ба ғоят сард буд. Бат аз ҳоли вай хабар намедошт, шарҳи лаззати оби сард ме-

дод ва лаззати оби ҳавза дар зимистон. Самандар тайра гашт ва батро биранҷонид ва гуфт, агар на он астӣ, ки дар хонаи ту меҳмонам ва аз атбоъи ту андеша мекунам, туро зинда нагузоштаме. Ва аз пеши бат бирафт.

Акнун ту намедонӣ, ки чун бо ноаҳл сухан гӯйӣ, силӣ хурӣ ва сухане, ки фаҳм накунанд бар куфр ва дигар чизҳо ҳамл кунанд ва ҳазор чиз аз ин ҷо таваллуд кунад?

Мар шайхро гуфтам:

*Чун мазҳабу эътиқоди пок аст маро,*
*Аз таънаи ноаҳл чӣ бок аст маро.*

Маро гуфт: Ҳар сухан ба ҳар ҷой гуфтан хатост ва ҳар сухан аз ҳар кас пурсидан ҳам хатост. Сухан аз аҳл дареғ набояд дошт, ки ноаҳлро худ аз сухани мардон дареғ бувад. Мисоли дили ноаҳл ва бегона аз ҳақиқат ҳамчунон аст, ки фатилае ки ба ҷойи рӯған об ба ӯ расида бошад, чандон ки оташ ба назди ӯ барӣ, афрӯхта нашавад. Аммо дили ошно ҳамчу шамъ аст, ки оташ аз дур ба худ кашад ва афрӯхта шавад. Акнун, ҳадиси соҳибсухан аз нур холӣ набошад: пас, нур дар шамъ гирад, на дар фатилаи тар. Ва шамъ тани худ дар сари сӯзи дил кунад ва чун шамъ намонд, оташ низ намонад. Аҳли маънӣ низ тан дар сари сӯзи дил кунанд, аммо чун тан намонад, рӯшноӣ зиёдат шавад ва ба ошноӣ кашад.

Шайхро гуфтам, ки ҳеч мумкин бувад, ки дили бегона ошно шаваду рӯшан?

Гуфт: Ҳар бегонае, ки бидонист, ки дили ӯ бино нест, тавонад буд, ки бино шавад. Ва мисоли вай чун мисоли ранҷуре бувад, ки вайро ранҷи сарсом бошад. Ранҷур, то ба ин ранҷ асир аст, аз худу ранҷи худ хабар намедорад. Зеро ки ранҷи сарсом ба димоғ уфтад ва димоғро заиф кунад ва қуввати дарёфт бештар аз димоғ бувад. Чун димоғ мутағаййир гашт, ранҷур бехабар

бошад. Он гаҳ ба хештан ояд ва бидонад, ки ранҷур аст, ки ранҷ рӯй ба сиҳҳат ниҳода бошад ва димоғ салоҳ пазируфта. Ва агар на, ҳанӯз надонистӣ. Ҳоли бегона низ ҳамчунон бошад: дар он замон, ки бидонист, ки дили ӯ нобиност, қадре бино гашт. Акнун, ҳам бемори танро ва ҳам бемори дилро ба табиб бояд рафтан: табиб ранҷи тани беморро шарбатҳо фармояд, ки ба ахлот таъаллуқ дорад ва дарди дили беморро шарбатҳо фармояд, ки ба маънӣ таъаллуқ дорад, чандон ки тамом сиҳҳат ёбад. Чун сиҳҳат ёфт, тадбири қувват мебояд кардан. Ва ҳар ду беморро ба се мақом ба мартабаи қувват тавон расонидан. Бемори танро табиб гӯяд, ки аввал моъушшаъир хӯр, дар мақоми дувум гӯяд, музаввар хур, дар мақоми сеюм гӯяд, гӯшт хур. Аз они табиб то ин ҷойгоҳ аст. Пас аз он, бемор хайри худ донад, ки чӣ мебояд хӯрдан. Бемори дилро табиб гӯяд, ки аввал туро бибояд рафтан ба саҳро ва талаб кардан, ки дар саҳро кирмест, ки он кирм ба рӯз аз сӯрох берун наёяд, илло ба шаб. Ва дар он кирм он хосият аст, ки чун нафас бизанад, аз даҳон ӯро рӯшноӣ падид ояд, ҳамчун дарафшидани оташ аз миёни оҳану санг: пас кирм дар саҳро ба он рӯшноӣ тафарруҷ кунад ва қути худ ба даст орад.

Он кирмро пурсиданд, ки ту чаро ба рӯз дар саҳро нагардӣ?

Гуфт: Маро худ аз нафаси худ рӯшноӣ ҳаст, чаро бояд зери миннати офтоб рафтан ва ба рӯшноии нури ӯ ҷаҳон дидан?

Бечора тангҳавсала аст, худ намедонад, ки он рӯшноии нафаси вай ҳам аз офтоб аст.

Бемори дил чун кирм ба даст орад, ҳам ба рӯшноии он кирм бинад, ки ғизои кирм кадом гиёҳ аст, ӯ низ ҳамон хӯрад, чандон муддат ки дар вай низ он хосият падид ояд, ки дар анфоси вай низ рӯшноӣ пайдо шавад. Ин мақоми аввал аст.

Баъд аз он ба дарёи бузург равад ва бар канораи дарё мутарассид бошад, ки говест дар дарё, ки дар шаб аз дарё ба соҳил ояд ва ба нури гавҳари шабафрӯз чаро кунад. Ва он гов бар гавҳари шабафрӯз бо офтоб хусумат дорад: яъне ба рӯз нури гавҳари шабафрӯз фурӯ мегирад ва рӯшании нафас ботил мекунад. Бечора, худ намедонад, ки мадади ҳар рӯшанӣ аз офтоб аст. Пас бемор ҳам ба нури гавҳари шабафрӯз талаб кунад, ки он гиёҳ кудом аст, ки гов мехӯрад, вайро низ ҳамон бояд хӯрдан, чандон муддат, ки дар дили вай низ ишқи гавҳари шабафрӯз падид ояд. Ва он мақоми дувум бошад.

Ва он гаҳ вайро бар кӯҳи Қоф бояд рафт. Ва он ҷо дарахтест, ки Симурғ ошён бар он дарахт дорад. Он дарахтро ба даст орад ва меваи он дарахт хӯрад. Ва он мақоми сеюм аст. Баъд аз он ба табиб ҳоҷат набошад, ки ӯ худ табиб шавад.

Шайхро гуфтам, ки офтобро ин ҳама қувват бошад, ки гавҳари шабафрӯзро рӯшноӣ дар нафас ҳам аз асари вай бувад?

Шайх гуфт: Ӯро қувват бисёр аст ва бар ҳамаи ҷаҳон миннат дорад, аммо касе ҳаққи миннати ӯ намегузорад. Агар касеро боғе бошад ва аз он боғ хӯшае ангур ба соиле диҳад, дар ҳамаи умри хеш ҳазор миннат бар соил ниҳад. Офтоб ҳар сол боғи вайро пур аз ангур ва дигар меваҳо мекунад, ҳаргиз боғбон зери миннати офтоб намешавад. Чӣ чизест, то офтобро дар он амал нест? Агар тифлеро дар хонае торик парвариш кунанд, чунонки бузург шавад ва ҳаргиз офтобро надида бошад, чун дар вай қуввати тамйиз бинанд, офтобро бар вай арза кунанд, мумкин ки вай қадри он рӯшноӣ бишиносад.

Шайхро гуфтам: Вақте ки моҳ бадр мебошад ва муқобалаи найирайн бувад, маълум аст, ки кура дар миён бошад, чиро ҳиҷоби нур намешавад миёни моҳу

офтоб?- ҳамчун уқдаи занаб, ки чун дар пеши офтоб меояд, ё дар пеши моҳ ҳиҷоби нур мешавад.

Шайх гуфт: Ғалат меандешӣ. Агар мехоҳӣ, ки сурати он бидонӣ, доирае бикаш чунонки аз марказ то хат панҷоҳу ним газ бувад ва ҳам аз маркази доираи бузург доирае дигар бикаш, чунонки аз марказ то хат ним газ бувад. Пас хатте рост бар марказ бикаш, чунонки доираҳо ҳар ду рост ба ду қисм шаванд. Аз ин хати рост чаҳор нуқта падид ояд: ду нуқта бар канораи доираи бузург, яке бар ибтидои хат ва яке бар интиҳо ва ду нуқтаи дигар бар канораи доираи кӯчак, яке аз ин тараф ва яке аз он тараф. Акнун, ду доираи дигар бикаш: яке бар он нуқтаи аввал, берун аз доира ва яке бар болои нуқтаи охир, берун аз доира, чунонки аз доираҳои охир ҳар яке аз марказ то хат ду газ бошанд. Акнун тақдир кун, ки доираи бузург фалак аст ва кӯчак замин ва ин ду доираи дигар, яке моҳу дувум офтоб. Акнун, аз он нуқтае, ки ба доираи моҳ тааллуқ медорад, хатте бикаш бар ҷониби рости шакли замин, чунонки рост бар канораи доира бувад– на андаруну на берун. Ва ба ҳамон мисол, хатте дигар бикаш ба ҷониби чап, ҳам аз он нуқта. Акнун, аввали ин ду хати охир худи нуқта аст, он ҷо масофат нест ва миёни охири ҳар ду хат як газ масофат бувад. Акнун, агар ин ду хат, ки то замин кашидӣ, то фалак бикашӣ, миёни он ду хат то он ҷое, ки шакли офтоб аст ду газ бувад ва масофати шакли офтоб чаҳор газ ниҳодем. Пас, ду газ ҷирми офтоб аз ин ду хат берун бошад: як газ аз ҷониби рост ва як газ аз ҷониби чап. Агар худ ба ҷойи як газ як зарра бувад, ки бо зери сари нуқтаи аввал, ки ба моҳ тааллуқ медорад аз ҳар ду тарафи нур ба ҳам пайваста шавад ва сояи замин инак шаб бошад, чандон аст, ки миёни ин ду хатти охир аз замин то нуқтаи боқӣ, ҳама ба нури офтоб рӯшан аст. Ва ин қиёс, ки мекунем то гумон набарӣ, ки нисбати замин бо осмон ё бо наййирин чандон аст, ки осмонро ва

ситорагонро бо замин. Бар ин мисол, ки намудем, сад ҳазор чандон беш аст. Ҷумлаи кураи замин наваду шаш ҳазор фарсанг аст ва рубъи маскун бисту чаҳор ҳазор фарсанд, ҳар фарсанге ба андозаи ҳазор газ ё гом, ки ҳар ду қиёс кардаанд ва замин беш аз ин нест. Акнун, ин қадар замин, ки аз рубъи маскун аст, бибин ки чанд подшоҳ дорад, баъзе вилояте ва баъзе тарафе ва баъзе иқлиме ва ҳар яке даъвои мамлакат мекунанд. Агар бар ҳақиқат воқиф шаванд, ҳаққо ки аз даъвои худ шарм доранд. Ин давлат Абуязид ёфт: пас ҳарчи дошт бигзошт ва ба якбор тарки он ҳама кард. Лоҷарам ба якбор он биёфт. Неъмату ҷоҳу мол ҳиҷоби роҳи мардон аст, то дил бо мисоли ин машғул бошад, роҳ пеш натвон бурдан. Ҳар ки қаландарвор аз банди зинат ва ҷоҳ бархост, ӯро олами сафо ҳосил омад.

Шайхро гуфтам: Кас бошад, ки аз банди ҳарчи дорад, бархезад?

Шайх гуфт: Кас Он кас бувад.

Гуфтам: Чун ҳеч надорад, зиндагонӣ ба кудом асбоб кунад?

Шайх гуфт: Он кас, ки ин андешад, ҳеч надиҳад. Аммо он кас, ки ҳама бидиҳад, ин наяндешад. Олами таваккул хуш оламест ва завқи он ба ҳар кас нарасад.

Дар ҳикоят аст, ки вақте мунъиме буд, моле вофир дошт. Вайро орзуи он уфтод, ки сарое созад ҳарчи батакаллуфтар. Аз атроф санъатгаронро бифармуд овардан ва аз ҷинси таъаҳҳуд бо эшон ҳеч боқӣ нагузошт. Эшон низ лоиқи музди хеш кор карданд, бунёде биниҳоданд ва асосе падид оварданд. Чун иморат нимпардохт гашт, чунон омад, ки аз шаҳрҳо ба тамошои он рафтандӣ. Деворҳои олӣ барафроштанд ва нақшҳои зебо дар он бингоштанд. Сақфаш рашки корномаи Монӣ буд ва ривоқаш беҷуфттар аз Тоқи Кисро.

Сарой ҳанӯз напардохта соҳиби сарой ранҷур гашт ва дарде, ки имкони дармон надошт рӯй ба ӯ намуд ва кор

ба мақоме расид, ки дар назъ уфтод. Маликулмавт ба болини ӯ омад. Хоҷа кор дарёфт. Маликулмавтро гуфт, ҳеч мумкин бувад, ки маро чандон амон диҳӣ, ки ин саройро тамом бирасонам, ки маро дар ҳамаи олам ин орзуст.

Маликулмавт гуфт: Ин худ мумкин набувад. Аммо тақдир кун, ки чандон муҳлат ёфтӣ, ки саро ба итмом расонидӣ ва ҷон таслим кардӣ. На туро ҳасрати сарой он гаҳ бештар бувад? – зеро ки ранҷ ту бурдаӣ ва дигаронро ҷойи таъаййуш будӣ. Аммо чун нотамом аст, пас тамом натвон кардан.

Чун ҷойи амон набуд, ҷон таслим кард.

Акнун, бинои сарой тамом буд, аммо бинияти хоҷа нотамом буд ва ҳаргиз тамом нагаштӣ. Зеро дар чунин ҳолате чунин сурате пеш овард ва чунин ҳоҷате хост.

Шайхро гуфтам: Ниҳоди нек, ки он ба салоҳият наздик бошад, кудом аст?

Гуфт: Ҳамчунон ки дар ҳикоят аст, ки вақте бозаргоне буд ва неъмати бекароне дошт. Хост, ки дар киштӣ нишинад ва ба ҳукми тиҷорат аз он шаҳр, ки буд ба шаҳре дигар равад. Чун бар дарё расид, он ҳама неъмат ки дошт, дар киштӣ ниҳод ва ӯ низ дарнишаст. Маллоҳон киштиро бар рӯйи об равон карданд. Чун киштӣ ба миёни дарё расид, боди мухолиф баромад ва киштиро дар ғарқоб андохт. Маллоҳон он гуҳарҳо дар қаъри дарё андохтанд ва чунонки қоидаи эшон бошад, бозаргононро хавф менамуданд ва бар эшон таҳаккум мекарданд. Ин бозаргони пурмоя оҷиз фурӯ монд: ҳар лаҳза ваҳме ва ҳар дам андешае ва ба ҳеч сифат он ғамро таҳаммул наметавонист кардан. Гоҳе ғами мол буд ва гоҳе ғами сар. На рӯйи ситез буд ва пойи гурез. Ҳол ба ҷое расид, ки аз ҷон оҷиз гашт ва зиндагонӣ бар вай талх гашт ва лаззати мол дар дили вай намонд. Оқибат, он бод биншаст ва киштӣ равона шуд ва ба соҳил расиданд. Бозаргон чун худро бар канори дарё бидид, даст кард ва ҳарчи дошт аз моли худ, ба об андохт.

Мардумон вайро гуфтанд, ки магар девона гаштаӣ ва агар на, ин ҳаракат бар қарор нест. Дар мақоми хавф, ки бо ғӯта асир будӣ ва бими сар буд, аз ин хеч накардӣ, акнун ки ҷойи амн падид омад, ин ҳаракат кардан бар чист?

Бозаргон гуфт, дар он замон, агар мол ба об андохтаме ва агар на, ҳеч тафовут накардӣ. Аз баҳри он ки, агар киштӣ ба саломат бичастӣ, ҳам мол ва ҳам сар аз дарё бадар омадӣ ва агар ғарқа шудӣ, на мол ҷастӣ ва на сар. Пас тафовут набудӣ. Аммо акнун ки ба канор расидам, мепиндорам ки ҳеч ранҷу осеб ба дили ман нарасида аст. Чун ба осоиш расидам, пиндорам, ки худ ба осоиш омадаам. Акнун бо худ меандешам, ки чун ба ин зудӣ ранҷ фаромӯш кардаме, ин ҳама азоб фаромӯш кардаме ва муддате дигар ранҷ куҳантар шудӣ, ҳеч бар хотир намондӣ ва дар моли худ суди вофир дидаме аз ҳирси дунё. Набодо, ки боз дар киштӣ нишастаме ва ҳамон меҳнат пеш омадӣ ва ин бор ҳалок будӣ. Ҷон беҳтар аст аз мол. Мол тарк кардам, то чун маро ҳеч намонад, ба киштӣ набояд нишастан ва тиҷорат набояд кардан, ки тиҷорат ба мол кунанд. Ба ҳар сифат ноне ба даст ояд, ки қуте созам. Ноне бо офият беҳтар аз ганҷу подшоҳӣ.

Шайх мегуфт: Ӯ ба ҳақиқат роҳ мебарад. Кас ин яқин дорад, тавонад будан, ки роҳ ба ҷое барад. Ҳар ки дар он олам чизе ёфт, дар ин олам аз банди чизе бархезад. Агар касе ба хоб бинад, ки вайро чизе зиёдат омад, муъаббир гӯяд, чизе кам шавад. Ва агар бинад, ки чизе кам шуд, муъаббир гӯяд, чизе зиёдат шавад. Ва бисёр чизҳо бар ин қиёс. Акнун, ин асле муҳкам аст. Зеро он ки хоб мебинад, ҷон аст ва ҷон дар он олам бинад. Пас, ҳар чи он ҷо кам шавад, ин ҷо зиёдат шавад. Ҳамчунон ки касе бинад, ки фарзанде зиёдат омад, касе бимирад. Ё бинад, ки касе бимурд, фарзанде зиёдат шавад. Ва агар ба таъбир бинад, ки фалон кас бимурд, умраш зиё-

дат монда бошад. Зеро ки ҳанӯз аз он ҷо ба ин ҷо меояд ва ин равшан аст. Акнун, ҳар ки дар дунё чизе ба сабаби охират аз сари ҳақиқат тарк кунад, дар он олам чизе ёбад. Ва ин дар замоне тавонад донистан, ки касеро ҳолат падид ояд: ҳар чи ба назди хеш бинад, бияндозад. Зеро ки ин ҳол чизе аст, ки вайро аз он олам доданд. Пас ӯ низ аз ин олам чизе бидиҳад, то ба тадриҷ муҷаррад шавад, аз ин ҷо ҳама ба тадриҷ бияндозад ва аз он ҷо ҳосил кунад.

Шайхро гуфтам: Аз ҳоли мардон маро ҳикояте кун!

Гуфт: Аз он ҷо ҳикоят натавон кардан.

Шайхро гуфтам, ки ман вақте дигар ба он лавҳ менигаристам, ки ту менамудӣ ва завқе зиёдат намекардам. Аммо, акнун ҳар гаҳ, ки менигарам, ҳол бар ман мутағаййир мешавад ва аз завқ чунон мешавам, ки намедонам, ки чӣ гуна гаштаам.

Шайх гуфт: Дар он замон ҳанӯз ноболиғ будӣ, аммо ин замон болиғ гаштӣ. Акнун инро мисолест. Мард, ки ноболиғ бувад, агар муҷомаъат кунад, ӯро аз он завқе набошад, аммо чун болиғ шуд ва ба муҷомаъат машғул гашт, вайро аз он лаззате бувад, ки агар ба вақти инзоли манӣ дӯсте азиз вайро аз он амал боздорад, он ғояти душманӣ шумарад ва худро дар он лаззат гум кунад. Ва агар завқи он ҳол бо иннине ҳикоят кунад, он ҳикоят боз надонад кардан, зеро ки ҳоли завқ ҷуз ба завқ натвон донистан ва иннин аз ин насиб маҳрум аст. Акнун ин лаззат нест. Ҳоли мардонро лаззат ба ҷон расад. Ту дар он олам ҳанӯз ноболиғ будӣ, завқи он маънӣ намедонистӣ ва худи маънии завқ намедонистӣ. Акнун болиғ шудӣ. Болиғи шаҳват даст ба ҷинси хеш тавонад зад, соҳиби дасти бекарон олами ғайб бозад ва дар пардаи асрор муоширати бо сарпӯшидагони он вилоят кунад. Бингар, ки аз ин лаззат то он завқ чанд фарқ бошад!

Шайхро гуфтам: Суфиёнро дар самоъ ҳолат падид меояд, он аз куҷост?

Гуфт: Баъзе созҳои хушовоз, чун дафу най ва мисли ин, дар парда аз як мақом овозҳо диҳанд, ки он ҷо ҳузне бошад. Баъд аз он, гӯянда ҳам аз он ҷо савте кунад ба овозе ҳарчи хуштар ва дар миёни овоз шеъре гӯяд, ки он ҳоли соҳиби воқиа бувад, чун овозе ҳазин шунавад ва дар миёни он сурати воқиаи хеш бинад ва ҳамчун Ҳиндустон, ки ба ёди пил диҳанд, ҳоли ҷонро ба ёди ҷон диҳанд. Пас ҷон он завқро аз дасти гӯш бистонад, гӯяд, ки ту сазовори он нестӣ, ки ин шунавӣ. Гӯшро аз шунидан маъзул кунад ва хештан шунавад. Аммо дар он олам, зеро ки дар он олам шунидан кори гӯш набувад.

Шайхро гуфтам, ки рақс кардан бар чӣ меояд?

Шайх гуфт: Ҷон қасди боло кунад, ҳамчун мурғе, ки хоҳад ки худро аз қафас бадар андозад. Қафаси тан монеъ ояд. Мурғи ҷон қувват кунад ва қафаси танро аз ҷой барангезонад. Агар мурғро қувват азим бувад, пас қафас бишканаду биравад ва агар он қувват надорад, саргардон шавад ва қафасро бо худ мегардонад. Боз дар он миён он маънии ғалаба падид ояд: мурғи ҷон қасди боло кунад ва хоҳад, ки чун аз қафас наметавонад ҷастан, қафасро низ бо худ бибарад. Чандонки қасд кунад, як бадаст беш боло натавонад бурдан. Мурғ қафасро боло мебарад ва қафас боз бар замин меуфтад.

Шайхро гуфтам, ки даст барафшондан чист?

Шайх гуфт: Баъзе гуфтаанд, ки остин аз ҳарчи доштам, барафшондам: яъне аз он олам чизе ёфтем, ҳарчи ин ҷо доштем, тарк кардем ва муҷаррад шудем. Аммо маънӣ он аст, ки ҷон пойро як бадаст боло наметавонад бурд, дастро гӯяд, ту боре як газе боло шав, магар як манзил пеш уфтем.

Шайхро гуфтам: Хирқа дур андохтан чист?

Гуфт: Яъне, ки аз он ҷо хабаре ёфтем, аз ин ҷо чизе бияндозем. Аммо он кас, ки хирқа бияндохт, боз бар сар биниҳад, то ин ки остин барафшонад, боз бизоат дар остин биниҳад.

Гуфтам: Агар суфӣ дар миёни ҳалқа бар замин меояд, бар вай ғиромат мениҳанд ва ҳукми фақир аз они ҷамоат бошад, хоҳ самоъ хоҳанд, хоҳ дарюза, хоҳ ҳарчи хоҳанд: ҳукмаш аз они ҷамъ бувад. Сирри он чист?

Гуфт: Мардон чун дар миёни ҳалқа ба замин омадаанд, дигар барнахостаанд, мурғ қавиҳол гаштааст, қафас бишкастааст ва бигурехта. Акнун танро ҳукм аз они ҷамоат бошад – хоҳ он замон ғусл кунанд, хоҳ замоне дигар. Хоҳ кафани сапед кунанд, хоҳ кабуд, хоҳ ба ин гӯристон дафн кунанд, хоҳ ба он: ҳукми вай аз они ҷамоат бувад. Пас ҳукми ин кас ҳукми он кас бувад.

Шайхро гуфтам, ки дигаре бармехезад ва бо соҳиби ҳолат дар рақс мувофиқат мекунад, аз баҳри чист?

Гуфт: Даъвии ҳамроҳӣ мекунаду ҳамдамӣ.

Гуфтам: Баъд аз ҳолат соҳиби ҳолат бармехезад ва даст бар ҳам мениҳад ва ҳеч намегӯяд.

Гуфт: Он чӣ ҳеч намегӯяд, ҳама тан забон аст, ба забони ҳол ҳоли хеш арза мекунад, ки ба забони мақол аз он ҳол ҳикоят натавон кардан. Аммо соҳиби воқеа бояд, ки бидонад, ки чӣ гӯяд.

Шайхро гуфтам: Чун аз самоъ фориғ мешаванд, об мехӯранд. Маънии он чист?

Шайх гуфт: Эшон мегӯянд, ки оташи муҳаббат дар дил асар кард ва аз ҳаракати рақс деги меъда тиҳӣ гашт. Агар об бар вай назананд, бисӯзад. Худ эшон завқи гуруснагӣ намедонанд. Агар донистандӣ, ки ба ифтор машғул нагаштандӣ. Эшон суфӣ набошанд. Басо харсаворони суфишакл, ки дар майдони мардон азми ҷавалон кардаанд ва ба як садама, ки аз муборизони роҳи таҳқиқ ба эшон расида аст, айни вуҷуди эшон намонда аст. Ҳар ки рақс кард, ҳолат наёфт. Рақс бар ҳолат аст, на ҳолат бар рақс. Муҷодилат намудан дар ин қалби кори мардон аст. Остин барафшондан воқиаи суфиён аст. На ҳар ки азрақ дарпӯшад, суфӣ гашт.

# РӮЗЕ БО ҶАМОАТИ СУФИЁН

Рӯзе бо ҷамоати суфиён дар хонақоҳе нишаста будам. Ҳар кас аз мақолоти шайхи хеш фасле мепардохт. Чун навбат ба ман расид, гуфтам: Вақте дар хидмати шайхи хеш нишаста будам, шайхро гуфтам, ки имрӯз миёни растаи ҳаккокон мегузаштам, ҳаккокеро дидам, чархе дар пеш гирифта буд ва ҷавҳаре дар даст дошт ва аз он ҷавҳар бар он чарх муҳрае месохт ба шакли гӯйи мудаввар. Ман андеша кардам, ки агар ин чарх, ки аз боло ба зер мегардад, бар рӯйи замин гардидӣ чун осиёсанг ва ҳаккоке муҳраро бар чарх ниҳодӣ ва даст аз вай бозгирифтӣ, муҳраро бар чарх аз ҳаракати чарх ҳеч ҳаракат будӣ ё на? Сирри он наметавонистам донистан.

Шайх гуфт: Муҳра низ бар чарх бигардидӣ, бар хилофи сайри чарх. Чунонки агар чарх аз чап сӯйи рост гардидӣ, муҳра аз рост бар чарх сӯйи чап гардидӣ. Ҳамчунонки тахтае бигирӣ ва гӯйе бар сари он тахта ниҳӣ, пас тахтаро ба худ кашӣ, тахта наздики ту ояд, аммо гӯй аз бари ту дур уфтад ва ба он ҷониби тахта равад, ки аз ту дур бошад.

Гуфтам: Агар бар чарх инак як муҳра бувад ё даҳ муҳра бувад ё бештар сайри ҳама мутасовӣ бувад ё на?

Гуфт: Агар бар рӯйи чарх даҳ хат баркашӣ, чунонки хатҳо ҷойи гардидани муҳра бувад, ки агар муҳра бар хат ниҳӣ, аз хат бадар наяфтад, пас дар ҳар хатте муҳрае андозӣ он гаҳ чархро бигардонӣ, он муҳра ки бар марказ наздиктар бувад, зудтар ба он мақом расад, ки аз он ҷо рафта бошад ва ҳар муҳрае, ки аз марказ дуртар бувад, дертар расад. Аммо шарт он бошад, ки муҳраҳо мусовӣ бошанд, ки агар муҳрае кӯчак бувад, дертар дар муҳраи бузург расад, зеро ки то даҳ бор муҳраи кӯчак бигардад, чандон бувад, ки муҳрае ки чанди даҳ муҳраи кӯчак бувад, як бор бигардад.

Шайхро гуфтам: Аҷаб санъат аст ҳаккокӣ!

Шайх гуфт: Ҳикояте машҳур аст дар санъати эшон. Аммо кас он ҳикоят тамом нагӯяд ва маънии он надонад.

Шайхро гуфтам: Он ҳикоят чӣ гуна аст?

Гуфт: Вақте ҳаккоке ҷавҳаре дошт. Хост, ки бар он санъате намояд. Аз он ҷавҳар ҳуққае сохт ҳамчун гӯйе гирд. Пас, аз он фазла, ки аз миёни ҳуққа бадар гирифта буд, ҳам дар миён ҳуққае дигар сохт. Боз аз он фазла, ки аз ҳуққаи дувум бадар гирифта буд, ҳуққае дигар сохт. Ва ҳамчунон то нуҳ ҳуққа. Баъд аз он, аз тарошаи ин ҳуққаҳо ҷавҳаре сохт ва он ҷавҳар дар миёни ду ҷома печид. Як пора аз ин ду ҷома ҳеч ранг надошт ва як пора қадре ба сапедӣ мегироид. Дар миёни ҳуққа таъбия кард. Пас, ҳуққаи аввалро ҷило дод ва бар ҳуққаи дувум турунҷе чанд нақш кард ва зар биниҳод ва сеюму чаҳорум то нуҳум бар ҳар яке як турунҷ нақш кард ва ҳамаро зар барниҳод, илло турунҷи ҳуққаи нуҳумро. Пас аз он, ин ҳуққаи муҳаллоро дар харита андохт. Ҳуққа аз ҷониби чап сӯйи рост мегардид ва он турунҷҳо, ки бар ҳуққа буданд, аз ҷониби рост сӯйи чап мегардиданд, чунонки агар касе аз ҷониби миёни ҳуққаи нуҳум бингаридӣ, то ҳуққаи аввал бидидӣ, пиндоштӣ, ки худ як ҳуққа аст ва он ҳама турунҷҳо бар як ҳуққа нақш кардаанд. Ва аз ғояти ҳаракати ҳуққаҳо он ҷавҳар, ки миёни ҷомапораҳо дар миёни ҳуққаи нуҳум буд, муаллақ биистод, чунонки майли вай ба ҳама ҷонибе аз он ҳуққа рост буд.

Чун ин сухан аз шайх шунидам, гуфтам: Пиндорӣ ман ҳам дар миёни он ҳуққаам. Аммо ин чи бо ман мефармоӣ гуфтан, ман фаҳм намекунам. Равшан бозгӯ, то маро фоида бошад!

Шайх гуфт: Чун Борӣ ин фалакҳоро биёфарид, аз барои тазйини фалак нуре ба фалаки аввал фиристод. Фалаки аввал аз ғояти лутф онро ҳамл натавонист кардан, зеро ки фалак мутавассит аст миёни ҳастӣ ва нестӣ,

аз ин тараф ҳамсояи вуҷуд аст ва аз он тараф ҳамсояи адам. Пас, миёни вуҷуду адам чизест, аммо ба ночиз наздик аз рӯйи сурат. Аммо аз рӯйи сифат аз ҳамаи чизҳо чизтар аст. Ҳамчунонки ту ҳаворо дар ҳисоб нагирӣ ва гӯйӣ, ки ҳеч нест, зеро ки чун дар вай қуввати ҳаракат набувад, ки зарраро ҳамл тавонад кардан. Ва ин аз ғояти лутф бувад. Пас, фалаки аввал низ ба ночизӣ, – ки он олам аст-–наздик аст ва латифтар аз ҳар чиз аст: аз ғояти лутф нур барнатавонист гирифтан. Чун нур бар фалаки дувум расид, онро ҳамл кард. Нур бар фалаки дувум мутаҷаззо гашт, ҳар ҷузве аз вай ситорае шуд. Пас фазлаи ин ситорагон ба фалаки сеюм расид, аз он фазла ҷирми Зуҳал пайдо гашт. Боз аз фазлаи Зуҳал ба фалаки чаҳорум расид. Ҷирми Муштарӣ пайдо омад. Ҳамчунон аз фазлаи Муштарӣ Миррих ва аз фазлаи Миррих Офтоб ва аз фазлаи Офтоб Зуҳра ва аз фазлаи Зуҳра Уторид ва аз фазлаи Уторид Моҳ.

Шайхро гуфтам: Чиро ҷирми Офтоб бузургтар ва рӯшантар аз дигар ситорагон?

Гуфт: Зеро ки дар васат уфтода аст, ки агар ба ҳисоби ин ҳафт ситора гирӣ, офтоб дар миён аст ва агар ба ҳисоби фалак, ҳамчунон, ки ду фалак болои ин ҳафт фалак аст, ду фалаки дигар аз зер аст, яке асир ва дигаре замҳарир. Пас, ба ҳама ҳисоб, Офтоб дар миён бошад. Ҳамчунонки обе дар саҳрое равон шавад, агар ба сабаби санге ё замине сахт об майл дар тарафе накарда бошад, ҳар ду канори об танг бувад ва дар миёнаш умқӣ зиёдат бошад, зеро ки ғалаба дар миён бошад ва қувваташ он ҷо бувад, ки ғалаба бувад. Пас, ба ин далел бояд, ки Офтоб бузургтар ва рӯшантар бувад.

Гуфтам: Чиро он ситорагон, ки бар фалаки дувуманд, рӯшан нестанд, ки он ҷо ситорагон бисёранд ва нур ба он ҷо расид ва ин ситорагони дигар ҳама аз фазлаи он ситорагонанд?

Гуфт: Фалаки дувум ба фалаки аввал наздик аст, ӯ низ қуввате зиёдат надорад ва мисоли афлок ҳамчунон аст, мураввиқ хоҳад, ки шакли ҳайкале кунад, аввал нуқтае биниҳад, хоҳ азрақ ва хоҳ сурху хоҳ сабз, аз ҳар ранг, ки хоҳад. Тақдир кунем, ки азрақ бувад. Баъд аз он нуқта, баъзе сапедӣ дар кабудӣ омезад ва хати дигар бар сари он хат бикашад ва ҳар хат мекашад, сапедӣ зиёдат мекашад, то ки ҳеч кабудӣ намонад, ҷумла сапед бувад: ба тадриҷ аз кабудӣ ба сапедӣ расонида бошад. Акнун, ту тақдир кун, ки замин нуқтае кабуд аст ва ҳар фалак ки боло меравад аз замин сапедтар то фалаки аввал, ки дар вай он қадар кабудӣ аст, ки он хат, ки болои вай аст, тамом сапед аст. Акнун, бибинӣ ғараз аз ин сапедӣ лутф аст ва на ранг. Акнун, фалаки дувум низ, ки ба фалаки аввал наздик аст, латиф аст ва ситора низ латиф аст. Ҳамчунонки об дар ҳар чизе бирезӣ, ҳам аз он ранг бошад, ки он чиз бувад. Пас, чун фалаки дувум нек қавиҳол нест, ситорагон низ қавиҳол нестанд.

Шайхро гуфтам, ки чиро бар фалаки дувум ситорагон бисёранд ва бар дигар фалакҳо яке беш нест?

Гуфт: Агар табақи бузург бигирӣ ва чанди як каф зайбақ бар он резӣ, пас маркази табақ ба даст орӣ ва чизе зери маркази табақ ниҳӣ, пас табақро бигардонӣ, чун зайбақ бисёр бувад, аз ҳаракати табақ мутаҷаззо шавад. Пас, агар аҷзои хурди зайбақ бар табақи кӯчак кунӣ ва он табақи кӯчакро бар марказ бигардонӣ, бар табақи кӯчак аҷзои зайбақ муттасил шавад, аз ҳаракати табақи кӯчак. Ҳамон мисол аст: аввал нури фалакро фалаки дувум қабул кард ва арсаи он фарох буд, лоҷарам бар вай нур мутаҷаззо гашт. Чун аз он ҷо ба ҳар фалаке, ки мерасид, арса тангтар буд ва нур андак, лоҷарам ба ҳам мутассил гашт.

Шайхро гуфтам: Чиро Моҳро нур нест?

Гуфт: Ҳар ситора, ки ҳаст, миёни ду фалак андар аст ва мадади нури ситорагон ҳам аз фалак аст ва сито-

ра бар фалак ҳамчун ҳаёт аст дар тани одамӣ, ки мадади қуввати ҳаёт аз қуввати тан бошад ва мадади қуввати тан аз қуввати ҳаёт. Пас, ин як тараф, ки Моҳ ба дунё дорад, аз фалак холӣ аст. Ду фалак ҳастанд, аммо ин фалакҳоро нисбат бо олам унсур аст. Ҳамчун ки дар фалаки аввал ва дувум лутф ғолиб аст, дар ин ду фалак сиқл ғолиб аст Бар ҳамон мисоли нақши муравviқ, ки боз намудем: ин ду фалакро, ки ба зер ояд, нисбат ба кабудӣ бештар аст аз он чи ба сапедӣ ва фалаки аввал ва дувумро нисбат ба сапедӣ бештар аст аз он ки ба кабудӣ. Ва ба ин кабуду сапед сиқлу лутф мехоҳем. Аммо фалаки офтоб мобайн аст ва он ҷо мақоми эътидол аст, аз рӯйи лутфу сиқл. Лоҷарам, ӯ нур тамом баргирифт ва Моҳ аз нур маҳрум монд.

Гуфтам: Агар Моҳ маҳалли нур нест,чиро нури Офтоб дар вай менумояд?

Гуфт: Агар шуои Офтоб ба ойинае мерасад ё ба гӯйе мудаввар ё ба мисли ин, нур пайдо мешавад ва аз он ҷо нур бозмегардад, ҳамчун аз ҷирми Офтоб. Акнун, ин чизҳо маҳаллу қобили нури Офтобанд, ҷирми Моҳ ба тариқи авло.

Чун ин ҷинс суолу ҷавоб дар миёни мо бирафт, шайх гуфт: Ин суолҳо ҳама новорид буд. Касро лозим нест, ки гӯяд, чиро ин ситора мунир аст ва он дигар нест ва чиро ин ҷо нур бисёр аст ва он ҷо кам, ки ба он кас, ки ин роҳ боздиҳад, соил гӯяд, чиро фалак понздаҳ нест, ё ёздаҳ нест ва чиро мегардад ва чиро сайри ғалат намекунад, гӯянд, чунон аст, касро лозим нест сирри он бозгуфтан. Он кас, ки донад, худ донад.

Шайхро гуфтам: Он чӣ гуна тавон донистан?

Гуфт, ки: Он касон, ки дар осмону ситорагон нигаранд, се гурӯҳанд. Гурӯҳе ба чашми сар нигаранд ва саҳифае кабуд бинанд, нуқтае чанд сапед бар вай ва ин гурӯҳ авоманд ва баҳоимро низ ин қадар назар ҳосил бошад. Ва гурӯҳе осмонро ҳам ба дидаи осмон бинанд

ва ин гурӯҳ мунаҷҷимонанд. Дидаи осмон ситора аст ва эшон осмонро ба ситорагон бинанд, гӯянд, имрӯз фалон ситора бар фалон бурҷ аст, пас ин асар кунад, дар фалон бурҷ фалон қирон аст, бурҷи бодӣ аст, ё хокӣ, ё оташӣ, қирони наҳсайн аст, ғалабаи бод бувад ё ғалабаи об, фалон сол, ки Офтоб ба ҳамал мерафт, он замон фалон бурҷ меомад, толеъи сол он бурҷ аст, борандагӣ мебошад, он замон, ки фалон кас аз модар ба замин меомад, фалон бурҷ бармеомад, толеъи он кас он бурҷ бошад, ки худояш фалон ситора аст, худованди толеъ амал кунад, неъмат ба даст орад, фалон вақт уқдаи занаб дар пеши Офтоб истад, ё дар пеши Моҳ, Офтоб ё Моҳ сиёҳ шавад, пайваста ҳисоби он ситора кунанд. Эшон осмонро ба дидаи осмон бинанд. Аммо касоне, ки сирри осмону ситора мебинанд, ба чашми сар набинанд ва на ба дидаи осмон, илло ба назари истидлол.

Шайхро гуфтам: Ман он назар надорам, тадбир чист?

Гуфт: Туро имтилост. Бираву чиҳил рӯз эҳтироз кун! Пас аз он мусҳиле бихӯр, то истифроғ кунӣ! Магар дида боз шавад!

Гуфтам: Он мусҳилро нусхат чист?

Гуфт: Ахлоти он ҳам аз пеши ту ба даст ояд.

Гуфтам: Он ахлот чӣ чиз аст?

Гуфт: Ҳар чӣ ба назди ту азиз аст аз молу милк ва лаззати нафсониву шаҳвонӣ ва мисли ин, ахлоти ин мусҳил аст. Бираву чиҳил рӯз ба андак ғизои мувофиқ, ки аз шубҳат дур бошад ва назари касе сӯйи он набошад, қаноат кун, он гаҳ ин ахлотро дар ҳовани таваккул андоз, пас ба дасти рағбат онро хурд кун ва аз вай мусҳил созу ба як дам бозхӯр! Агар зуд ба мистароҳ ҳоҷат уфтад, пас дору коргар омад, зуд дида рӯшан шавад. Ва агар ҳоҷат наюфтад, дору асар накарда бувад. Боз чиҳил рӯзи дигар ҳамчунон эҳтироз кун ва боз

ҳамон мусҳил бихӯр, ки ин бор коргар ояд! Ва агар ин бор низ коргар наёяд, ҳам бар ин ваҷҳ, бори дигар ва бори дигар бихӯрад, ки ҳам коргар ояд. Аммо агар касе чу саг ба фазлаи хеш бозгардад ва аз он ахлот, ки аз вай мусҳал сохта аст ва бозхӯрда ва дар вай асар карда ва фазла гашта, боз ба он фазла машғул шавад, аз он ҷо нақсе падид ояд ва ранҷ пайдо шавад ва ҳеч табиб онро муолиҷа натавонад кард.

Шайхро гуфтам: Чун дида гушода шавад, бинанда чӣ бинад?

Шайх гуфт: Чун дидаи андарунӣ гушода шавад, дидаи зоҳир барҳам бояд ниҳод ва лаб барҳам бастан ва ин панҷ ҳисси зоҳирро даст кӯтоҳ бояд кардан ва ҳавосси ботинро дар кор бояд андохтан. То ин бемор, чиз агар гирад, ба дасти ботин гирад, агар бинад, ба чашми ботин бинад ва агар шунавад, ба гӯши ботин шунавад ва агар бӯяд, ба шамми ботин бӯяд ва завқи вай аз халқи ҷон бошад. Чун ин маънӣ ҳосил омад, пайваста мутолиаи сирри осмонҳо кунад ва аз олами ғайб ҳар замон огоҳонида шавад. Пас он гаҳ, пурсидӣ, ки чӣ бинад? Худ бинад он чӣ бинад ва бояд дидан. Аз он чизҳо, ки дар назари вай оранд, ҳикоят натвон кард, илло ки ба завқи худ тавон донистан. Ва ин олам кам касеро муяссар шавад, зеро ки тарки дунё кардан бар ноаҳл мушкил аст ва аҳл дар ҷаҳон кам ба даст меояд. Фосиқ ҳар бомдод, ки аз олами мастӣ ба ранҷи хумор уфтад ва қуввати ифроти шароб димоғи вайро заиф карда бошад (ва он касро, ки димоғ заиф бувад, аз ҳар чизе ҳаросон бошад), дар он ҳол феъли худро мункир бувад ва бо худ гӯяд, ки бошад, ки ман даст аз ин фисқ бидорам ва ба Худой бозгардам, ки дунёву охират дар сари ин мешавад. Акнун, андешаи вай рост аст. Аммо, чун шаб дарояд, ғафлат вайро сӯйи харобот кашида бошад ва маст гардонида. Дар мастӣ гӯяд, он чӣ бомдод меандешидам, ҳеч набуд, олам олами мастӣ аст.

Тарки дунё кардан ҳамон сифат дорад: ғафлат дар пеш меояд ва намегузорад, ки кас бар роҳи рост равад ва ҷаҳониёнро аз шароби ғурур пайваста маст медорад. Агар касе лаззати хилват бидонад ва ҳастиро ба нестӣ мубаддал гардонад, пас бар асби фитрат савор шавад ва дар майдони илми ғайб давонад, аз муғаййибот вайро он лаззат бошад, ки аз ғояти лаззат ҳоли худ боз натвонад гуфтан ва аз ҳоли инсоният бадар равад, девонагон вайро “девона” хонанд ва ҳар чӣ кунад, ба назди ту гар шавад. Аммо ӯро аз назари ту фароғате бошад, ки он ҷо ки ӯ бошад, ба ту парво надорад.

❂ ❂ ❂

Чун бо он ҷамоати суфиён аз мақолоти шайхи хеш ин фасл фурӯ гуфтам, ҷамоат гуфтанд, бузургвор шайхе дорӣ ва бар ту мушфиқ, ки ҳеч сир аз ту пинҳон намедорад.

Гуфтам, ӯро аз ман ҳеч пинҳон нест, аммо он чӣ ӯ мегӯяд, наметавонам гуфтан.

# ОВОЗИ ПАРИ ҶАБРАИЛ

Тақдиси бениҳоят ҳазрати қайюмиятро сазовор аст ло ғайр ва тасбеҳи беқусоро ҷаноби кибриёро шоиста аст бе ширкат. Сипос бод қуддусеро, ки ӯйии ҳар ки Ӯро "Ӯ" тавонад хонд, ҳосил аз ӯйии Ӯст ва будии ҳар чӣ шояд, ки буд, аз буди Ӯ буд. Ва дуруду офарин бар равони хоҷае бод, ки партави нури таҳорати Ӯ бар хофиқайн битофт ва шуои шаръи Ӯро ламаъон ба машориқ ва мағориб бирасид ва бар асҳобу ансори Ӯ.

Дар ин як ду рӯз аз касоне, ки рамади таассуб нақси басару басирати эшон шудааст, яке изрое намуд бар мансаби содот ва аиммаи тариқат ва аз сари қусур дар машоихи саволиф беҳудае мегуфт ва дар аснои он, аз баҳри ташдиди инкорро бар мусталаҳоти мутааххирон истеҳзо мекард, то тамодии ӯ дар он ба ҷое расид, ки ҳикоят эрод кард аз Хоҷа Абуалии Фармадӣ, ки "ӯро пурсиданд, ки чун аст, ки кабудпӯшон баъзе асвотро овози пари Ҷабраил мехонанд?" Гуфт: Бидон, ки баъзе чизҳо, ки ҳавосси ту мушоҳидаи он мекунад, ҳама аз овози пари Ҷабраил аст". Ва соилро гуфт: "Аз ҷумлаи овозҳои пари Ҷабраил яке туӣ". Ин мункир таъассуби бефоида мекард, ки "чӣ маънӣ ин калимаро фарз тавон кард, илло ҳазёноти музахраф?"

Чун таҷосури ӯ ба ин ҷо расид, ростиро ман ҳам аз сари ҳиддат заҷри ӯро муташаммир гаштам ва домани мубодалат бо дӯш андохтам ва остини таҳаммул бознавардидам ва бар сари зонуи фитнат биншастам ва аз тариқи шатм кардану омӣ хондан даромадам ва гуфтам: "Инак ман дар шарҳи овози пари Ҷабраил ба азме дуруст ва рое соиб шуруъ кардам. Ту, агар мардӣ ва ҳунари мардон дорӣ, фаҳм кун!" Ва ин ҷузвро "Овози пари Ҷабараил" ном ниҳодам.

❂ ❂ ❂

Дар рӯзгоре, ки ман аз ҳуҷраи занон парвоз кардам ва аз баъзе қайду ҳаҷари атфол халос ёфтам, як шабе, ки ғасаки шабашакл дар муқаъарри фалаки миноранг мустатир гашта буд ва зулмате, ки бародари адам аст, дар атрофи олами суфлӣ мутабаддид шуда буд, маро аз ҳуҷуми хоб футуҳе ҳосил шуд, аз сари зуҷрат шамъе дар даст доштам, қасди мардони саройи мо кардам ва он шаб то матлаъи фаҷр дар он ҷо тавоф мекардам. Баъд аз он ҳаваси духули хонақоҳи падар сонеҳ гашт. Хонақоҳро ду дар буд: яке дари шаҳр ва дигаре дари саҳро ва бустон. Бирафтам ва ин дар, ки дари шаҳр буд, муҳкам бибастам ва баъд аз ратқи он, қасди фатқи дари саҳро кардам. Чун нигаҳ кардам, даҳ пири хубсиморо дидам, ки дар суффае мутамаккин буданд.

Маро фарру ҳайбат ва бузургии эшон сахт аҷаб омад ва аз аврангу зеб ва шайбу шамоил ва салаби эшон ҳайрате азим дар ман зоҳир шуд. Чунонки гуфтор аз забони ман мунқатеъ гашт. Бо ваҷале азим ва ҳаросе тамом як пойро дар пеш мениҳодам ва дигареро бозпас мегирифтам. Пас гуфтам, далерӣ намоям ва ба хидмати эшон мустасъад гардам, ҳар чи бодо бод! Нарм-нарм бирафтам ва пиреро, ки бар канораи суффа буд, қасди салом кардам. Ва инсофро, аз ғояти ҳусни хулқ бар ман сабақ бурд ва ба лутф бар рӯйи ман табассуме бикард, чунонки шакли навоҷизаш дар ҳадақаи ман зоҳир шуд ва бо ҳамаи мутолаати макорими ахлоқ ва шайми ӯ маҳобати ӯ дар ман бар насақи аввал монда буд. Пурсидам, ки хабар деҳ, ки бузургон аз кудом савб ташриф додаанд? Он пир, ки бар канораи суффа буд, маро ҷавоб дод, ки мо ҷамоате муҷаррадонем, аз ҷониби Нокуҷообод мерасем.

Маро фаҳм ба он нарасид. Пурсидам, ки он шаҳр аз кудом иқлим аст?

Гуфт: Аз он иқлим аст, ки ангушти сабоба он ҷо роҳ набарад.

Пас, маро маълум шуд, ки пири мутталеъ аст. Гуфтам: Ба ҳукми карам эълом фармой, ки бештари авқоти шумо дар чӣ сарф уфтад?

Гуфт: Бидон, ки кори мо хайётат аст ва мо ҷумла ҳофизи каломи Худовандем ва саёҳат кунем.

Пурсидам, ки ин пирон, ки бар боло нишастаанд, чиро мулозимати сукут менумоянд.

Ҷавоб дод, ки аз баҳри он ки амсоли шуморо аҳлияти муҷоварати эшон набошад. Ва ман забони эшонам. Ва эшон дар муколамати ашбоҳи ту шуруъ нанумоянд.

Раквае ёздаҳтуӣ дидам, ки бар саҳро афганда буд ва қадре об дар миёни он ва дар миёни об регчаи мухтасар мутамаккин шуда ва ҷавониби он регча ҷонваре чанд мегардиданд ва бар ҳар табақае аз ин раквaҳои ёздаҳту аз табақоти нуҳгонаи болойин ангулае рӯшан барнишонда, илло бар табақаи дувум, ки ангулаҳои нуронӣ бисёр буд, бар намат ва ниҳоди таркҳои мағрибӣ, ки суфиён бар сар мениҳанд ва табақаи нахустин ҳеч ангулае надошт. Ва бо ин ҳама, ин раква аз гӯй гирдтар буд ва даре надошт ва дар сутуҳи он ҳеч фурҷа ва рахнае набуд ва ин атбоқи ёздаҳгона ранг надошт ва аз ғояти латофат, он чӣ дар муқаъарри эшон буд, муҳтаҷаб намешуд ва нуҳтуи болоро ҳеч сӯрох намешоист кардан, валекин ду табақаи зерин ба суҳулат мешоист даридан.

Пурсидам шайхро, ки ин “раква” чист?

Гуфт: Бидон, ки туи аввал, ки ҷирмаш аз ҳама азимтар аст аз ҷумлаи атбоқ, ӯро он пире тартиб ва таркиб кардааст, ки бар болои ҳама нишастааст ва дувумро дувум, ҳамчунин то ба ман расад, ин асҳоб ва руфақои нуҳгона ин нуҳ туро ҳосил кардаанд ва он феълу саноати эшон аст. Ва ин ду табақаи зеринро ба ҷуръаи об ва сангреза дар миён ман ҳосил кардаам. Ва чун бинияти эшон қавитар бувад, он чи саноати эшон

аст, мутамаззиқ ва масқуб намегардад, валекин он чи саноати ман аст, онро мутамаззиқ тавон кард.

Пурсидам шайхро, ки ин шуюх ба ту чӣ тааллуқ доранд?

Гуфт: Бидон, ки ин шайх, ки саҷҷодаи ӯ дар садр аст, шайх ва устоду мурабии пири дувум аст, ки дар паҳлӯи ӯ нишаста аст ва пири дувумро дар ҷарида ӯ сабт кардааст ва ҳамчунин пири дувум пири сеюмро ва сеюм чаҳорумро, то ба ман расад. Ва маро он пири нуҳум дар ҷарида сабт кардааст ва хирқа додаву таълим карда.

Пурсидам, ки шуморо аз фарзанду милк ва амсоли ин ҳаст?

Гуфт: Моро ҷуфт набудааст, валекин ҳар яке фарзанде дорем ва ҳар яке осиёе ва ҳар фарзанде бар осиёе гумоштаем, то тимори он медорад. Ва мо, то ин осиёҳоро бино кардаем ҳаргиз дар он нанигаристаем, валекин фарзандони мо ҳар яке бар сари ҳар осиёе ба иморат машғул аст ва ба як чашм ба осиё менигарад ва ба як чашм пайваста ба ҷониби падари хеш нигоҳ мекунад. Ва аммо осиёи ман чаҳортабақа аст ва фарзандони ман бас бисёранд, чунонки муҳосибони ҳарчи зирактар иҳсои эшон натавонанд кардан. Ва ҳар вақте маро фарзанде чанд ҳосил шавад, эшонро ба осиёи хеш фиристам. Ва ҳар якеро муддатест муайян дар тавлияти иморат. Чун вақти эшон мунқазӣ шавад, эшон пеши ман оянд ва дигар аз ман муфорақат накунанд ва фарзандони дигар, ки нав ҳосил шуда бошанд, ба он ҷо раванд ва бар ин қиёс мебувад. Ва аз баҳри он ки осиёи ман мазиқе сахт аст ва дар навоҳии он маховифе ва маҳолике бисёр аст ва аз фарзандони ман ҳар киро навбати риояти худ ба ҷой оварад ва аз он ҷо муфорақат кунад, дигар майли авд аз ӯ мутасаввир нашавад. Валекин ин пирони дигарро ҳар яке фарзанде беш нест, ки мутакаффил аст осиёеро ва пайваста бар нигоҳдошти он ис-

бот менумояд ва фарзанди ҳар яке қавитар аз ҷумлаи фарзандони ман аст ва мадади осиё ва фарзандони ман аз осиё ва фарзандони эшон аст.

Гуфтам: Ин таволуд ва таносул туро бар сабили муҷаддад чӣ гуна меуфтад?

Гуфт: Бидон, ки ман аз ҳоли худ мутағаййир нашавам ва маро ҷуфт нест, илло канизаке ҳабашӣ, ки ҳаргиз дар вай нигоҳ накунам ва аз ман ҳаракате ҳосил нашавад, илло он аст, ки вай дар миёнаи осиёҳо мутамаккин аст ва назари ӯ дар осиё ва гардиши афлок ва тадвир аст ва чунонки аҳҷор мутаҳаррик аст, назар ва ҳадақаи ӯ дар гардиш зоҳир шавад. Ҳар гаҳ, ки дар миёнаи гардиш ҳадақаи канизак сиёҳ ва назараш бар ман ояд ва дар баробари ман уфтад, аз ман бачае дар раҳими ӯ ҳосил шавад, бе он ки дар ман таҳарруке ва тағаййуре уфтад.

Гуфтам, ки ин баробарӣ ва назару муҳозоти ӯ ба ту чӣ гуна мутасаввир шавад?

Гуфт: Мурод аз ин алфоз салоҳияте ва истеъдоде беш нест.

Пирро гуфтам: Чун аст, ки ту дар ин хонақоҳ нузул кардӣ баъдамо, ки даъвои адами таҳаррук ва тағаййур аз ту зоҳир шуд?

Гуфт: Ай салимдил, офтоб пайваста дар фалак аст, валекин агар макфуферо шуури идрок ва эҳсоси ҳоли ӯ набошад, нобуди эҳсоси ӯ муҷиби адам бувад ё сукуни офтоб дар маҳалли хеш набошад. Агар макфуфро он нақс зоил шавад, ӯро аз офтоб мутолабат нарасад, ки ту чиро пеш аз ин дар олам набудӣ, зеро ки ӯ ҳамвора дар давоми ҳаракат собит будааст, аммо тағаййур дар ҳоли макфуф аст, на дар ҳоли офтоб. Мо низ пайваста дар ин суффаем ва нодидани ту далели нобудани мо нест ва бар тағаййур ва интиқоли мо далолат надорад. Табаддул дар ҳоли туст.

Гуфтам: Шумо тасбеҳ кунед Худоро аззу ҷалл?

Гуфт: На. Истиғроқ дар шуҳуд фароғи тасбеҳро нагузошт. Ва агар низ тасбеҳе бошад, на ба воситаи забону ҷориҳа бувад ва ҷунбиш ба он роҳ наёбад.

Гуфтам: Маро илми хайётат биёмӯз!

Гуфт: Ҳайҳот! Ашбоҳ ва назоири туро ба ин даст нарасад ва навъи туро ин илм муяссар нашавад, ки хайётати мо дар феълу олат нагунҷад. Лекин туро аз илми хайётат он қадар таълим равад, ки хеш ва муроққаъи худро иморат тавонӣ кардан.

Ва ин қадарро ба ман омӯхт.

Гуфтам: Каломи Худойро бар ман омӯз!

Гуфт: Азим дур аст, ки то ту дар ин шаҳр бошӣ, аз каломи Худой қадре бисёр наметавонӣ омӯхт, валекин он чи муяссар шавад, туро таълим кунам.

Зуд лавҳи маро бистад. Баъд аз он ҳиҷое бас аҷаб ба ман омӯхт, чунонки ба он ҳиҷо ҳар сирре, ки мехостам, метавонистам донист.

Гуфт: Ҳар ки ин ҳиҷо дарнаёбад ӯро асрори каломи Худой, чунон ки воҷиб кунад, ҳосил нашавад ва ҳар ки бар аҳволи ин ҳиҷо мутталеъ шуд, ӯро шарафе ва масобате бо дид ояд.

Пас аз он илми абҷад биёмӯхтам ва лавҳро баъд аз фароғи таҳсили он маблағ, мунаққаш гардонидам, ба он қадр ки муртақои қудрат ва масрои хотири ман буд, аз каломи Борӣ. Ва чандон аҷоиб маро зоҳир шуд, ки дар ҳадди баён нагунҷад. Ва ҳар вақте ки мушкиле торӣ шудӣ, бар шайх арза кардаме, он ишкол ҳал гаштӣ.

Гоҳ дар нафси руҳ сухане мерафт. Шайх чунон ишорат кард, ки он аз руҳулқудус ҳосил мешавад. Аз ваҷҳи муносиб суол карда омад. Дар ҷавоб чунин намуд, ки ҳар чи дар ҳар чаҳор рубъи олами софил меравад, аз пари Ҷабраил ҳосил мешавад.

Аз шайх кайфияти ин назм баҳс кардам.

Гуфт: Бидон, ки Ҳақро чанд калима ҳаст кубро, ки он калимот нуронӣ аст ва аз субуҳоти ваҷҳи карими ӯ

ва баъзе болои баъзе. Нури аввал калимаи улиёст, ки аз он каримтар калимае нест. Нисбати ӯ дар нур ва таҷаллӣ чун нисбати Офтоб аст бо дигар кавокиб. Ва аз шуои ин калима калимае дигар ҳосил шуд ва ҳамчунин аз яке то яке, то адади комил ҳосил шуд. Ва ин калимот томот аст. Ва охири ин калимот Ҷабраил аст ва арвоҳи одамиён аз ин калимаи охир аст. Ва Исоро "руҳуллоҳ" хонд ва бо ин ҳама ӯро "калима" хонда аст ва "руҳ" низ. Ва одамиён яке навъанд. Пас ҳар киро руҳ аст, калима аст, балки ҳар ду исми як ҳақиқат аст. Ва аз калимаи кубро, ки охири кубриёт аст – калимоти суғро беҳад зоҳиранд, ки дар ҳасру баён нагунҷад. Ва Ҳақро ҳам калимоти вустоанд. Малоика муҳаррикоти афлоканд, ки калимоти вустоанд.

Гуфтам: Маро аз пари Ҷабраил хабар деҳ.

Гуфт: Бидон, ки Ҷабраилро ду пар аст: яке пари рост аст ва он нури маҳз аст, ҳамагии он пари муҷаррад изофати буди ӯст ба Ҳақ. Ва паре аст бар чапи ӯ, порае нишони торикӣ бар ӯ, ҳамчун калафе бар рӯйи Моҳ, ҳамоно ки ба пойи товус монад. Ва он нишонаи буди ӯст, ки як ҷониб ба нобуд дорад. Ва чун назар ба изофати буди ӯ кунӣ бо буди Ҳақ, сифати буди ӯ дорад ва чун назар ба истиҳқоқи зоти ӯ кунӣ, истиҳқоқи адам дорад ва он лозими буд аст. Ва ин ду маънӣ дар мартабати ду пар аст: изофат ба Ҳақ яминӣ ва эътибори истеҳқоқ дар нафси худ ясорӣ. Ва наздиктар аъдоде ба яке ду аст, пас се, пас чаҳор. Пас ҳамоно он ҷӣ ӯ ду пар дорад, шарифтар аз он аст, ки се пару чаҳор. Ва инро дар улуми ҳақоиқ ва мукошифот тафсиле бисёр аст ва фаҳми ҳар кас ба он нарасад. Чун аз руҳи қудсӣ шуое фурӯ уфтод, шуои ӯ он калима аст, ки ӯро "калимаи суғро" мехонанд. Кофиронро низ калимае аст, илло он аст, ки калимаи эшон садоомез аст. Ва аз пари чапаш, ки қадре зулмат бо ӯст, сояе фурӯ уфтод, олами зӯру ғурур аз он аст. Ва дар Каломи маҷид мегӯяд "ҷаъала-з-

зулумоти ва-н-нур”. Ин зулмате, ки ӯро бо ҷаъал нисбат карда, олами ғурур тавонад буд ва ин нур, ки аз паси зулумот аст, шуои пари рост аст, зеро ки ҳар шуоъ, ки дар олами ғурур уфтад, пас аз нури ӯ бошад. Пас олами ғурур садо ва зилли пари Ҷабраил аст, яъне, пари чап ва равонҳои рӯшан аз пари рости ӯст ва ҳақоиқе, ки илқо мекунанд дар хавотир, ҳама аз пари рост аст ва қаҳру сайҳа ва ҳаводис ҳам аз пари чапи ӯст.

Пурсидам шайхро: Ин пари Ҷабраил, охир чӣ сурат дорад?

Гуфт: Ай ғофил, надонӣ, ки ин ҳама рамуз аст, ки агар бар зоҳир бидонанд, ин ҳама томоти беҳосил бошад.

Гуфтам: Ҳеч калимае муҷовири рӯзу шаб бошад?

Гуфт: Ай ғофил, надонӣ, ки масъади калимот ҳазрати Ҳақ аст? Ва дар ҳазрати Ҳақ на шаб бошаду на рӯз ва дар ҷониби рабубият замон набошад. Ва ҳар чӣ замон надорад, макон надорад ва ҳар чӣ берун аз ин ҳар дуст, калимоти Ҳақ аст – кубро ва суғро.

Пас, чун дар хонақоҳи падарам рӯз нек баромад, дари берунӣ бибастанд ва дари шаҳр бигшоданд ва бозориён даромаданд ва ҷамоати пирон аз чашми ман нопадид шуданд ва маро дар ҳасрати суҳбати эшон ангушт дар даҳон бимонд. Ва овах мекардам ва зории бисёр менамудам, суде надошт.

❂ ❂ ❂

Тамом шуд қиссаи “Овози пари Ҷабраил”.

# ЛУҒАТИ МӮРОН

Сипос мубдиъи ҳамаро, ки ба ҳақиқати ҳамаи ҳамагӣ, ба эътирофи ҳамаи мавҷудот вуҷуди сазовор аст. Ва дуруд бар равони покон бод, хусусан бар Муҳаммади Мустафо ва оли ӯ.

Яке аз ҷумлаи азизон, ки риояти ҷониби ӯ бар ин заиф мутаваҷҷаҳ буд, илтимос кард, калимае чанд дар наҳҷи сулук исъоф карда омад, ба шарти он ки аз ноаҳл дареғ дорад, иншоаллоҳ. Ва инро “Луғати мӯрон” ном ниҳодем ва тавфиқ аз Худой хостем дар итмоми он.

❂ ❂ ❂

Мӯре чанд тезтак, миёнбаста аз ҳазизи зулмати макман ва мустақарри аввали хеш рӯй ба саҳро ниҳоданд, аз баҳри тартиби қут. Иттифоқро шохе чанд аз набот дар ҳиззи мушоҳадаи эшон омад ва дар вақти субҳ қатароти жола бар сафаҳоти сутуҳи он нишаста буд.

Яке аз яке пурсид, ки ин чист?

Яке гуфт, ки асли ин қатарот аз замин аст. Ва дигаре гуфт, аз дарёст. Ва ало ҳозо дар маҳалли низоъ уфтод.

Мӯре мутасарриф дар миёни эшон буд. Гуфт: Лаҳзае сабр кунед, то майли ӯ аз кудом ҷониб бошад, ки ҳар касеро зӣ ҷиҳати асли худ кашише бошад ва ба луҳуқи маъдан ва манбаъи худ шавқе бувад, ҳамаи чизҳо ба синхи худ мунҷазиб бошад. Набинӣ, ки кулӯхеро аз маркази замин ба ҷониби муҳит андозанд, чун асли ӯ суфлӣ аст ва қоидаи кулли шайин ярҷиъу ило аслиҳи мумаҳҳад  аст, ба оқибат кулӯх ба зер ояд. Ҳарчи ба зулмати маҳз кашад, аслаш ҳам аз он аст, ҳарчи рӯшанӣ ҷӯяд, ҳама аз рӯшанист.

Мӯрон дар ин буданд, ки офтоб гарм шуд ва шабнам аз ҳайкали накотӣ оҳанги боло кард.

Мӯронро маълум гашт, ки аз замин нест, чун аз ҳаво буд, бо ҳаво рафт.

❁ ❁ ❁

Сулаҳфоте чанд дар соҳил нишеман доштанд. Вақте бар дарё бар сабили тафарруҷ назаре мекарданд, мурғе мунаққаш бар сари об, ба расми туюр бозӣ мекард: гоҳ ғӯта мехӯрд ва гоҳ бармеомад.

Яке аз эшон гуфт: Оё ин шакли матбуъ обӣ аст, ё ҳавоӣ?

Дигаре гуфт: Агар обӣ набудӣ, дар об чӣ кор доштӣ?

Сеюм гуфт: Агар обӣ аст, бе об натвон буд.

Қозии ҳоким махласи сухан бар он овард, ки нигоҳ доред ва муроқиби ҳоли ӯ бошед! Агар бе об тавонад буд, на обӣ аст ва на ба об муҳтоҷ аст. Ва далел бар ин ҳол моҳӣ аст, ки чун муфорақат кард аз об, ҳаёташ истиқрор напазирад.

Ногоҳ боде сахт баромад ва обро ба ҳам овард. Мурғак дар авҷи ҳаво нишаст.

Ҳокимро гуфтанд: Маъхазатро ба баёне ҳоҷат аст.

Ҳоким гуфт: Сухани Абутолиби Маккӣ нашунидаед, ки дар ҳаққи пайғомбари мо мегӯяд дар боби ваҷд ва хавф: дар ҳоли ваҷд макон аз пайғомбар бармедоштанд. Ва бузургон аз ҷумлаи ҳуҷуби ақл ҳаворо ва маконро ва ҷисмро шуморанд. Ва ҳама муттафиқанд, ки то ҳиҷоб барнахезад, шуҳуд ҳосил нашавад. Ва ин гавҳар, ки дар маҳалли шуҳуд меояд, махлуқ ва ҳодис аст.

Ҳамаи сангпуштон бонг баровstreet, ки гавҳаре, ки дар макон бошад, чун аз макон бадар равад? Аз ҷиҳот чун мунқатеъ шавад?

Ҳоким гуфт: Ман на аз баҳри ин гуфтам ин қисса ба ин дарозӣ.

Сангпуштон бонг баровларданд, ки эй ҳоким, ту маъзулӣ. Ва хок бар ӯ пошиданд ва дар нишеман рафтанд.

❂ ❂ ❂

Ҳамаи мурғон дар ҳазрати Сулаймон ҳозир буданд, илло андалиб. Сулаймон мурғеро ба рисолат номзад кард, ки андалибро бигӯ, ки зарурат аст расидани шумову мо ба якдигар.

Чун пайғоми Сулаймон ба андалиб расид, ҳаргиз аз ошён бадар наёмада буд, бо ёрони худ мурочиат кард, ки фармони Сулаймон бар ин насақ аст ва ӯ дурӯғ нагӯяд: ба ичтимоъ эъод карда аст. Ӯ берун бошад ва мо дарун, мулоқот муяссар нашавад. Ва ӯ дар ошёни мо нагунчад. Ва ҳеч тариқе дигар нест.

Яке солхӯрда дар миёни эшон буд, овоз дод, ки чун малик Сулаймон дар ошёни мо нагунчад, мо низ ба тарки ошён бигӯем ва ба наздики малик равем. Ва агар на, мулоқот муяссар нашавад.

❂ ❂ ❂

Ҷоми гетинумой Кайхусравро буд. Ҳар чӣ хостӣ, дар он ҷо мутолаат кардӣ ва бар муғаййабот воқиф мешуд ва бар коинот мутталеъ мегашт. Гӯянд, онро ғилофе буд аз адим бар шакли махрут сохта, даҳ бандгушо бар он ҷо ниҳода. Вақте ки хостӣ, ки аз муғаййабот чизе бинад, он ғилофро дар харта андохтӣ. Чун ҳамаи бандҳо гушуда будӣ бадар наёмадӣ. Чун ҳама бибастӣ, дар коргоҳи харрот баромадӣ. Пас, вақте ки офтоб дар истиво будӣ, ӯ он ҷом дар баробар медошт. Чун зуъи нияри акбар бар он меомад, ҳамаи нуқуш ва сутури олам дар он ҷо зоҳир мешуд.

❁ ❁ ❁

Касеро бо яке аз мулуки ҷин муонасат уфтод. Ӯро гуфт: Туро кай бинам?

Гуфт: Агар хоҳӣ, ки туро фурсати илтиқои мо бошад, қадре аз кундур бар оташ неҳ ва дар хона ҳар чӣ оҳанпора аст ва аз аҷсоди саъба, ҳар чӣ сариру садо дорад, бияндоз ва ба сукунат ва рифқ ҳар чӣ бонг дорад, дур кун. Пас, ба дарича берун нигар, баъд аз он ки дар доирае нишаста бошӣ, чун кундур сӯхта шавад, маро бибинӣ.

❁ ❁ ❁

Вақте хуффоше чандро бо ҳирбо хусумат уфтод ва муковаҳат миёни эшон сахт гашт. Мушоҷарат аз ҳад бирафт. Хафофиш иттифоқ карданд, ки чун ғасақи шаб дар муқаъарри фалак мустатир шавад ва раиси ситорагон дар ҳазираи уфул ҳаво кунад, эшон ҷамъ шаванд ва қасди ҳирбо кунанд ва бар сабили ҳироб ҳирборо асир гардонанд, ба муроди дил сиёсате бар вай биронанд ва бар ҳасаби машиййат интиқоме бикашанд. Чун вақти фурсат ба охир расид, бадар омаданд ва ҳирбои мискинро ба таъовун ва таъозуди якдигар дар кошонаи идбори худ кашиданд ва он шаб маҳбус бидоштанд.

Бомдод гуфтанд: Ин ҳирборо тариқи азият чист?

Ҳама иттифоқ карданд ба қатли ӯ. Пас, тадбир карданд бо якдигар бар кайфияти қатл. Ройашон бар он қарор гирифт, ки ҳеч таъзиб батар аз мушоҳадати офтоб нест. Албатта, ҳеч азобе батар аз муҷоварати офтоб надонистанд. Қиёс бар ҳоли хеш карданд ва ӯро ба мутолаати офтоб таҳдид карданд.

Ҳирбо аз Худои худ ин мехост ва орзуи ин навъ қатл мекард.

Чун офтоб баромад, ӯро аз хонаи нуҳусати худ бадар андохтанд, то ба шуои офтоб муъаззаб шавад. Ва

он таъзият эҳёи ӯ буд. Агар хафофиш бидонистандӣ, ки дар ҳаққи ҳирбо ба он таъзиб чӣ эҳсон кардаанд ва чӣ нуқсон аст дар эшон ба завқи лаззати ӯ, ҳамоно ки дар ғазаб бимурдандӣ.

❁ ❁ ❁

Вақте ҳудҳуд дар миёни бумон уфтод. Бар сабили раҳгузар ба нишемани эшон нузул кард. Ва ҳудҳуд ба ғояти ҳиддати басар машҳур аст ва бумон рӯзкӯр бошанд, чунонки қиссаи эшон наздики аҳли араб машҳур аст. Он шаб ҳудҳуд дар ошён бо эшон бисохт ва эшон ҳар гуна аҳвол аз вай истихбор мекарданд.

Бомдод ҳудҳуд рахт барбаст ва азми раҳил кард.

Бумон гуфтанд: Ай мискин, ин чӣ бидъат аст, ки ту овардаӣ? Ба рӯз касе ҳаракат кунад?

Ҳудҳуд гуфт: Ин аҷаб қиссае аст, ҳамаи ҳаракот ба рӯз воқеъ шавад.

Бумон гуфтанд: Магар девонаӣ? Дар рӯзи зулмонӣ, ки офтоби музлим барояд, касе чизе чун бинад?

Гуфт: Ба акс уфтодааст шуморо. Ҳамаи анвори ин ҷаҳон туфайли нури офтоб аст ва ҳамаи рӯшанон иктисоби нур ва иқтибоси зуъи худ аз ӯ кардаанд ва айнушшамс аз он гӯянд ӯро, ки янбуъи нур аст.

Эшон ӯро илзом карданд, ки чиро ба рӯз касе ҳеч набинад?!

Гуфт: Ҳамаро дар тариқи қиёс ба зоти худ илҳоқ макунед, ки ҳама кас ба рӯз бинад. Ва инак, ман мебинам, дар олами шуҳудам, дар аёнам, ҳуҷуб муртафаъ гашта аст, сутури шориқро бе эътивори райбе бар сабили кашф идрок мекунам.

Бумон чун ин ҳадис бишниданд, ҳолӣ фарёде бароварданд ва ҳашре карданд ва якдигарро гуфтанд: Ин мурғ мубтадиъ аст: дар рӯз, ки мазиннаи амост, дами биноӣ мезанад!

Ҳолӣ, ба минқору михлаб даст ба чашми ҳудҳуд фаро доштанд ва душном медоданд ва мегуфтанд, ки "ай рӯзбин!" Зеро ки рӯзкӯрӣ назди эшон ҳунар буд. Ва гуфтанд, ки агар бознагардӣ, бими қатл аст.

Ҳудҳуд андеша кард, ки агар худро кӯр нагардонам, маро ҳалок кунанд, зеро ки маро бештар захм бар чашм зананд ва қатлу амо ба якборагӣ воқеъ шавад. Илҳоми "каллиму-н-носа ъало қадри ъуқулиҳум" ба ӯ расид. Ҳолӣ, чашм бар ҳам ниҳоду гуфт: Инак, ман низ ба дараҷаи шумо расидам ва кӯр гаштам.

Чун ҳол ба ин намат диданд, аз зарбату илом мумтанеъ гаштанд.

Ҳудҳуд донист, ки дар миёни бумон ифшои сирри рабубият куфр аст. То вақти реҳлат ба ҳазор меҳнат кӯрии музаввирӣ мекард.

❂ ❂ ❂

Подшоҳе боғе дошт, ки албатта, дар фусули арбаъа аз раёҳин ва хузрат ва мавозеъи нузҳат холӣ набудӣ, обҳои азим дар он ҷо равон ва аснофи туюр бар атрофи ағсон анвоъи алҳон адо мекарданд ва аз ҳар неъмате, ки дар хотир мухталиҷ мешуд ва ҳар зинате, ки дар ваҳм меомад дар он боғ ҳосил буд. Ва аз он ҷумла, ҷамоате тавовис ба ғояти лутфу зеб ва руъунат дар он ҷо муқом доштандӣ. Вақте ин подшоҳ товусеро аз он ҷумла бигирифт ва бифармуд, то ӯро дар чарме дӯзанд, чунонки аз нуқуши аҷниҳаи ӯ ҳеч зоҳир намонд ва ба ҷаҳди хеш мутолааи ҷамоли худ натавонист кард. Бифармуд, то ҳам дар боғ, саллае бар сари ӯ фурӯ карданд, ки ҷуз яке сӯрох надошт, ки қадре арзан дар он ҷо рехтандӣ аз баҳри қуту барги маишати ӯ.

Муддатҳо баромад. Ин товус худро ва маликрову боғро ва дигар тавовисро фаромӯш кард. Дар худ нигоҳ мекард, илло чарми мустафзари бенаво намедид ва

маскане ба ғояти зулмат ва ноҳамворӣ. Дил ба он ниҳод, ки ҳеч чиз латифтар аз чарм нест ва ҳеч мақом азимтар аз он мақъади салла натвонад буд, чунонки эътиқод кард, ки “агар касе варои ин айше ва камоле ва мақарре даъво кунад, куфри мутлақ ва сақати маҳз ва ҷаҳли сирф бошад”. Ин буд, ки ҳар вақт, ки боде хуш вазидан гирифтӣ ва бӯйи азҳор ва ашҷор ва гулу бунафша ва саману анвоъи раёҳин ба ӯ расидӣ аз он сӯрох, лаззате аҷаб ёфтӣ, изтиробе дар вай падид омадӣ ва нишони тайарон дар ӯ ҳосил гаштӣ ва дар худ шавқе ёфтӣ. Валекин надонистӣ, ки он шавқ аз куҷост, зеро ки либос ҷуз аз он чарм надонистӣ ва олам ҷуз он салла ва ғизо ҷуз аз арзан. Ҳама чизҳо фаромӯш карда буд. Ва агар низ вақте асвоту алҳони тавовис ва нағамоти туюри дигар шунидӣ, ҳам шавқ ва орзуи ӯ падид омадӣ, валекин мутанаббеҳ нагаштӣ аз он асвоти туюр ва ҳубуби сабо. Муддате дар он тафаккур бимонд, ки “ин боди хушбӯй чист ва ин асвоти хуш аз куҷост?” Маълумаш намегашт. Ва дар ин авқот, бе ихтиёри вай, фараҳе дар вай меомад. Ва ин ҷаҳолати ӯ аз он буд, ки худро фаромӯш карда буд ва ватанро. Ҳар вақт, ки аз боғ боде ё овозе баромадӣ, ӯ дар орзу омадӣ, бе он ки муҷибии шинохте ё сабабаш маълум будӣ.

Рӯзгоре дар он ҳайрат бимонд. То подшоҳ рӯзе бифармуд, ки он мурғро биёваред ва аз саллаву чарм халос диҳед.

Товус чун аз он ҳуҷуб берун омад, худро дар миёни боғ дид, нуқуши худро бингарист ва боғро ва азҳору ашколи онро бидид ва фазои оламу маҷоли сайёҳат ва тайарону асвоту алҳон ва аҷнос, дар кайфияти ҳол фурӯ монд ва ҳасратҳо хӯрд.

❂ ❂ ❂

Идрис – ҷумлаи нуҷуму кавокиб бо ӯ дар сухан омаданд. Аз Моҳ пурсид, ки туро чиро вақте нур кам мешавад ва гоҳе зиёдат?

Гуфт: Бидон, ки ҷирми ман сиёҳ аст ва сайқалу софӣ ва маро ҳеч нуре нест. Валекин вақте ки дар муқобалаи офтоб бошам, бар қадри он ки тақобул уфтад, аз нури ӯ мисоле дар оинаи ҷирми ман – ҳамчун суратҳои дигар аҷсом дар ойина – зоҳир шавад. Чун ба ғояти тақобул расам, аз хазизи ҳилолият ба авҷи бадрият тараққӣ кунам.

Идрис аз ӯ пурсид, ки дӯстии ӯ бо ту то чӣ ҳаддест?

Гуфт: То ба ҳадде, ки ҳар гаҳ, ки дар худ нигарам дар ҳангоми тақобул, офтобро бинам, зеро ки мисоли нури қурси офтоб дар ман зоҳир аст, чунонки ҳама малост. Сатҳ ва сиқолати рӯйи ман мустағриқ аст ба қабули нури ӯ. Пас, дар ҳар назаре, ки ба зоти худ кунам, ҳама офтобро бинам. Набинӣ, ки агар ойинаеро дар баробари офтоб бидоранд, сурати офтоб дар ӯ зоҳир гардад? Агар тақдиран ойинаро чашм будӣ ва дар он ҳангом, ки дар баробари офтоб аст дар худ нигаристӣ, ҳама офтобро дидӣ. Агарчи оҳан аст, ана-ш-шамс гуфтӣ, зеро ки дар худ илло офтоб надидӣ. Агар "ана-л-ҳақ" ё "субҳонӣ мо аъзама шаънӣ" гӯяд, узри ӯро қабул воҷиб бошад.

❂ ❂ ❂

Касе, ки сокини хонае бошад, агар дар ҷиҳат аст, хонаи ӯ дар ҷиҳат аст. Агар хона дар ҷиҳат аст ва ӯ на дар ҷиҳат бошад, пас нафйи ҷиҳат лозим ояд. Бар ин тариқ Худой муназзаҳ аст аз макону аз ҷиҳат ва ҳам мубтили хатост. Дар хона ба кадхудой монад ҳама чиз. Ҳаргиз хона ва кадхудой яке нашавад.

Ҳар чи монеъи хайр аст, бад аст ва ҳар чи ҳиҷоби роҳ аст, куфри мардон аст. Розӣ шудан аз нафс ба он чӣ ӯро даст диҳад ва бо ӯ сохтан дар тариқи сулук аҷз аст ва ба худ шод будан табоҳ аст ва агар низ баҳри Ҳақ бошад. Ба куллӣ рӯй ба Ҳақ овардан ихлос аст.

Аблаҳе чароғе дар пеши офтоб дошт. Гуфт: Ай модар, офтоб чароғи моро нопадид кард.

Гуфт: Чун аз хона бадар ниҳӣ, хоса ба назди офтоб, ҳеч намонад.

На он ки зуъи чароғ маъдум гардад. Валекин чашм чун чизе азимро бинад, кӯдаки ҳақирро дар муқобалаи он набинад. Касе, ки аз офтоб дар хона равад, агарчи рӯшан бошад, ҳеч натвонад дидан.

❂ ❂ ❂

Навишта шуд фасле чанд, ки аз рисолаи “Луғати мӯрон” ёфтааст.

# САФИРИ СИМУРҒ

Сипос бод воҳиби ҳаётро ва мубдеъи мавҷудотро ва дуруд бар хоҷагони рисолат ва аиммаи нубувват ва бар соҳиби шариати кубро ва ҳодии тариқати улиё, Муҳаммади Мустафо.

Аммо баъд:

Ин калимае чанд аст дар аҳволи ихвони таҷрид гуфта омад ва сухан дар он маҳсур аст дар ду қисм: қисми аввал дар мабодӣ ва қисми дувум дар мақосид. Ва ин рисола мавсум аст ба “Сафири Симурғ”. Ва зиён надорад, ки дар пешмуқаддама ёд кунам аз аҳволи ин мурғи бузургвор ва мустақарри ӯ:

Равшанравонон чунон намудаанд, ки ҳар он ҳудҳуде, ки дар фасли баҳор ба тарки ошёни худ бигӯяд ва ба минқори худ пару боли худ барканад ва қасди кӯҳи Қоф кунад, сояи кӯҳи Қоф бар ӯ уфтад ба микдори ҳазор соли ин замон – ва ин ҳазор сол дар тақвими аҳли ҳақиқат як субҳдам аст аз Машриқи лоҳути аъзам ва дар ин муддат Симурғе шавад, ки сафири ӯ хуфтагонро бедор кунад ва нишемани ӯ дар кӯҳи Қоф аст. Сафири ӯ ба ҳама кас бирасад, валекин мустамиъ камтар дорад. Ҳама бо вайанд ва бештар бе вайанд. Ва бемороне, ки дар вартаи иллати истисқо ва диқ гирифторанд, сояи ӯ илоҷи эшон аст ва маразро суд дорад. Ва рангҳои мухталифро зоил кунад. Ва ин Симурғ парвоз кунад бе ҷунбиш ва бипарад бе пар ва наздик шавад бе қатъи амокин. Аммо бидон, ки ҳамаи нақшҳо аз ӯст ва ӯ худ ранг надорад ва дар Машриқ аст ошёни ӯ ва Мағриб аз ӯ холӣ нест, ҳама ба ӯ машғуланд ва ӯ аз ҳама фориғ, ҳама аз ӯ пур ва ӯ аз ҳама тиҳӣ ва ҳамаи улум аз сафири ин Симурғ аст ва аз ӯ истихроҷ кардаанд ва созҳои аҷаб, мисли арғунун ва ғайри он аз садои ӯ берун овардаанд ва ғизои ӯ оташ аст ва ҳар ки паре аз они ӯ бар паҳлӯи рост бандад ва бар оташ гузарад, аз ҳарақ эман

бошад ва насими сабо аз нафаси ӯст, аз баҳри он ошиқон рози дил ва асрори замоир бо ӯ гӯянд. Ин калимот, ки таҳрир шуд ин ҷо нақшае масдур аст ва чизе мухтасар аст аз он ва аз нидои ӯ.

## ҚИСМИ АВВАЛ
## ДАР МАБОДӢ
**(Ва он се фасл аст)**

### ФАСЛИ АВВАЛ
**Дар тафзили ин илм бар ҷумлаи улум**

Бар ройи рӯшандилон напӯшад, ки тарҷеҳи илме бар дигаре аз чанд ваҷҳ бошад:

Аввал он аст, ки маълум шарифтар бувад. Чунонки тарҷеҳи заргарӣ бар полонгарӣ, ки тасарруфи ин илм дар зар аст ва тасарруфи ин дигар бар чӯбу пашм.

Ваҷҳи дувум аз баҳри он ки илмеро адилла қавитар бувад аз илме дигар.

Ваҷҳи сеюм он ки муҳимтар бувад иштиғол ба он ва фоидаи он бештар бувад.

Ва ҷумлаи амороти тарҷеҳ дар ин илм мавҷуд аст ба нисбат бо дигар улум:

Аммо аз ҷиҳати назар ба мақсуд ва маълум зоҳир аст, ки дар ин илм мақсуду матлуб ва маълум Ҳақ аст ва дигар мавҷудотро бо азамати ӯ нисбат кардан мумкин нест.

Аммо аз ҷиҳати далелу бурҳон мубаййан аст, ки мушоҳада қавитар аз истидлол бошад ва муҳаққиқони каломӣ ҷоиз медоранд, ки Ҳақ бандаро илме зарурӣ диҳад ба вуҷуди Ӯ ва сифоташ ва ғайри он. Пас, чун ин ҷоиз аст, ки баъзеро ҳосил шавад, шак нест, ки роҷиҳ бошад бар он чи таҳаммули кулфати назар ва машаққати истидлол ва иқтиҳоми машкук ва маҳалли шубҳат бояд кард. Яке гӯяд аз мутасаввифа ки “мисоли касе, ки

Ҳақро талаб кунад ба далел, ҳамчунон бошад, ки касе офтобро ба чароғ ҷӯяд”. Ва муҳаққиқони усул мусаллам доштаанд ва иттифоқ карда, ки дар охират шояд боре бандагонро идроке офаринад дар ҳоссаи басар то Ҳақро бибинанд бе воситаи далелу бурҳон. Ва далелу бурҳон шарт нест пеши аҳли Ҳақ. Шояд, ки ба ин қавоид, мисоли ин идрок дар дил эҷод кунад, то дар дунё Ӯро бибинад бе восита ва ҳуҷҷате. Ва дар ин ҷо сирҳои пӯшида аст, ки лоиқи ин мавзеъ нест.

Ва аммо аз ҷиҳати аҳаммият шакке нест, ки мардумонро муҳимтар аз саодати кубро чизе нест. Балки ҷумлаи матолиб нисбат бо ин мухтасар бошад. Ва аъзами васоил маърифат аст.

Пас, аз ҷумлаи вуҷуҳ собит гашт, ки маърифат шарифтар аст аз ҷумлаи улум. Ва Ҷунайд гуфт: “Агар донистаме, ки зери осмон илмест шарифтар аз он ки муҳаққиқони маърифат дар он ҳавз мекунанд, ҷуз ба он машғул набудаме ва ба аблағи туруқ дар таҳсили он саъй намудаме”.

## ФАСЛИ ДУВУМ
### Дар он чӣ аҳли бидоятро зоҳир шавад

Аввал бариде, ки аз ҳазрати рабубият расад бар арвоҳи туллоб таволеъ ва лавоеҳ бошад ва он анворест, ки аз олами қудс бар равони солик ишроқ кунад ва лазиз бошад ва ҳуҷуми он чунон монад, ки барқе ногоҳ дарояд ва зуд биравад. Ва суфиён ин таволеъро “авқот” хонанд.

Воситиро пурсиданд, ки инзиъоҷи баъзе мардум дар ҳоли самоъ аз куҷост?

Гуфт: Анворест, ки зоҳир шавад, пас мунтавӣ гардад.

Ва ин лавоеҳ ҳама вақте наёяд. Муддате бошад, ки мунқатеъ мешавад. Ва чун риёзат бештар гардад, буруқ

бисёртар ояд. То ба он ҳад расад, ки мардум дар ҳар чи нигарад, баъзе аз аҳволи он олам бо ёд орад. Ва ногоҳ ин анвори хавотиф мутародиф шавад ва бошад, ки дар ақаби ин аъзо мутазалзил гардад. Ва муртоз ба фикри латиф ва зикри холис аз шавонибι ҳавоҷис, дар вақти фатрати ҳавос истионат кунад аз баҳри истиъодати ин ҳолат. Ва раво бошад касеро, ки риёзат надорад, дар баъзе авқот ин ҳолат биёяд ва ӯ ғофил бошад. Ва агар касе тарассуд кунад дар айёми аъёд, ки мардум қасди мусалло кунанд ва овозаҳо афрошта ва такбирҳо баромада ва сайҳае сахт даруфтода ва овози сунуҷу абвоқ ғалаба гирифта, агар соҳибназаре бошад, ки табъе салим дорад ва тазаккури аҳволи қудсӣ кунад, ҳолӣ аз ин асаре биёбад сахт хуш. Ва ҳамчунин дар вақти ҳарб, ки вақти илтиқои мардон бошад ва сайҳаи мубориозону шиҳаи аспон ва овози табл бароядy ҷанг сахт шавад ва мардум иқтиҳом кунанду шамшерҳо муҷаррад кунанд, агар касе андак моя хотире софӣ дорад, агарчи соҳиби риёзат набошад, аз ин ҳол хабар ёбад. Ба шарти он ки дар он вақт тазаккури аҳволи қудсӣ кунад ва арвоҳи гузаштагону мушоҳадаи кибриё ва суфуфи малаъ аъло бо ёд орад. Ва агар низ касе бар аспи даванда барнишинад ва аспро ба тохтан барангезонад ва тақдир кунад, ки меравад ва ҳайкал ба ҷой мегузорад ва ба ҷони муҷаррад ба ҳазрати қайюмийят меравад ва дар сафи қудсиён мунхарит мегардад ва ҳайбате сахт дар худ падид орад, дар мисли ин ҳолат низ асаре бар вай падид ояд ва агарчи муртоз набошад.

Ва дар ин ҷо асрорест, ки дар ин рӯзгор кам касе ба ғаври он расад. Ва чун мардумро ин бурyқ дарояд, асаре аз он ба димоғ расад ва бошад, ки ҳамчунон нумояд, ки дар китф ва пушт раге сахт қавӣ ҷастан гирад. Ва нек лазиз бошад. Ва ба самоъ низ истиъонат кунад, то тамомтар бувад. Ва ин ҳанӯз мақоми аввал аст.

## ФАСЛИ СЕЮМ
### Дар сакина

Пас, чун анвори сир ба ғоят расад ва ба таъҷил нагзарад ва замоне дароз бимонад, онро “сакина” гӯянд ва лаззаташ тамомтар аз лаззати лавоеҳ бошад. Ва мардум чун аз сакина бозгардад ва ба башарият бозояд, азим мутанаддим шавад бар муфорақати он. Ва касеро, ки сакина ҳосил шавад, ӯро ахбор аз хавотири мардум ва иттилоъ бар муғаййабот ҳосил ояд ва фиросаташ тамом гардад. Ва соҳиби сакина аз ҷаннати олӣ нидоҳои бағоят латиф бишнавад ва мухотаботи руҳоният ба ӯ расад ва мутмаин гардад ва сурате бағояти тароват мушоҳада кунад аз муҳокоти иттисол ба мақомоти улвӣ. Ва ин мақоми мутавассит аст аз мақомоти аҳли муҳаббат. Дар ҳоли байни яқза ва навм овозҳои ҳоил ва нидоҳои аҷоиб шунавад ва дар вақти ғашаён нурҳои азим бинад ва бошад, ки аз ғояти талаззуз оҷиз ояд.

Ва ин вақоеъ бар роҳи муҳаққиқон аст, на бар тариқи ҷамоате, ки дар хилват чашм барҳам ниҳанд ва хаёлбозӣ мекунанд. Ва агар аз анвори содиқон асаре ёфтандӣ, басо ҳасрат, ки эшонро падид омадӣ.

## ҚИСМИ ДУВУМ
## ДАР МАҚОСИД
### (Ва он се фасл аст)

## ФАСЛИ АВВАЛ
### Дар фано

Ва ин сакина низ чунон шавад, ки агар мардум хоҳад, ки аз худ боздорад, муяссар нашавад. Пас, мардум чунон гардад, ки ҳар соате ки хоҳад, қолаб раҳо кунад ва қасди олами кибриё кунад ва меъроҷи ӯ бар уфуқи аъло ҳар гоҳ, ки хоҳад ва боядаш, муяссар шавад. Пас,

ҳар гоҳ, ки назар ба зоти худ кунад, мубтаҳаҷ гардад, ки савотиъи анвори Ҳақ ба худ бинад. Ва ин ҳанӯз накс аст. Ва чун тавағғул кунад, аз ин мақом низ бигзарад: чунон шавад, ки албатта, ба зоти хеш назар накунад ва шуураш ба худии худ ботил гардад. Ва инро "фанои акбар" хонанд. Ва чун худро фаромӯш кунад ва фаромӯшро низ фаромӯш кунад, онро "фанои дар фано" хонанд.

Ва модом, ки мардум ба маърифат шод шавад, ҳанӯз қосир аст ва онро низ аз ҷумлаи ширки хафӣ гиранд. Балки он вақт ба камол расад, ки маърифат низ дар маъруф гум кунад, ки ҳар кас ба маърифат шод шавад ва ба маъруф низ, ҳамчунон аст, ки мақсад ду сохта аст. Муҷаррад он вақт бошад, ки дар маъруф аз сари маърифат бархезад. Ва чун атлоли башарият низ харҷ гардад, он ҳолати тамас аст.

Ва баъзе аз муҳаққиқон гӯянд, ки "ло илоҳа илаллоҳ" тавҳиди авом аст ва "ло ҳува илло ҳува" тавҳиди хавос аст ва дар тақсим тасоҳул кардаанд. Ва мартабати тавҳид панҷ аст:

Яке "ло илоҳа илаллоҳ" ва ин тавҳиди авом аст, ки нафйи илоҳият мекунанд аз мосавои Аллоҳ ва инон аъамми авоманд.

Ва варои ин тоифа гурӯҳе дигаранд, ки ба нисбат бо инон хавосанд, ки мақоми эшон баландтар аст аз авом ва тавҳиди эшон "ло ҳува илло ҳува" аст. Ва мақоми эшон олитар аст, аз баҳри он ки гурӯҳи аввал нафйи илоҳият карданд аз ғайри Ҳақ ва гурӯҳи дувум бар ин иқтисор накарданд, балки ҷумлаи ҳувийятҳоро нафй карданд дар маърази ҳувийяти Ҳақ ва гуфтанд, ки Ӯйӣ Ӯрост, касе дигарро "Ӯ" натавон гуфт, ки ӯйиҳо ҳама аз ӯст, пас ӯйии мутлақ Ӯро бошад.

Ва варои эшон гурӯҳе дигаранд, ки тавҳиди эшон он аст, ки "ло анта илло анта". Ва ин олитар аз он аст, ки эшон Ҳақро "ҳува" гуфтанд. Ва "ҳува" ғоиброгӯянд.

Ва инон ҳамаи туиҳоро дар маърази туи шоҳиди хеш нафй карданд ва ишорати эшон ба ҳузур аст.

Ва гурӯҳе дигаранд болои инон ва эшон олитаранд ва гуфтанд, чун касе дигареро хитоби "туӣ" кунад, ӯро аз худ ҷудо дониста бошад ва исботи исноният мекунад ва дуӣ аз олами ваҳдат дур аст. Эшон худро гум карданд ва гум гирифтанд дар пайдоии Ҳақ, "ло ано илло ано" гуфтанд.

Ва муҳаққақтарини инон гуфтанд, исноният ва ононият ҳама ибороте зоид бувад мар зоти қайюмиятро. Ҳар се лафзро дар баҳри тамас ғарқ карданд ва "куллу шайъин ҳоликун илло ваҷҳаҳу" гуфтанд. Ва инонро мақом рафеътар аст. Ва мардум то ба ин олами носут алоқа дорад, ба мақоми лоҳут нарасад. Ва болои он мақом мақоми дигар нест, ки он ниҳояте надорад.

## ФАСЛИ ДУВУМ
### Дар он ки ҳар ки орифтар, олимтар

Соҳиби шаръи аъзам бо ҳамаи камоли хеш маъмур будааст ба истизодати илм. Ва Борӣ ӯро мефармояд "Ва қул раббӣ зиднӣ  ъилман!" Пас, чун ҳоли пайғамбар бар ин ваҷҳа аст, касе дигарро ҳол чӣ гуна бувад? Ва ин илм, ки орифро аз рӯйи кашф уфтад, лозим нест, ки дар боби талоқу аноқ ва хароҷу муомилот бошад, ки ин илми зоҳир аст, балки аз инкишофи ҳолоти қайюмият ва кибриё ва рабубийят бувад ва тартиби низоми вуҷуд ва аволими малакут ва асрори махфӣ дар осмону замин бидонад. Ва донистани сирри қадар, ки фош кардани он ҳаром аст. Аҳли ҳақиқат ҳама бар онанд, ки ифшои сирри қадар куфр аст. Ва низ на ҳар чӣ илми муҳаққиқон ба он муҳит бошад, дар ҳайийзи иборат оранд, то ҳама кас дар он шуруъ кунад, ки ҷамоли кибриёи аҳадийят беш аз он аст, ки мавриди ҳар вориде ва мақсади ҳар қосиде ва матлаби ҳар толибе бошад. Дар фитрати

инсоният, бо касрати ҷавориҳи ҳайкал як нуқта беш нест, ки лоиқи уфуқи қудсӣ бошад. Пас, чун кори бинияти як шахс бар ин ваҷҳа аст, ки аз қувои бисёр ва аъзои бисёр ва таркиби башарият ҷуз яке мустаъидди тараққӣ беш нест, ҳоли яке маъмура низ бар ин ваҷҳа қиёс бояд кардан. Пас сухан пӯшида авлотар.

Марди соҳибназар бояд, ки пайваста бо ҳисси ҳақоиқу ғароиб бошад ва ба он қадар, ки масрои хотири ӯ бошад фурӯ наоёд. Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ гуфт: Муҳаббат миёни ду кас он вақт мустаҳкам шавад, ки миёни эшон ҳеч сирр мактум намонад. Пас чун муҳаббат комил гардад, асрори улум ва хафоё ва хабоё ва завоёи мувҷудот бар ӯ пӯшида набувад. Ва чун ғояти камоли банда он аст, ки ташаббуҳ кунад ба Ҳақ ва илми бакамол аз сифоти ӯст, ҷаҳл нақси банда бошад. Пас, лозим ояд, ки ҳар ки орифтар бувад ба ҳақоиқ, вуҷуди ӯ шарифтар бошад. Ва филҷумла, ҷаҳл қабеҳ аст.

## ФАСЛИ СЕЮМ

### Дар исботи лаззат ва муҳаббати банда мар Ҳақро

Аммо мазҳаби мутакаллимон ва ҷамоҳири аҳли усул он аст, ки "банда Худойро нашояд, ки дӯст дорад, зеро ки дӯстӣ иборат аст аз майли нафс ва майли нафс ба ҷинси худ бувад ва Худой муназзаҳ аст аз он ки ӯро бо халқ муҷонасате бувад, балки муҳаббат иборат аст аз тоати банда мар Ҳақро."

Ва аҳли маърифат исбот карданд муҳаббатро ва лаззатро ва дар он ҷинсият шарт нест, ки мардум лавнеро дӯст дорад ё ҳайатеро, бо он ки аз ҷинси ӯ нест ва муҳаббати Ҳақ ба қувои ҷисмонӣ тааллуқ надорад, балки нуқтаи раббонӣ, ки маркази асрори Ҳақ аст, тааллуқ ба ӯ дорад. Ва ин муҳаббат ба завқ тааллуқ дорад. Ва муҳаббат шод шудани зотест ба тасаввури ҳузури зоте дигар ва ҷинсият дар он шарт нест. Ва ишқ иборат аст

аз муҳаббате, ки аз ҳад берун рафта бошад. Ва ишқ бо ёфтани мурод бимонад ва шавқ намонад. Пас ҳар муштоқе ба зарурат чизе ёфта аст ва чизе ноёфта, ки агар аз ҷамоли маъшуқ ҳама ёфта будӣ, орзуш намондӣ ва агар ҳеч наёфта будӣ ва идрок накарда, ҳам орзуш мутасаввир нашудӣ. Пас ҳар муштоқе ёбанда ва ноёбанда бошад. Ва дар шавқ нақс аст, зеро ки ноёфтан дар вай зарурист.

Аммо ҳадиси исботи лаззат: Бидон ки лаззат иборат аст аз ҳосил шудани камол мар чизеро ва донистани ҳусули он, ки агар камоли чизе ҳосил гардад ва ёбандаро хабар набувад, камол набошад. Ва чашмро чун камоли чизе ҳосил шавад ва он сурати хуб аст, ки дарёбад, муталаззиз гардад. Ва самъро лаззатест ва он идроки масмуъи мулоим аст аз овози хуш. Ва шаммро лаззати идроки мулоим аст аз бӯйҳои хуш. Ва ҳамчунин бар ин қиёс. Ва равони гӯёро камол маърифати Ҳақ аст ва донистани ҳақоиқ. Пас чун равонро он ҳосил ояд, камоли аълои ӯ аз ишроқи нури Ҳақ аст ва интиқош ба камоли кибриё ёбад, ки лаззати вай азимтар бошад, зеро ки идроки вай шарифтар аст. Ва шарифтарини дарёбандагон нафси инсон аст ва азимтарин маълумот Ҳақ аст. Пас лаззати инсон комилтар ва вофиртар бувад. Валекин иннинро аз лаззати ҷимоъ хабар набувад, агар низ шунавад, ки мардонро аз он қисти тамом аст.

Ва ин сухани исботи лаззату муҳаббат дар рӯзгори Ҷунайд аз аҳли тасаввуф нақл карданд ва Ғулом Халил ва ҷамоате аз мутакаллимон ва фуқаҳо бар ихвони таҷрид ташнеъ заданд ва бар илҳоду куфри эшон фатво доданд ва шаҳодату маҳзар сабт карданд. Ва Ҷунайд дар он воқеа рӯй даркашид. Ва амирулқулуб Абулҳусайни Нурӣ ва Каттонӣ ва Раққому ҷамоате киборро дар маҷлиси сиёсат ҳозир карданд ва сайёф қасди қатл кард. Ва ин қисса маъруф аст, ки Абулҳусайни Нурӣ мутабодир гашт тамҳиди қатлро. Вайро аз он пурси-

данд. Гуфт: Хостам ки як лаҳза зиндагонӣ, ки монда буд, бар бародарон исор кунам.

Он ҳадисро ба халифа нақл карданд, сабаби халоси эшон омад.

Ва пеш аз он бар Зуннуни Мисрӣ ҳам сиголиданд ва Ҳақ ӯро халос дод.

## ДАР ХОТИМАТИ КИТОБ

Зоти мунқасим маърифати номунқасимро нашояд, ки маърифат низ мунқасим шавад ва аз инқисоми ӯ маъруфро низ инқисом лозим ояд.

Касоне ки хоҳанд, ки коргоҳи анкабут фурӯ гушоянд, нуздаҳ авонро аз худ дур кунанд: аз он панҷ парандаи ошкору панҷ парандаи ниҳон ва ду равандаи тези пайдоҳаракат ва ҳафт равандаи оҳистаи пӯшидаҳаракат. Ва ин ҳама парандагонро душвор аст аз худ дур кардан, зеро чандон ки касе хоҳад, ки тайарон кунад, ин ҳама парандагон аз пеш бираванд ва аз ҳаракаташ манъ кунанд. Ва аз ҳамаи парандагон пинҳониро мушкилтар аст дафъ кардан. Ва дар миёни эшон ҷазираест, ки дар ӯ даволпоён бошанд: ҳарчанд ки мардум пеш равад, ногоҳ пойҳои худро бияндозанд ва дар гардани ӯ кунанд ва аз ҳаракаташ боздоранд, то оби ҳаёт дарнаёбад. Ва шунидам, ки агар касе дар киштии Нуҳ нишинад ва асои Мусо дар даст гирад, аз он халос ёбад.

Тамом шуд рисолаи “Сафири Симурғ”.

# ФӢ ҲАҚИҚАТИ ИШҚ

Бидон, ки аввал чизе ки Ҳақ офарид гавҳаре буд тобнок. Ӯро “Ақл” ном кард. Ва ин гавҳарро се сифат бахшид: яке шинохти Ҳақ ва яке шинохти худ ва яке шинохти он ки набуд, пас бибуд.

Аз он сифат, ки ба шинохти Ҳақ тааллуқ дошт, Ҳусн падид омад, ки онро “некуӣ” хонанд. Ва аз он сифат, ки ба шинохти худ тааллуқ дошт, Ишқ падид омад, ки онро “меҳр” хонанд. Ва аз он сифат, ки набуд, пас ба буд таалluқ дошт, Ҳузн падид омад, ки онро “андуҳ” хонанд.

Ва аз ин ҳар се, ки аз як чашмасор падид омадаанд ва бародарони якдигаранд, Ҳусн, ки бародари меҳин аст, дар худ нигарист, худро азим хуб дид, башошате дар вай пайдо шуд, табассуме бикард. Чандин ҳазор малаки муқарраб аз он табассум падид омаданд.

Ишқ, ки бародари миёнин аст, бо Ҳусн унсе дошт. Назар аз ӯ бар наметавонист гирифт, мулозими хидматаш мебуд. Чун табассуми Ҳусн падид омад, шӯре дар вай уфтод. Музтариб шуд. Хост, ки ҳаракате кунад, Ҳузн, ки бародари кеҳин аст дар вай овехт. Аз ин овезиш, осмону замин пайдо шуд.

Чун Одами хокиро биёфариданд, овоза бар малаъ аъло уфтод, ки “аз чаҳор мухолиф халифае тартиб доданд”. Ногоҳ нигоргари тақдир паргори тадбир бар тахтаи хок ниҳод. Сурате зебо пайдо шуд. Ин чаҳор табъро, ки душмани якдигаранд, ба дасти ин ҳафт раванда, ки сарҳангони хоссанд, боздоданд, то дар зиндони шашҷиҳаташон маҳбус карданд: чандон ки Ҷамшеди хуршед чиҳил бор перомуни марказ баромад, кисвати инсоният дар гарданашон афганданд, то чаҳоргона ягона шуд.

Чун хабари Одам дар малакут шоеъ гашт, аҳли малакутро орзуи дидор хост. Ин ҳол бар Ҳусн арза кар-

данд. Ҳусн, ки подшоҳ буд, гуфт, ки аввал ман яксувора пеш биравам. Агар маро хуш ояд, рӯзе чанд он ҷо муқом кунам. Шумо низ бар пайи ман биёед!

Пас, Султони Ҳусн бар маркаби кибриё сувор шуд ва рӯй ба шаҳристони вуҷуди Одам ниҳод. Ҷойе хуш ва нузҳатгоҳе дилкаш ёфт. Фуруд омад. Ҳамагӣ Одамро бигирифт. Чуноки ҳеч чиз дар Одам нагузошт.

Ишқ чун аз рафтани Ҳусн хабар ёфт, даст дар гардани Ҳузн овард ва қасди Ҳусн кард. Аҳли малакут чун воқиф шуданд, ба якборагӣ бар пайи эшон биронданд.

Ишқ чун ба мамлакати Одам расид, Ҳуснро дид, тоҷи таъаззуз бар сар ниҳода ва бар тахти вуҷуди Одам қарор гирифта. Хост то худро дар он ҷо гунҷонад, пешонияш ба девори даҳшат уфтод, аз пой даромад. Ҳузн ҳолӣ дасташ бигирифт.

Ишқ чун дида боз кард, аҳли малакутро дид, ки танг даромада буданд. Рӯй ба эшон ниҳод. Эшон худро ба ӯ таслим карданд ва подшоҳии худ ба ӯ доданд ва ҷумла рӯй ба даргоҳи Ҳусн ниҳоданд.

Чун наздик расиданд, Ишқ, ки сипаҳсолор буд, ниёбат ба Ҳузн дод ва бифармуд, то ҳама аз дур заминбӯсӣ кунанд, зеро ки тоқати наздикӣ надоштанд. Чун аҳли малакутро дида бар Ҳусн уфтод, ҷумла ба суҷуд даромаданд ва заминро бӯса доданд.

❁ ❁ ❁

Ҳусн муддате буд, ки аз шаҳристони вуҷуди Одам рахт барбаста буд ва рӯй ба олами худ оварда ва мунтазир монда, то куҷо нишони ҷойе ёбад, ки мустақарри иззи вайро шояд.

Чун навбати Юсуф дар омад, Ҳуснро хабар доданд. Ҳусн ҳолӣ равона шуд.

Ишқ остини Ҳузн гирифт ва оҳанги Ҳусн кард. Чун танг даромад, Ҳуснро дид худро бо Юсуф даровехта,

чунон ки миёни Ҳусну Юсуф ҳеч фарқе набуд. Ишқ Ҳузнро бифармуд, то ҳалқаи тавозуъ биҷунбонад. Аз ҷаноби Ҳусн овозе баромад, ки “кист?” Ишқ ба забони ҳол ҷавоб дод, ки

*Чокар ба барат хастаҷигар бозомад,*
*Бечора ба по рафту ба сар бозомад.*

Ҳусн дасти истиғно ба синаи талаб бозниҳод.Ишқ ба овозе ҳазин ин байтро бархонд:

*Ба ҳаққи он ки маро ҳеч кас ба ҷойи ту нест,*
*Ҷафо макун, ки маро тоқати ҷафои ту нест.*

Ҳусн чун ин тарона гӯш кард, аз рӯйи фароғат ҷавобаш дод:

*Ай Ишқ, шуд он ки будаме ман ба ту шод,*
*Имрӯз худ аз тувам намеояд ёд.*

Ишқ чун навмед гашт, дасти Ҳузн гирифт ва рӯй ба биёбони ҳайрат ниҳод ва бо худ ин замзама мекард:

*Бар васли ту ҳеч даст пирӯз мабод,*
*Ҷуз ҷони ман аз ғами ту босӯз мабод.*
*Акнун, ки дар интизор рӯзам бирасид,*
*Ман худ рафтам, касе ба ин рӯз мабод!*

Ҳузн чун аз Ҳусн ҷудо монд, Ишқро гуфт: Мо бо ту будем дар хидмати Ҳусн ва хирқа аз ӯ дорем ва пири мо ӯст. Акнун, ки моро маҳҷур карданд, тадбир он аст, ки ҳар яке аз мо рӯй ба тарафе ниҳем ва ба ҳукми риёзат сафаре барорем, муддате дар лагадкӯби даврон собит-қадамӣ бинамоем ва сар дар гиребони таслим кашему бар саҷҷодаи муламмаъи қазову қадар ракъате чанд

бигзорем. Бошад, ки ба саъйи ин ҳафт пири гӯшанишин, ки мураббиёни олами кавну фасоданд, ба хидмати шайх бозрасем.

Чун бар ин қарор уфтод, Ҳузн рӯй ба шаҳри Канъон ниҳод ва Ишқ роҳи Миср баргирифт.

❂ ❂ ❂

Роҳи Ҳузн наздик буд, ба як манзил ба Канъон расид. Аз дари шаҳр дар шуд. Талаби пире мекард, ки рӯзе чанд дар суҳбати ӯ ба сар барад. Хабари Яъқуби Канъонӣ бишнид.

Ногоҳ аз дари савмаъаи ӯ дар шуд. Чашми Яъқуб бар ӯ уфтод, мусофире дид ошнорӯй, асари меҳр дар ӯ пайдо. Гуфт: Марҳабо! Ба ҳазор шодӣ омадӣ! Аз кудом тараф ташриф додаӣ?

Ҳузн гуфт: Аз иқлими Нокуҷообод, аз шаҳри Покон!

Яъқуб ба дасти тавозуъ саҷҷодаи сабр фурӯ кард ва Ҳузнро бар он ҷо нишонд ва худ дар паҳлӯяш биништ.

Чун рӯзе чанд баромад, Яъқубро бо Ҳузн унсе бо дид омад, чунонки як лаҳзае бе ӯ наметавонист будан. Ҳарчи дошт, ба Ҳузн бахшид. Аввал, саводи дидаро пешкаш кард. Пас савмаъаро “байт-ул-аҳзон” ном кард ва тавлият ба ӯ дод.

❂ ❂ ❂

Ва аз он сӯйи дигар, Ишқи шӯрида қасди Миср кард ва ду манзил як манзил мекард, то ба Миср расид ва ҳамчунон аз гарди роҳ ба бозор баромад.

Овозаву валвала ба шаҳри Миср даруфтод. Мардум ҳама ба ҳам баромаданд. Ишқ, қаландарвор, халиъ-ул-изор ба ҳар манзаре гузаре ва дар ҳар хушписаре назаре мекард ва аз ҳар гӯшае ҷигаргӯшае металабид. Ҳеч кас

дар кори ӯ рост намеомад. Нишони саройи азизи Миср бозпурсид ва аз дари ҳуҷраи Зулайхо сар даркард.

Зулайхо, чун ин ҳодиса дид, бар пой хост ва рӯй ба Ишқ оварду гуфт: Ай сад ҳазор ҷони гиромӣ фидои ту! Аз куҷо омадӣ ва ба куҷо хоҳӣ рафтан ва туро чӣ мехонанд?

Ишқ ҷавобаш дод, ки ман аз Байтулмуқаддасам, аз маҳаллаи Руҳобод, аз дарби Ҳусн. Хонае дар ҳамсоягии Ҳузн дорам. Пешаи ман саёҳат аст. Суфии муҷаррадам. Ҳар вақте рӯй ба тарафе оварам, ҳар рӯз ба манзиле бошам ва ҳар шаб ҷойе муқом созам. Чун дар Араб бошам, Ишқам хонанд ва чун дар Аҷам оям, Меҳрам хонанд. Дар осмон ба хирад машҳурам ва дар замин ба анис маъруфам. Агарчи деринаам, ҳанӯз ҷавонам ва агарчи бебаргам, аз хонадони бузургам. Қиссаи ман дароз аст. Мо се бародар будем ба ноз парварда ва рӯйи ниёз надида. Ва агар аҳволи вилояти худ гӯям ва васфи аҷоибҳо кунам, ки он ҷост, шумо фаҳм накунед ва дар идроки шумо наёяд. Аммо вилоятест, ки охиртарин вилоятҳои мо он аст ва аз вилояти шумо ба нуҳ манзил, касе ки роҳ донад, он ҷо тавонад расидан. Ҳикояти он вилоят, чунонки ба фаҳми шумо наздик бошад, бикунам:

Бидон ки болои ин кӯшки нуҳашкӯб тоқест, ки онро шаҳристони Ҷон хонанд ва ӯ боруе дорад аз иззату хандақе дорад аз азамат. Ва бар дарвозаи он шаҳристон пире ҷавон муваккал аст ва номи он пир Ҷовидхирад аст ва ӯ пайваста сайёҳӣ кунад, чунонки аз мақоми худ наҷунбад ва ҳофизе нек аст. Китоби Илоҳӣ донад хондан ва фасоҳате азим дорад, аммо гунг аст. Ва ба сол дерина аст, аммо сол надида аст ва сахт куҳан аст, аммо ҳанӯз сустӣ дар ӯ роҳ наёфта аст.

Ва ҳар ки хоҳад, ки ба он шаҳристон расад, ин чаҳортоқи шаштанобро бигсалад ва каманде аз ишқ сазаду зини вақт бар маркаби шавқ ниҳад ва ба мили гурус-

нагӣ сурмаи бедорӣ дар чашм кашад ва теғи дониш ба даст гирад ва роҳи ҷаҳони кӯчак гирад ва аз ҷониби шимол дарояд ва рубъи маскун талаб кунад.

Ва чун дар шаҳристон расад, кӯшке бинад сетабақа. Дар табақаи аввал ду ҳуҷра пардохта ва дар ҳуҷраи аввал тахте бар об густарида ва яке бар он тахт такя зада, табъаш ба рутубат моил, зираке азим, аммо нисён бар ӯ ғолиб: ҳар мушкиле, ки бар ӯ арза кунӣ, дар ҳол ҳал кунад, валекин бар ёдаш намонад. Ва дар ҳамсоягии ӯ, дар ҳуҷраи дувум тахте аз оташ густарида ва яке бар он тахт такя зада, табъаш ба юбусат моил, чобуке ҷалд, аммо палид: кашфи рамуз дер тавонад кард, аммо чун фаҳм кунад, ҳаргиз аз ёдаш наравад. Чун вайро бибинад, чарбзабонӣ оғоз кунад ва вайро ба чизҳои рангин фирефтан гирад ва ҳар лаҳза худро ба шакле бар вай арза кунад.

Бояд, ки бо эшон ҳеч илтифоте накунад ва рӯй аз эшон бигардонад ва бонг бар маркаб занад ва ба табақаи дувум расад.

Он ҷо ҳам ду ҳуҷра бинад. Дар ҳуҷраи аввал тахте аз бод густарида ва яке бар он тахт такя зада, табъаш ба бурудат моил, дурӯғ гуфтану буҳтон ниҳодан ва ҳарзагӯиву куштан ва аз роҳ бурдан дӯст дорад ва пайваста бар чизе, ки надонад, ҳукм кунад. Ва дар ҳамсоягии ӯ, дар ҳуҷраи дувум, тахте аз бухор густарида ва бар он тахт яке такя зада, табъаш ба ҳарорат моил, неку бад бисёр дида, гоҳ ба сифати фариштагон бароят ва гоҳ ба сифати девон, чизҳои аҷаб пеши ӯ ёбанд, найранҷот нек донад ва ҷодуӣ аз ӯ омӯзанд. Чун вайро бибинад, чоплусӣ пеш гирад ва даст дар инонаш овезад ва ҷаҳд кунад, то вайро ҳалок кунад.

Теғ бо эшон намояд ва ба теғ бим кунад, то эшон аз пеши вай бигурезанд.

Чун ба табақаи сеюм расад, ҳуҷрае бинад дилгушой ва дар он ҳуҷра тахте аз хоки пок густарида, бар он

тахт яке такя зада, табъаш ба эътидол наздик, фикр бар ӯ ғолиб, амонати бисёр наздики ӯ ҷамъ гашта ва ҳар чӣ ба ӯ супоранд, ҳеч хиёнат накунад.

Ҳар ғанимат, ки аз ин ҷамоат ҳосил карда аст, ба ӯ супорад, то вақте дигараш ба кор ояд. Ва аз он ҷо чун фориғ шавад ва қасди рафтан кунад, панҷ дарвоза пеш ояд:

Дарвозаи аввал ду дар дорад ва дар ҳар даре тахте густарида аст тӯлонӣ, бар мисоли бодоме ва ду парда, яке сиёҳу яке сапед дар пеш овехта ва бандҳои бисёр бар дарвоза зада. Ва яке ба ҳар ду тахт такя зада ва дидабоне ба ӯ тааллуқ дорад ва ӯ аз чандинсола роҳ битавонад дидан ва бештар дар сафар бошад ва аз ҷойи худ наҷунбад ва ҳар ҷо ки хоҳад равад ва агарчи масофате бошад, ба яке лаҳза бирасад.

Чун ба ӯ расад, бифармояд то ҳар касеро ба дарвоза нагзоранд ва агар аз ҷойе рахнае пайдо шавад, зуд хабар боздиҳад ва ба дарвозаи дувум равад.

Ва дарвозаи дувум ду дар дорад, ҳар дареро даҳлезест дароз, печ дар печ, ба тилисм карда ва дар охири ҳар даре тахте густарида мудаввар ва яке бар ҳар ду тахт такя зада ва ӯ соҳиби хабар аст ва ӯро пайке дар роҳ аст, ки ҳамвора дар равиш бошад ва ҳар савте, ки ҳодис шавад, ин пайк онро бистонад ва ба ӯ расонад ва ӯ онро дарёбад.

Ӯро бифармояд, то ҳар чӣ шунавад, бознамояд ва ҳар савтеро ба худ роҳ надиҳад ва ба ҳар овозе аз роҳ наравад.

Ва аз он ҷо ба дарвозаи сеюм ояд.

Ва дарвозаи сеюм ҳам ду дар дорад ва аз ҳар даре даҳлезе дароз меравад, то ҳар ду даҳлез сар ба ҳуҷрае барорад ва дар он ҳуҷра ду курсӣ ниҳода аст ва яке ба ҳар ду курсӣ нишаста ва хидматкоре дорад, ки онро бод хонанд, ҳама рӯз гирди ҷаҳон мегардад ва ҳар хушу но-

хуш, ки мебинад, баҳрае ба ӯ меорад ва ӯ онро меситонад ва харҷ мекунад.

Ӯро бигӯяд, то доду ситад кам кунад ва гирди фузул нагардад.

Ва аз он ҷо ба дарвозаи чаҳорум ояд.

Ва дарвозаи чаҳорум фарохтар аз ин се дарвоза аст ва дар ин дарвоза чашмаест хушоб ва перомуни чашма деворест аз мурворид ва дар миёни чашма тахтест равон ва бар он тахт яке нишаста аст, ӯро чошнигир хонанд ва ӯ фарқ кунад миёни чаҳор мухолиф ва қисмат ва тартиби ҳар чаҳор ӯ метавонад кардан ва шабу рӯз ба ин кор машғул аст.

Бифармояд, то он шуғл дар боқӣ кунад, илло ба қадри ҳоҷат.

Ва аз он ҷо ба дарвозаи панҷум ояд.

Ва дарвозаи панҷум перомуни шаҳристон даромада аст ва ҳар чӣ дар шаҳристон аст, миёни ин дарвоза аст ва гирдогирди ин дарвоза бисоте густарида аст ва яке бар бисот нишаста, чунонки бисот аз ӯ пур аст ва бар ҳашт мухолиф ҳукм мекунад ва фарқи миёни ҳар ҳашт падид мекунад ва яке лаҳза аз ин кор ғофил нест, ӯро маъруф хонанд.

Бифармояд, то бисот дарнавардад ва дарвоза ба ҳам кунад. Ва чун аз ин панҷ дарвоза берун ҷаҳонад, миёни шаҳристон барояд ва қасди бешаи шаҳристон кунад.

Чун он ҷо бирасад, оташе бинад афрӯхта ва яке оташ тез мекунад ва яке нишаста ва чизе сахт бар он оташ гирифта аст, то пухта мешавад ва яке он чи сарҷӯш аст ва латифтар ҷудо мекунад ва он чӣ дар буни дег монда аст, ҷудо мекунад ва бар аҳли шаҳристон қисмат мекунад, он чӣ ки латифтар аст ба латиф медиҳад ва он чи касифтар аст, ба касиф мерасонад. Ва яке истодааст дарозболо ва ҳар ки аз хӯрдан фориғ мешавад, гӯшаш мегираду боло мекашад ва шереву гурозе

миёни беша истодаанд: он яке рӯзу шаб ба куштану даридан машғул аст ва он дигар ба дуздӣ кардану хӯрдану ошомидан.

Каманд аз фитрок бигшояд ва дар гардани эшон андозад ва муҳкам фурӯ бандад ва ҳамон ҷошон бияндозад. Ва инон маркабро супораду бонг бар маркаб занад ва ба як так аз ин нуҳ дарбанд бадар ҷаҳонад ва ба дарвозаи шаҳристони Ҷон расад ва худро баробари дарвоза расонад.

Ҳолӣ пире бинад, ки оғози салом кунад ва ӯро бинавозад ва ба хеш хонад. Ва он ҷо чашмаест, ки онро оби зиндагонӣ хонанд, дар он ҷош ғусл бифармояд кардан. Чун зиндагонии абад ёфт, Китоби Илоҳияш даромӯзад. Ва болои ин шаҳристон чанд шаҳристони дигар аст, роҳи ҳама ба ӯ нумояд ва саёҳаташ таълим кунад.

Ва агар ҳикояти он шаҳристонҳо бо шумо кунам ва шарҳи он бидиҳам, фаҳми шумо ба он нарасад ва аз ман бовар надоред ва дар дарёи ҳайрат ғарқ шавед. Ба ин иқтисор кунам. Ва агар ин чӣ гуфтам дарёбед, ҷон ба саломат бибаред.

Чун Ишқ ин ҳикоят бикард, Зулайхо пурсид, ки сабаби омадани ту аз вилояти худ чӣ буд?

Ишқ гуфт: Мо се бародар будем. Бародари меҳинро Ҳусн хонанд ва моро ӯ парварда аст, бародари кеҳинро Ҳузн хонанд ва ӯ бештар дар хидмати ман будӣ. Ва мо ҳар се хуш будем. Ногоҳ овозае дар вилояти мо уфтод, ки дар олами хокӣ якеро падид овардаанд, бас булаҷаб, ҳам осмонӣ асту ҳам заминӣ, ҳам ҷисмонӣ асту ҳам руҳонӣ ва он тарафро ба ӯ додаанду аз вилояти мо низ гӯшаеро номзади ӯ кардаанд.

Сокинони вилояти моро орзуи дидани ӯ хост. Ҳама пеши ман омаданд ва бо ман машварат карданд. Ман ин ҳол ба Ҳусн, ки пешвои мо буд, арза кардам.

Ҳусн гуфт: Шумо сабр кунед, то ман бираваму назаре дарандозам, агар хуш ояд, шуморо талаб кунам.

Мо ҳама гуфтем, ки фармон турост.

Ҳусн ба як манзил ба шаҳристони Одам расид. Ҷойе дилгушой ёфт. Он ҷо муқом сохт. Мо низ бар пайи ӯ бирондем. Чун наздик расидем, тоқати вусули ӯ надоштем, ҳама аз пой даромадем ва ҳар яке ба гӯшае уфтодем. Ҳусн моро ба худ роҳ надод. Чандон ки зорӣ беш мекардем, истиғнои ӯ аз мо зиёдат медидем. Чун донистем, ки ӯро аз мо фароғате ҳосил аст, ҳар яке рӯй ба тарафе ниҳодем. Ҳузн ба ҷониби Канъон рафт ва ман роҳи Миср баргирифтам.

❂ ❂ ❂

Зулайхо чун ин сухан бишнид, хона ба Ишқ пардохт ва Ишқро гиромитар аз ҷони худ медонист. То он гоҳ, ки Юсуф ба Миср уфтод.

Аҳли Миср ба ҳам баромаданд. Хабар ба Зулайхо расид. Зулайхо ин моҷаро бо Ишқ бигуфт. Ишқ гиребони Зулайхо бигирифт ва ба тамошои Юсуф рафтанд.

Зулайхо чун Юсуфро бидид, хост, ки пеш равад, пойи дилаш ба санги ҳайрат даромад, аз доираи сабр бадар уфтод. Дасти маломат дароз кард ва чодари офият бар худ бидарид ва ба якборагӣ савдоӣ шуд.

Чун Юсуф азизи Миср шуд, хабар ба Канъон расид. Шавқ бар Яъқуб ғалаба кард. Яъқуб ин ҳодиса бо Ҳузн бигуфт. Ҳузн маслаҳат чунон дид, ки Яъқуб фарзандонро баргирад ва ба ҷониби Миср равад.

Яъқуб пешравӣ ба Ҳузн дод ва бо ҷамоати фарзандон роҳи Миср баргирифт.

Чун ба Миср расид, аз дари сарои азизи Миср даршуд. Ногоҳ Юсуфро дид бо Зулайхо, бар тахти подшоҳӣ нишаста. Ба гӯшаи чашм ишорат ба Ҳузн кард.

Ҳузн чун Ишқро дид дар хидмати Ҳусн, ба зону даромад. Ҳолӣ, рӯй бар хок ниҳод. Яъқуб бо фарзандон мувофақати Ҳузн карданд ва ҳама рӯй бар замин ниҳоданд. Юсуф рӯй ба Яъқуб овард ва гуфт: Ай падар, ин таъвили он хоб аст, ки бо ту гуфта будам.

❂ ❂ ❂

Бидон, ки аз ҷумлаи номҳои Ҳусн, яке “Ҷамол” аст ва яке “Камол”. Ва ҳар чӣ мавҷуданд, аз рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ, толиби камоланд ва ҳеч кас набинӣ, ки ӯро ба ҷамол майле набошад. Пас, чун нек андеша кунӣ, ҳама толиби Ҳуснанд ва дар он мекӯшанд, ки худро ба Ҳусн расонанд. Ва ба Ҳусн, ки матлуби ҳама аст, душвор метавон расидан, зеро ки вусул ба Ҳусн мумкин нашавад, илло ба воситаи Ишқ ва Ишқ ҳар касеро ба худ роҳ надиҳад ва ба ҳама ҷойе маъво накунад ва ба ҳар дида рӯй нанумояд. Ва агар вақте нишони касе ёбад, ки мустаҳаққи он саодат бувад, Ҳузнро бифиристад, ки вакили дар аст, то хона пок кунад ва касеро дар хона нагузорад ва дар омадани Сулаймони ишқ хабар кунад, то мӯрчагони ҳавосси зоҳир ва ботин ҳар яке ба ҷойи худ қарор гиранд ва аз садамаи лашкари Ишқ ба саломат бимонанд ва ихтилоле ба димоғ роҳ наёбад. Ва он гаҳ, Ишқ бояд перомуни хона бигардад ва тамошои ҳама бикунад ва дар ҳуҷраи дил фуруд ояд: баъзеро хароб кунад ва баъзеро иморат кунад ва кор аз он шеваи аввал бигардонад ва рӯзе чанд дар ин шуғл ба сар барад. Пас қасди даргоҳи Ҳусн кунад.

Ва чун маълум шуд, ки Ишқ аст, ки толибро ба матлуб мерасонад, ҷаҳд бояд кардан, ки худро мустаъидди он гардонад, ки Ишқро бидонад ва манозилу маротиби ошиқон бишиносад ва худро ба Ишқ таслим кунад ва баъд аз он аҷоиб бинад.

Муҳаббат чун ба ғоят расад, онро “ишқ” хонанд. Ва ишқ хостар аз муҳаббат аст, зеро ки ҳама ишқе муҳаббат бошад, аммо ҳама муҳаббате ишқ набошад. Ва муҳаббат хостар аз маърифат аст, зеро ки ҳама муҳаббате маърифат бошад, аммо ҳама маърифате муҳаббат набошад. Ва аз маърифат ду чизи мутақобил таваллуд кунад, ки онро “муҳаббат” ва “адоват” хонанд. Зеро ки маърифат ё чизе хоҳад будан муносибу мулоим – ҷисмонӣ ё руҳонӣ- ки онро “хайри маҳз” хонанд ва нафси инсон толиби он аст ва хоҳад, ки худро ба он ҷо расонад ва камол ҳосил кунад, ё ба чизе хоҳад будан, ки на мулоим бувад ва на муносиб – хоҳ ҷисмонӣ ва хоҳ руҳонӣ – ки онро “шарри маҳз” хонанд ва “нақси мутлақ” хонанд ва нафси инсон доиман аз он ҷо мегурезад ва ӯро нафрате табиъӣ ҳосил меояд. Ва аз аввал муҳаббат хезад ва аз дувум адолат.

Пас аввал поя маърифат аст ва дувум поя муҳаббат ва сеюм поя ишқ. Ва ба олами ишқ, ки болои ҳама аст, натавон расидан, то аз маърифату муҳаббат ду пояи нардбон насозад. (Ва маънии “хутватайна ва қад васала” ин аст). Ва ҳамчунонки олами ишқ мунтаҳои олами маърифат ва муҳаббат аст, восили ӯ мунтаҳои уламои росих ва ҳукамои мутааллеҳ бошад.

Ишқро аз “ашақа” гирифтаанд ва “ашақа” он гиёҳ аст, ки дар боғ падид ояд, дар буни дарахт. Аввал бех дар замин сахт кунад, пас сар барорад ва худро дар дарахт мепечад ва ҳамчунон меравад, то ҷумлаи дарахтро фаро гирад ва чунонаш дар шиканҷа кашад, ки нам дар миёни раги дарахт намонад ва ҳар ғизо, ки ба воситаи обу ҳаво ба дарахт мерасад, ба тороҷ мебарад, то он гоҳ, ки дарахт хушк шавад.

Ҳамчунон дар олами инсоният, ки хулосаи мавҷудот аст, дарахтест мунтасибулқомат, ки он ба ҳаббатулқалб пайваста аст ва ҳаббатулқалб дар замини малакут рӯяд, ҳар чӣ дар ӯст, ҷон дорад. Ва ин ҳаббатулқалб до-

наест, ки боғбони азал ва абад дар боғи малакут нишонда аст ва ба худии худ онро тарбият фармояд. Ва чун мадади оби илм ба ин ҳаббатулқалб мерасад, сад ҳазор шоху боли руҳонӣ аз ӯ сар бармеоварад. Пас, ҳаббатулқалб, ки онро "калимаи таййиба" хонанд, "шаҷараи таййиба" шавад. Ва аз ин шаҷара аксе дар олами кавну фасод аст, ки онро "зил" хонанд ва "бадан" хонанд ва "дарахти мунтасибулқомат" хонанд. Ва чун ин шаҷараи таййиба болидан оғоз кунад ва наздики камол расад, ишқ аз гӯшае сар барорад ва худро дар ӯ печад, то ба ҷойе расад, ки ҳеч нами башарият дар ӯ нагзорад. Ва чандон, ки печи ишқ бар ин шаҷара зиёдат мешавад, аксаш, ки он шаҷараи мунтасибулқомат аст, заифтар ва зардтар мешавад, то ба якборагӣ алоқа мунқатеъ гардад. Пас он шаҷара равони мутлақ гардад ва шоистаи он шавад, ки дар боғи илоҳӣ ҷой гирад. Пас ишқ, агарчи ҷонро ба олами бақо мерасонад, танро ба олами фано бозорад, зеро ки дар олами кавну фасод ҳеч чиз нест, ки тоқати бори ишқ тавонад дошт.

Ишқ бандаест хоназод, ки дар шаҳристони азал парварда шудааст ва султони азалу абад шиҳнагии кавнайн ба ӯ арзонӣ дошта аст. Ва ин шиҳна ҳар вақте бар тарафе занад ва ҳар муддате назар бар иқлиме афганад. Ва дар маншури ӯ чунин набишта аст, ки дар ҳар шаҳре ки рӯй ниҳад, мебояд ки худованди он шаҳр гове аз барои ӯ қурбон кунад ва то гови нафсро накушанд, қадам дар он шаҳр ниниҳад. Ва бадани инсон бар мисоли шаҳрест, аъзои ӯ кӯйҳои ӯ ва рагҳои ӯ ҷӯйҳост, ки дар кӯча рондаанд ва ҳавосси ӯ пешаваронанд, ки ҳар яке ба коре машғуланд. Ва нафс говест, ки дар ин шаҳр харобиҳо мекунад ва ӯро ду суруст: яке ҳирс ва яке амал ва ранге хуш дорад: зарде рӯшан аст фиребанда. Ҳар ки дар ӯ нигоҳ кунад, хуррам шавад. На пир аст, ки ба ӯ табаррук ҷӯянд, на ҷавон аст, ки қалами таклиф аз вай бардоранд. На масруъ дарёбад, на маъқул фаҳм кунад.

На ба биҳишт нозад, на аз дӯзах тарсад. На ба оҳани риёзат замини баданро бишкофад, то мустаъидди он шавад, ки тухми амал дар ӯ афшонанд, на ба далви фикрат аз чоҳи истинбот оби илм мекашад, то ба воситаи маълум ба маҷҳул расад. Дар биёбони худкомӣ чун афсоргусехтае мегардад.

Ва ҳар гове лоиқи ин қурбон нест ва дар ҳар шаҳре инчунин гове набошад ва ҳар касро он дил набошад, ки ин гов қурбон тавонад кардан ва ҳама вақте ин тавфиқ ба касе рӯй нанумояд.

# ПАЙВАСТ

## ҚИССАИ ЗИНДАИ БЕДОР
### Тарҷумаи "Ҳай ибни Яқзон"-и Абӯалӣ Сино

Ситоишу офарин мар Яздони кайҳондорро, офаридгори ҷаҳон ва дорандаи замину осмон, гардонанда ва равонандаи ситорагон ва дуруди вай бар беҳтарину меҳтарини пайғомбарон, Муҳаммади Мустафо ва бар аҳли байту ёронаш – гузидагон ва покон.

Бузургфармони худованди ҷаҳон малики одил, саййиди музаффари мансур Азудуддин Алоудавла Абуҷаъфар – ҳусоми амиралмуъминин, ки ҷовидон зиёд андар давлату султонӣ ва сарварию комравоӣ ва ҷаҳон ба мурод ва сарсабзу бахтёр ва замон мусоид ва корҳои ҳар ду ҷаҳон ба хости вай – ба мани банда ва ходим омад ба тарҷума кардан ба порсии дарӣ мар рисолатеро, ки хоҷаи раис Абуалӣ карда аст андар шарҳи қиссаи "Ҳай ибни Яқзон" ва падид кардани рамзҳош ва боз намудани ғаразҳош. Пас мани банда мар бузургфармони ӯро пеш рафтам ва ба он машғул шудам. Ва умед дорам, ки ба давлати вай Эзад маро тавфиқ диҳад бар тамом кардани он ба фазли хеш.

❂ ❂ ❂

Хоҷа гӯяд, ки иттифоқ уфтод маро он гоҳ, ки ба шаҳри хеш будам, ки берун шудам ба нузҳатгоҳе аз нузҳатгоҳҳое, ки гирди он шаҳр андар буд бо ёрони хеш. Пас ба он миён, ки мо он ҷо ҳамегардидем ва тавоф ҳамекардем, пире аз дур падид омад зебо ва фарраманд ва солхӯрдаю рӯзгори дароз бар ӯ баромада. Ва вайро тозагии бурноон буд, ки устухони вай суст нашуда буд ва ҳеч андомаш табоҳ набуд ва бар вай ҳеч нишоне аз пирӣ набуд ҷуз шукуҳи пирон.

Чун ин пирро бидидам, орзуманд гаштам ба омехтан бо вай ва тақозокунандае бархост аз андарун мар

маро ба он ки бо вай омезиш кунам ва ба наздики вай омаду шуд кунам. Пас, бо рафиқони хеш ба сӯйи ӯ шудам. Чун ба наздики вай расидем, ӯ ибтидо кард ва бар мо салом кард ва таҳиййат карду суханҳои дилпазир гуфт.

Бисёр ҳадисҳо ҳамекардем як бо дигар, то сухани мо ба он ҷой кашид, ки аз ӯ бипурсидам ҳолҳои вай ҳама ва аз ӯ андар хостам, ки то маро роҳи хеш бинамояд ва пешаву ном ва насаби хеш бигӯяд, балки шаҳру маъвои хеш.

Вай гуфт, ки номи ман Зинда аст ва писари Бедорам ва шаҳри ман Байти Муқаддас аст ва пешаи ман саёҳат кардан аст ва гирди ҷаҳон гардидан, то ҳамаи аҳволи ҷаҳон бидонистам. Ва рӯй сӯйи падар дорам ва падарам Бедор аст ва ман илмҳо ҳама аз ӯ омӯхтаам ва калиди ҳамаи илмҳо вай ба ман дод ва роҳи канораҳои ҷаҳон – он роҳҳо, ки рафтанӣ аст, – маро вай намуда аст. То аз гардидани ман ба гирди ҷаҳон чунон аст, ки ҳамаи ҷаҳон гӯйӣ, ки пеши ман ниҳода аст.

Дере бо он пир масъалаҳо ҳамегуфтам ва аз вай илмҳои душхвор ҳамепурсидам ва аз вай ҳаме хостам, ки маро роҳи донишҳо бинамояд. Пас, аз он ҷой ба илми фиросат расидем. Пас, аз ростфиросатии вай ва тездидории вай андар он илм он дидам, ки аҷаб бимондам, ки азеро ки ибтидо кард чун ба илми фиросат расидем ва ба хабари вай омадем, гуфт, ки илми фиросат он илм аст, ки фоидаи вай ба нақд аст ва манфаати вай андар вақт аст, ки ин илм туро падид кунад аз ҳар касе он чӣ вай пинҳон дорад аз хӯйи хеш, то густохӣ кардани ту бо вай ва дур шудани ту аз вай бар он андоза бувад ва андархури ин ҳол бошад. Ва илми фиросат далел мекунад бар хушхӯйии ту ва бар илмпазирандагии ту ва низ далел мекунад, ки ту чунонӣ ки ба ҳар сӯй, ки туро кашанд, он сӯй шавӣ ва чун туро ба роҳи рост бидоранд ва ба он роҳ хонанд, ба салоҳ гардӣ ва пок шавӣ ва агар

фиребандае туро бифиребад, фирефта шавӣ. Ва ин ёрон, ки ба гирди ту андар омадаанд ва аз ту ҷудо нашаванд, рафиқоне баданд ва бим аст, ки туро фирефта кунанд ва ба бади эшон андар монӣ. Магар ки нигоҳ доштани Эзадӣ ба ту расад ва туро нигоҳ дорад аз бади эшон.

Аммо ин ёр, ки пеши рӯйи туст ва андар пеши ту истодааст, дарӯғзан аст ва жожхой аст ва ботилҳо баҳаморанда аст ва зӯрҳо офаринанда аст ва туро хабарҳое орад, ки ту аз ӯ андар нахоста бошӣ ва аз ӯ напурсида бувӣ ва хабари рост бо дурӯғ баромезад ва ҳақро бо ботил падид кунад. Бо он ки вай ҷосус ва талояи ту аст ва ба сабаби вай бидонӣ хабари он чизҳое, ки аз ту ғоиб аст ва ба роҳи вай ба ту расад ҳолҳои он чизҳо, ки наздики ту нест ва ту андар мондаӣ ба нақд кардани ҳаққи он аз ботилаш ва ба барчидани росташ аз миёни дурӯғаш ва падид кардани савобаш аз он чӣ хатост. Бо он ки туро аз ӯ чора нест, гоҳ бувад, ки тавфиқи Эзад туро даст гирад ва роҳи гумроҳон туро дур кунад ва гоҳ мутаҳаййир ва хира бимонӣ ва гоҳ бувад, ки гувоҳони музаввир туро ғарра кунанд.

Ва аммо ин ёр, ки бар дасти рости туст, нопоку нодон аст. Чун биёшӯбад, панд напазирад ва насиҳаташ суд надорад ва мудоро кардан бо вай ошуфтагиашро кам накунад. Гӯйӣ, ки оташ аст, ки андар ҳезуми хушк уфтода бувад ё оби бисёр аст, ки аз болои баланд фуруд ояд ва ё уштуре маст аст ва шере бачакушта аст.

Ва аммо ин ёр, ки бар дасти чапи туст, чиркин аст ва бисёрхор аст ва фарохшикам асту ҷимоъдӯст аст. Ҳеч чиз шиками вай пур накунад, ҷуз аз хок ва ҳеч чиз гуруснагии вай нанишонад, магар гилу кулӯх. Лесанда асту чашанда ва хӯрандаву ҳарис. Гӯйӣ, ки хукест, ки гурусна кунандаш ва андар миёни палидӣ гуморандаш.

Ва туро, ай мискин ин ёрони бад бозбастаанд ва бо эшон бардусонидаанд, чунонки аз эшон ҷудо натавонӣ

шудан, магар ки ба ғарибӣ шавӣ ба шаҳрҳое, ки эшон он ҷо натавонанд омадан. Ва акнун, ки вақти он ғарибӣ нест ва ба он шаҳрҳо натавонӣ шудан ва аз эшон натавонӣ гусастан ва аз дасти эшон натавонӣ растан, чунон кун ки дасти ту забари дасти эшон бувад ва султони ту афрози султони эшон бувад ва макун, ки маҳори хеш ба дасти эшон диҳӣ ва мар эшонро гардан ниҳӣ, балки ба тадбири неку кардан андар кори эшон машғул шав, то эшонро ба роҳи рост бидорӣ. Азеро ки ҳар бор, ки ту ба зӯр бошӣ, эшонро мусаххари хеш кунӣ ва эшон туро мусаххар натавонанд кардан ва бар эшон нишинӣ ва эшон бар ту нанишинанд.

Аз ҳилатҳои равони ту ва аз тадбирҳои некуи ту андар кори ин ёрону рафиқон он аст, ки ба ин бадхӯйи гарданкаш мар ин раънои бисёрхорро бишканӣ ва ба сараш боззанӣ нек ва мар ошуфтагии ин хашмолуда ва душхворкорро андар ёбӣ ба фирефтани ин раънои чоплусу дамзан ва мар ӯро биёромӣ нек. Ва аммо ин дурӯғзани ёфагӯй: нигар, ки ба ӯ нагирой ва сухани вай устувор надорӣ ва чунон кун, ки ҳеч гуна гӯш ба сухани вай накунӣ ва он чӣ вай орад аз хабарҳо нанюшӣ ва гарчанд, ки рост бо дурӯғ омехта бувад, азеро ки андар он миён он бувад, ки бояд пазируфтан ва бояд нигоҳ доштан ва ба ҳақиқати он барбояд расидан.

Пас чун маро аз ҳоли ин рафиқон бигуфт ва сифати эшон бикард, сахт дилпазир омад маро сухани ӯ ва бидонистам, ки рост ҳамегӯяд. Пас чун дигарбора ба озмоиши эшон машғул шудам ва андар кори эшон назар кардам, наздики ман дуруст шуд он чӣ вай гуфт аз ҳолҳои ин рафиқон. Ва ман андар душхвориам аз дасти эшон: гоҳ бувад, ки дасти маро бувад бар дасти эшон ва гоҳ бувад ки дасти эшонро бувад бар ман. Ва аз Эзад ҳаме ёрӣ хоҳам бар некуии ҳамсоягӣ кардан ва омехтан бо ин рафиқон, то он гоҳ ки аз эшон ҷудо шавам.

Аз вай андар хостам, ки то маро роҳ намояд ба саёҳат кардан ва сафар кардан – ончунон саёҳате, ки вай кунад ва роҳ ҷустани касе, ки ҳарис бувад бар он ва орзуманд бувад бар он.

Он пир гуфт, ки ту ва он ки ба ту монад инчунин саёҳат кардан, ки ман кунам, натавонед кардан, ки шуморо аз чунин саёҳат кардан боздоштаанд ва роҳ бар шумо бибастаанд, магар ки некбахтиат ёрӣ кунад ба ҷудо шудан аз ин ёрон. Ва акнун вақти он ҷудо шудан нест, ки вайро вақтест маълум, ки ту пеш аз он вақт ҷудо натвонӣ шудан. Пас, акнун бannounce бipisand ба саёҳат кардане омехта бо орому нишастан, ки гоҳе саёҳат кунӣ ва гоҳе бо ин ёрон омезиш кунӣ. Ва ҳар бор ки нишоти саёҳат кардан кунӣ ба нишоте тамом ва ба ҷидд, ман бо ту ҳамроҳӣ кунам ва ту аз эшон баргардӣ ва ҳар бор, ки туро орзуи эшон ояд, ба наздики эшон шавӣ ва аз ман баргардӣ. То он гоҳ, ки вақт ояд, ки ба тамомӣ аз эшон баргардӣ.

Ҳадиси ман бо вай бо он ҷо анҷомид, ки аз ӯ пурсидам аз аҳволи ҳар иқлиме, ки вай он ҷо расидааст ва онро ба илм андар ёфтааст ва хабари он шунидааст.

Вай гуфт, ки ҳадҳои замин се ҳадд аст: яке он аст, ки андар миёни Машриқу Мағриб аст ва ин ҳадро бидонистаанд ва хабари вай андар ёфтаанд ба тамомӣ ва ба шумо расидааст ва аз ҷойҳои ғариб низ хабари он чи андар ин иқлим аст, ба шумо расидааст. Ва ду ҳадди дигар аст ғариб: ҳадде сипаси Мағриб андар аст ва ҳадде аз он сӯйи Машриқ ва ҳар якеро аз ин ду ҳад ҷойгоҳе ва бандест боздоранда миёни ин ду олам ва миёни он ҳад, ки ҳар касе ба он ҷой натавонад расидан ва аз он ҷой андар натавонад гузаштан ҷуз хоссагони мардумон, ки қуввате ба даст оваранд ва оварда бошанд хештанро, ки эшонро он қувват ба аввали офариниш набуд.

Он чи суд дорад ба сӯйи ба даст овардани ин қувват он аст, ки сару тан бишӯянд ба чашмаи оби равон, ки

ба ҳамсоягии чашмаи зиндагонӣ истода аст, ки ҳар бор, ки саёҳаткунандаро роҳ намоянд ба он чашма ва таҳорат кунад ба он об ва аз оби хуши вай бихӯрад, андар андомҳои вай қуввате нав падид ояд, ки ба он қувват биёбонҳои дароз бибурад, то гӯйӣ ки биёбонҳо дар навარданд барои ӯ ва бар сари оби дарёи Муҳит бигзарад ва фурӯ нашавад ва агар бар кӯҳи Қоф шавад, ранҷаш нарасад ва забонияи он мар ӯро ба мағокҳои дӯзах фурӯ натавонад афгандан.

Ӯро гуфтам, ки маро шарҳи ин чашма бештар бикун!

Гуфт: Шунидаӣ ва ба ту расидааст ҳоли торикиҳо, ки ба наздики қутб истода аст, ки офтоб бар ӯ ба ҳар соле андар ба вақте маълум битобад. Ҳар кӣ андар миёни торикӣ шавад ва ба душхворӣ дар ӯ шуданро сар боз назанад, ба фарохное расад, ки ӯро канора нест, ба рӯшноӣ оганда. Нахустин чизе, ки ӯро падид ояд, чашмае равон бувад, ки оби вай андар ҷӯйе ҳамешавад, ки бар баландӣ ҳамеравад. Ва ҳар ки сару тан ба он об бишӯяд, сабук гардад, то бар сари об биравад ва ғарқа нашавад ва бар сари кӯҳҳои баланд бар шавад, бе он ки ранҷаш расад, то аз он ҷой ба яке аз он ду ҳад расад, ки аз ин олам бозбуридаанд.

Ӯро гуфтам, ки аз ҳадди Мағриб маро огоҳӣ деҳ ва бознамой, ки Мағриб ба шаҳрҳои мо наздиктар аст.

Вай гуфт, ки ба дуртарин ҷойе аз Мағриб дарёест бузургу гарм, ки андар номаи Худой онро чашмаи гарм ном кардааст ва офтоб ба наздики вай фурӯ шавад ва рӯдҳое, ки ба ин дарё оянд, аз замине вайрон хезанд, ки канораш падид нест ва кас ҳадди он натавонад донистан, аз фарохӣ ки ҳаст. Ва ободоникунандагони он замин ғарибонанд, ки аз ҷойҳои дигар оянд ва торикӣ бар рӯйи он замин истода аст ва он касҳо, ки ба он замин шаванд, порае рӯшноӣ ба даст оранд, он гоҳ, ки офтоб фурӯ хоҳад шудан. Ва заминаш шӯристон аст. Ҳар бор

ки гурӯҳе ба он замин ҷой гиранд ва ободонӣ кунанд, мар эшонро нахоҳанд ва эшонро аз он ҷой дур кунанд. Ва дигарон биёянд ва ободонӣ кунанд, ки дар забари он ободонӣ шавад. Чун ободонӣ кунанд, резон шавад ва чун бино кунанд, биюфтад. Ва миёни он касҳо корзор доим истода аст, балки куштан ва ҳар гурӯҳе, ки ғалаба гиранд, хонумони он дигарон бистонанд ва мар эшонро аз он ҷой берун кунанд. Ва хоҳанд, ки он ҷой биёраманд ва натавонанд. Ва инчунин ҳол одати эшон аст, ки аз ин наёсоянд. Ба ин замин ҳар гуна ҷонварон ва равандагон оянд, валекин чун он ҷо биёраманд ва обу гиёҳаш бихӯранд, барояшон чизҳое падид ояд, ки ба суратҳои инсон намонанд, то мардуме бинӣ, ки бар вай пӯсти чаҳорпоён бувад ва бар вай порае гиё рӯяд. Ва ҳоли дигар чизҳо ва гунаҳо ҳамчунин бувад. Ва ин пораи замин вайрон аст ва шӯристон ва ин замин ба фитнаву ба ҷанг ва ба хусумат ва ба корзор оганда аст ва некуӣ аз ҷойгоҳе дур ба даст орад ва орият хоҳад.

Миёни ин замин ва миёни замини шумо заминҳои дигар аст. Валекин аз он сӯйи ин иқлим, ки бунёди осмонҳост, заминест, ки ба ин замин монад ба чанд чиз: яке ин ки вай ҳомун аст ва андар ӯ касе нанишинад ҷуз аз ғарибон, ки аз ҷойҳои дур омада бошанд ва дигар он ки мар ин ҷойро рӯшноӣ аз ҷойе ғариб омада аст ва гарчи ин ҷойгоҳ ба равзани рӯшноӣ наздиктар аз он ҷойи пешин аст ва дигар ки ин ҷой бунёди осмонҳост. Чунонки он ҷойи пешин бунёди ин замин ва қароргоҳи вай аст. Валекин ободонӣ андар ин замин поянда аст ва миёни он ғарибон, ки он ҷо омадаанд ва ҷойгоҳ гирифтаанд, ҷанг нест ва хонумони якдигар ба ситам наситонанд ва мар ҳар гурӯҳеро ҷойест падид карда, ки дигар бар ӯ ғалаба накунад андар он ҷой.

Наздиктарин ободонии он замин ба мо ҷойгоҳест, ки он касон ки он ҷо нишинанд, мардумонеанд хурдтан ва зудрав. Ва шаҳрҳои эшон нуҳ шаҳр аст. Ва сипаси ин

ҷойгоҳ подшоҳиест, ки мардумони он подшоҳӣ хурдтантаранд аз инон, ки пештаранд ва гаронравтар ва дабирӣ ва мунаҷҷимӣ ва тилисму найранҷот дӯст доранд ва пешаҳо ва корҳои борик кунанд. Ва шаҳрҳои эшон даҳ шаҳр аст. Ва сипаси ин подшоҳиест, ки мардумони вай сахт некурӯянд ва нишоту шодӣ кардан дӯст доранд ва аз андуҳ дуранд ва рӯдҳои хуш донанд задан ва гунаҳои бисёр донанд аз ӯ. Ва зане бар эшон подшоҳ аст ва бар некӣ кардан сириштаанд ва ҳар бор, ки бадӣ бишнаванд, аз он бигрезанд. Ва шаҳрҳошон нуҳ шаҳр аст. Ва сипаси ин подшоҳиест, ки мардумони он ба тан сахт бузурганд ва ба рӯй сахт некуанд ва аз дур судманданд ва наздикии эшон душхвор ва ранҷнок аст. Ва шаҳрҳошон панҷ шаҳр аст. Ва сипаси ин подшоҳиест, ки андар он замин гурӯҳҳое нишинанд, ки андар замин табоҳӣ кунанд ва хун рехтану куштан ва дасту пой буридан дӯст доранд ва...... сурхрӯйе бар эшон подшоҳ аст, ки шефта аст бар бадӣ кардан ва куштану задан ва гӯянд, ки бар он зани подшоҳи некрӯйе, ки пештар ёд кардем ошиқ аст. Ва шаҳрҳои эшон ҳашт шаҳр аст. Ва сипаси ин подшоҳиест бузург ва мардумони он ҷой сахт дурандаранд ба парҳезгорӣ ва адлу ҳикмат ва порсоӣ ва ба фиристодани некӣ ба ҳар канорае аз ҷаҳон ва эътиқоди меҳрубонӣ доранд андар ҳар ки ба эшон наздик аст ё аз эшон дур аст ва некӣ кардан ба ҷойи он ки ӯро шиносад ва он ки нашносад ва сахт ба роҳанд ва некурӯй. Ва шаҳрҳои эшон ҳашт шаҳр аст. Ва сипаси ин, подшоҳиест, ки ҷойгоҳи мардумонест дурандеш ва ба бад гироянда ва агар ба сӯйи некӣ гироянд, некӣ ба ғоят кунанд ва чун бадӣ кунанд, ба гурбузӣ кунанд ва сабуксорӣ накунанд ва шитоб накунанд андар он ки кунанд ва диранг даст бознадоранд. Ва шаҳрҳои эшон ҳашт аст. Ва сипаси ин подшоҳиест бузург ва бекарона ва ободикунонаш бисёранд. Ва биёбониёнанд ва андар шаҳрҳо нанишинанд ва замини эшон ҳомун аст ва ан-

дар он барафзуданӣ нест ва мар ӯро ба дувоздаҳ пора кардаанд ва андар ӯ бисту ҳашт манзилгоҳ аст ва ҳеч гурӯҳе ба хонумони гурӯҳи дигар нашаванд, магар он гоҳ, ки пеши эшон андар буванд аз ҷойи хеш берун шаванд: пас эшон ба ҷойи эшон оянд ба шитоб. Ва он мардумон, ки андар он подшоҳии пешинанд, ба ғарибӣ ба ин замин оянд ва андар ин замин бигарданд. Ва сипаси ин ҷой подшоҳиест, ки канораҳои он касе надидааст ва ба ӯ нарасида аст то ба ин вақт, андар ӯ ҳеч шаҳру деҳ нест ва он ҷо маъво надорад касе ки ба чашми сар бишояд диданаш ва ободикунандагонаш фариштагони руҳониянд, ҳеч мардум он ҷо ҷой нагирад ва ба он ҷо нарасад ва аз он ҷо фармон фурӯ ояд ба он касон, ки зери эшонанд. Ва сипаси он ҷой ободонӣ нест мар заминро.

Пас ин ду иқлим аст, ки замину осмон ба эшон пайваста аст аз дасти чапи олам, ки сӯйи Мағриб аст.

Чун аз ин ҷо рӯй сӯйи Машриқ ниҳӣ, нахуст иқлиме падид ояд, ки андар ӯ ободоникун нест, на аз мардум ва на аз дарахт ва на аз санг, балки саҳроест фарох ва дарёе пуроб ва бодҳое истода ва оташе пароканда. Ва чун аз он ҷо бигзарӣ, ба ҷойе расӣ, ки он ҷо кӯҳҳои баланд аст ва ҷӯйҳои равон ва бодҳое ҷунбон ва абрҳое боронбор. Ва ба ин ҷой андар зар ёбиву сим ва гавҳарҳои бешбаҳову камбаҳо аз ҳамаи гунаҳо, валекин андар ӯ ҳеч рӯянда наёбӣ. Ва чун аз ин ҷо бигзарӣ, ба ҷойе расӣ, ки оганда аст ба ин чизҳо, ки ёд кардем ва андар ӯ гунаҳои рӯянда ёбӣ аз гиёҳҳо ва дарахтҳои боровар ва бебор ва донадор ва тухмдор, валекин андар он ҷо он ки бонг кунад аз ҷонварон наёбӣ, ба ҳеч гуна. Ва аз он ҷо ба ҷойе расӣ, ки андар ӯ ин ки гуфтем, ҳама ҳаст ва низ ҷонварони гуногун ёбӣ ошнокунон ва хазандагони ногӯё ва парандагони парвозкунон ва ростпарони зояндагон ва анбусандагон, валекин он ҷо мардум набувад.

Ва аз он ҷо ба ин олами шумо расӣ ва донистаед ҳолҳои он чи андар ин ҷост ба дидан ва шунидан.

Чун сӯйи Машриқ шавӣ, офтоброро ёбӣ, ки ба миёни ду суруи дев барҳамеояд, азеро ки деврo ду суру ҳаст: яке паррон ва яке равон. Ва ин гурӯҳ, ки равонанд ду қабилаанд: қабилае ба дадгон монад ва қабилае ба чаҳорпоён. Ва миёни эшон ҳамеша корзор аст, Ва ин ҳар ду қабила бар дасти чапи Машриқанд. Ва он девон, ки парронанд, бар дасти рости Машриқанд. Ва ҳама бар як офариниш наанд, балки гӯйӣ, ки ҳар якеро аз эшон офаринише ҷудогона аст нодир. То аз эшон яке аз ду офариниш аст, яке аз се ва яке аз чаҳор, чунон ки мардуме паррон ва море, ки сараш ба сари хук монад ва яке нимаи офаринише ва яке порае аз офаринише, чунонки ниме аз мардум ё кафи дасте аз мардум ё пойе аз мардум ва ҷуз аз ин гуна аз ҷонварони дигар ва шояд будан ва дур нест, ки ин суратҳои омехта, ки нигоргарон бинборанд, аз он ҷой овардаанд. Ва бар ин иқлим чизе ғалаба дорад ва он он аст, ки панҷ кӯй пайдо кардааст ба сӯйи соҳибхабарон ва ин кӯйҳоро низ силоҳгоҳи подшоҳии хеш кардааст ва силоҳдоронро он ҷо ба пой кардааст, то ҳар кӣ аз ин олам ба он ҷой расад, бигирандаш ва он чизҳоро, ки бо эшон бувад, нигоҳ доранд ва мар асиронро бо он супоранд, ки меҳтар аз ин панҷ аст, ки вай бар дари иқлим истода аст. Ва ин чизҳо, ки бо эшон бувад, ки бибояд расонидан, андар номае печида бувад ва муҳр барниҳода, ки он дарбон надонад, ки андар он нома чӣ чиз аст, балки бар вай он аст, ки он нома ба хазинадор супорад, то вай он бар малик арза кунад. Ва аммо асиронро ин хазинадор нигоҳ дорад ва аммо чизҳои дигар хазинадори дигар нигоҳ дорад ва ҳар бор, ки гурӯҳе аз мардумон ва ҷонварони дигар ба ҷуз аз эшон аз ин олами шумо асир кунанд, аз миёни эшон чизҳои дигар падид оранд ё омехтае аз эшон ё порае аз эшон бувад, ки гурӯҳе аз ин ду суруҳои девон са-

фар кунанд ва ба иқлими шумо оянд ва ба мардумон расанд ва бо дам заданашон то ба миёнаи дили эшон даршаванд. Аммо он суру, ки ба дадгон монад, аз ин ду суруи равон, ӯ гӯши он дорад, то андаке аз рози мардум ба ӯ расад. Пас ӯро аз ҷой биҷунбонад ва корҳои бад ба наздики вай биёрояд, аз куштану андомҳо буридан ва озурдану ранҷ намудан ва кинаро андар дилаш бипарваронад ва барангезонад бар ситам кардан ва табоҳӣ кардан. Ва аммо он суруи дигар аз он дугона ҳамеша муноҷот ҳамекунад бо дили мардум ба неку намудани зиштиҳо ва аз корҳо мар ӯро таҳриз кардан бар ношоистҳо ва орзуманд кардани ӯро ба он ва лаҷоҷ андарбаста аст ба шабу рӯз ва пажваж ҳамекунад андар он, то ӯро ба он сӯ кашад. Ва аммо ин суруи паррон мардумро бар он дорад, ки то ҳарчӣ набинад ба дурӯғ дорад ва наздики вай неку гардонад парастидани он чӣ офарида бувад ва андар дили мардум афганад, ки сипаси ин ҷаҳон ҷаҳоне дигар нест ва бар некиву бадӣ подош нест ва ин ҷаҳонро офаридгор нест.

Аз ин суруҳои девон гурӯҳеанд, ки наздики ҳадҳои иқлимеанд, ки сипаси иқлиме андар аст, ки он иқлимро фариштагони заминӣ ободон кунанд ва роҳи рост ёфтаанд ба роҳ намудани фариштагон эшонро ва бероҳии девон ба он аз хештан ҷудо кардаанд ва роҳи фариштагони руҳониён гирифтаанд ва ин девон чун бо мардумон биёмезанд, эшонро табоҳ накунанд ва аз роҳи росташон набаранд ва ёрӣ кунанд неку мар эшонро бар пок шудан. Ва инҳо париёнанд ва мар эшонро ба тозӣ ҷину ҳин гӯянд.

Ҳар ки аз ин ҷой бигзарад ва ба иқлиме расад, ки сипаси ин андар аст, андар шавад ба иқлимҳои фариштагон. Ва аз он иқлимҳо он чӣ ба замин пайваста аст иқлиме аст, ки он ҷо фариштагони заминӣ нишинанд. Ва эшон ду гурӯҳанд: гурӯҳе ба дасти рост нишастаанд ва эшон доноонанду фармояндагон ва баробари эшон

гурӯҳе дигар нишинанд бар дасти чап ва эшон фармонбаронанд ва коркунон. Ва ин ҳарду гурӯҳ гоҳе ба зер фурӯ оянд, ба иқлими мардумону париён ва гоҳ ба осмон бар шаванд. Ва гӯянд, ки ин ду фаришта, ки бар мардум муваккиланд, ки эшонро Ҳафаза ва Киромулкотибин гӯянд, яке бар дасти рост ва яке бар дасти чап, аз ҷумлаи эшонанд. Ва он ки ба дасти рост аст, аз фармояндагон аст ва имло кардан ба ӯст ва он ки бар дасти чап аст аз коркунон аст ва нибиштан ба ӯст.

Ҳар ки ӯро роҳ диҳанд, то аз ин иқлим андар гузарад ва ба он гузаштанаш ёрӣ кунанд, роҳ ёбад ба шудан аз сипаси осмонҳо ва офаридагони пешинро бинад. Ва мар эшонро подшоҳе аст ягона ва ҳама фармонбардори ӯянд. Нахустин ҳадде аз ҳадҳои он ҷо ободон аст ба ходимоне аз ходимони он подшоҳи бузургтар ва ҳамеша ба ин кор истодаанд, ки эшонро ба подшоҳ наздик кунад. Ва эшон гурӯҳҳое порсоанд, ки ба ситаму ғалаба ва задану куштан ва бисёр хӯрдану шаҳват ва ҷимоъ майл накунанд ва эшонро муваккал кардаанд ба ободон кардани порае аз ин подшоҳӣ ва ба он ҷо бидоштаанд. Ва эшон шаҳрнишинонанд ва андар кӯшкҳои баланду биноҳои неку нишинанд, ки андар сириштани гили он ҷойҳо ранҷи бисёр бурдаанд, то чунон сиришта шудааст, ки ба ин гили иқлимҳои шумо намонад. Ва он биноҳо пояндатар аст аз обгина ва аз ёқут ва аз ҳамаи чизҳое, ки табоҳ шудани вай дертар бувад ва мар эшонро умрҳои дароз додаанд ва андар расидани маргро ба эшон аз эшон дур кардаанд ва намиранд, магар сипаси рӯзгоре дароз ва кори эшон ободон кардани он пора аст ва фармонбардорӣ.

Ва сипаси эшон гурӯҳеанд, ки ба подшоҳ омехтатаранд ва эшонро ба хидмати подшоҳ бидоштаанд ва ба кор карданашон хор накардаанд ва аз ин ҳолашон сиёнат кардаанд ва бигузидаандашон мар наздикиро ва роҳ додаандашон ба нигаридан сӯйи нишастгоҳи бу-

зургтар ва ба гирди он нишастгоҳ андар гардидан ва бархурдорашон кардаанд ба нигаридан андар рӯйи подшоҳ пайваста – чунон пайваста, ки андар ӯ ҷудоӣ набувад – ва биёростаанд эшонро ба пирояи чобуке андар ниҳод ва тезҳушӣ ва ростнамоишӣ ва ба дидори хиракунанда ва некуии тамом. Ва мар ҳар якеро ҳадде падид кардаанд ҷудогона ва ҷойгоҳе маълум ва пойгоҳе пайдо карда, ки андар он ҷой бо вай ҳамбозӣ накунанд, – ки ҳар ки ҷуз ӯст ё бартар аз ӯст ва ё дилаш ба фурӯтарӣ хуш аст. Ва наздиктарин подшоҳ якест аз эшон, ки ӯ падари эшон аст ва эшон фарзандону наберагони вайанд ва бар забони вай фармони подшоҳ ба эшон ояд. Ва аз ғариб ҳолҳои эшон он аст, ки пиру фартут нашаванд ба рӯзгор ва падарашон ҳарчанд ки ба сол бештар аст, вай қавитар аст ва ҷавонрӯйтар. Ва ҳама биёбоннишинанд ва аз ҷойу пӯшиш бениёзанд.

Подшоҳ биёбонитар аст аз эшон ва ҳар ки вайро ба асле бозхонд, аз роҳ бишуд ва ҳар ки гуфт, ки ӯро биситоям ба сазои вай, жож хойид. Ва тавоноии сифаткунандагон аз вай дур аст ва вайро ба чизе монанд кардан нашояд ва ҳеч кас тамаъ надорад, ки вайро ба чизе монанда тавонад кардан. Вайро андомҳо нест пора-пора, балки ҳама некуии рӯйи вайанд ва ҷуди дасти вай некуии вай бияфзояд бар ҳамаи некуиҳо ва карами вай ҳақир кунад мар ҳамаи карамҳоро. Ҳар бор, ки яке аз онон ки гирди бисоти вай андаранд хоҳад, ки вайро нек тааммул кунад, аз хирагӣ чашми эшон фароз шавад, то мутаҳаййир бозгарданд аз он ҷой ва ҳам бувад, ки чашми эшон бишавад пеш аз он ки ба вай нигаранд. Пиндорӣ, ки некуии вай пардаи некуии вай аст ва падид омадани вай сабаби нопадидии вай аст ва ошкоро шудани вай сабаби пинҳон шудани вай аст. Чунонки офтоб, агарчи андаке пинҳон шавад, бисёр ошкоро шуд ва чун сахт пайдо шуд, андар парда шуд. Пас рӯшании вай пардаи рӯшании вай аст.

Ва ин подшоҳ падид омадааст мар касҳои хешро ва бахилӣ накунад бар эшон ба дидори хеш. Ва эшон, ки вайро натавонанд дидан, аз андакии қуввати хеш натавонанд дидан. Ва вай некукун аст ва атодиҳанда аст. Ва ҳар ки нишоне аз некуии вай бинад, ҳамеша ба вай ҳаме нигарад ва ҳаргиз чашм аз вай барнагирад. Бувад, ки яке аз мардумон ба наздики вай шавад, чандон некӣ бо ӯ бикунад, ки дар зери некиҳои вай гиронбор шавад. Варо аз ҳақирии чизҳои инҷаҳонӣ огоҳ кунад. Ва чун аз пеши вай бозгардад, бо кароматӣ бисёр бошад.

Хоҷа гӯяд, ки ин пир гуфт, ки “Агар на он астӣ, ки ман ба ин сухан, ки бо ту ҳамегӯям ба он подшоҳ тақарруб ҳамекунам ба бедор кардани ту, ва илло маро худ ба ӯ шуғлҳоест, ки ба ту напардозам ва агар хоҳӣ, ки бо ман биёӣ, сипаси ман биёй!”

# ҚИССАИ ҒУРБАТИ ҒАРБӢ
## Тарҷимаи “Ғурбату-л-ғарбия”-и Шайхи ишроқ

Чунин гӯяд Шайхи пешво, олими ориф, фариди аср ва шайхи даҳр Шайх Шиҳобуддини Суҳравардӣ, ки чун қиссаи “Ҳай ибни Яқзон”-ро бихондам, ҳарчанд оганда аз аҷоиби калимоти руҳонӣ ва ишороти амиқаш дидам, орӣ ёфтамаш аз он чӣ ишорат кунад ба Тури Аъзам – аънӣ томмаи кубро – ки дар кутуби илоҳӣ овардаанд ва дар рамузи ҳукамо пӯшида омада аст ва низ дар қиссаи “Саломон ва Абсол”, ки соҳиби қиссаи “Ҳай ибни Яқзон” кардааст. Ва ин розест, ки мақомоти аҳли тасаввуф ва асҳоби мукошафот ҳама бар бунёди ӯст. Ва дар қиссаи “Ҳай ибни Яқзон” низ ҳам ишорате наёфтам, ба ҷуз аз поёни мақол, ки гӯяд: “Бувад, ки яке аз мардумон ба наздики вай шавад....”, то охир. Бар он шудам, то баҳрае аз он ёд кунам ба тарзи қиссае мусаммо ба “Қиссаи ғурбати ғарбӣ” бародарони ҷавонмард ва баландҳимматро. Ва бар Худой таваккул кардам дар он чӣ бар онам.

❁ ❁ ❁

Чунин ҳикоят кунад, ки чун сафар кардам бо бародари худ Осим аз диёри Мовароуннаҳр ба билоди Мағриб, то сайд кунем гурӯҳе аз мурғони соҳили дарёи Сабз, пас бияфтодем ногаҳон ба деҳе, ки аҳли ӯ золиманд – аънӣ, мадинаи Қайирвон. Пас, чун аз қудуми мо огоҳ шуданд ва бидонистанд, ки мо писарони шайх Ҳолӣ ибни Хайри Ямонием, бигирифтанд моро ва бибастанд ба силсилаҳо ва ағлол ва ба зиндон карданд моро дар чоҳе, ки қаъри онро ниҳоят нест.

Ва буд бар болои он чоҳ, ки ба ҳузури мо ободонаш карданд, қасре мушаййад ва бар вай бурҷҳои бисёр. Пас, ба мо гуфтанд, ки “боке набошад, агар муҷаррад

ба қаср бароед чун шаб бошад, аммо чун рӯз бошад, лобуд аст, ки дигар бор фурӯ уфтед аз қаср ба буни чоҳ”.

Ва буд дар буни он чоҳ торикии ту бар ту, чунонки чун даст берун кардамонӣ наздик буд ба нодидан. Магар он буд, ки шаб ба он қаср меомадем ва бар фазо нигоҳ мекардем, нигарон аз равзан. Бисёр будӣ, ки биёмадӣ ба мо фохтагон, аз тахтҳои оростаи Яман огоҳидиҳанда аз ҳоли Ҳимо. Ва гоҳ-гоҳ зиёрат кардамонӣ дирафшҳои ямонӣ, ки рӯшан шудӣ аз ҷониби рости шарқӣ, хабардиҳандае аз роҳи ояндагони Наҷд ва бияфзудӣ моро раёҳи орок шавқ бар шавқ. Пас, муштоқу мутаҳаннин шудмонӣ ва орзуи ватанамон бархостӣ.

Пас, ба шаб бар боло будем ва ба рӯз ба зер, то бидидем ҳудҳуде, ки даромад аз равзан саломкунон, дар шабе рӯшан бо маҳтоб ва дар минқораш руқъае содир шуда аз водии Айман. Ва бар он руқъа нибишта: “Овардам шуморо аз Сабо ба хабари яқин. Ва дар номаи падаратон машруҳ аст”.

Пас чун нома бихондем, дар он ҷо буд ки

“Аз падаратон Ҳодӣ ба шумо. Ба номи Худои бахшоянда ва бахшоишгар

Орзумандатон кардем, орзуманд намешавед ва бихондем шуморо, реҳлат намекунед ва ишорат кардем, фаҳм намекунед...”

Ва дар нома нибишта буд ва ишорат карда, ки

“Ай фулон, хоҳӣ ки бо бародарат халос ёбӣ? Дар азми сафар сустӣ макун ва даст дар ресмони мо зан! Ва он ҷавзаҳари фалаки қудсӣ аст, муставлӣ бар навоҳии кусуф.

Пас, чун ба водии мӯрчагон бирасӣ, доман бияфшон ва бигӯ, сипос Худойро аззу ҷал, ки моро зинда кард пас аз он ки мурда будем ва нашру масири мо ба Ӯст.

Ва бикуш занатро, ки ӯро пасмонда нест. Бирав, чунонки фармудем ва дар киштӣ нишин ва бигӯ, Бисмиллоҳ рафтанро ва истоданро!"

Ва шарҳ карда буд дар руқъа он чӣ дар роҳ буданӣ аст.

Пас ҳудҳуд пеш рафт. Ва офтоб болои сари мо шуд, чун ба канори соя расидем.

Пас нишастем дар киштӣ ва мехостем, ки ба Тури Сино равем, то зиёрати савмаъаи падар кунем. Пас мавҷ ҳиҷоб шуд миёни ману писар ва ӯ ғарқа шуд.

Ва бидонистам, ки субҳ наздики мост ва бидонистам, ки деҳе ки дар ӯ палидиҳо мекунанд зеру забар хоҳад шуд ва бориданист бар вай бороне аз сангу гил.

Пас чун бирасидем ба ҷойгоҳе ки амвоҷ талотум мезад ва обҳо мунқалиб мешуд, дояи хешро бигирифтаму дар об андохтам. Ва мерафтем ба киштӣ бо тахтаҳо ва лифаҳо ва мисморҳо. Пас, киштиро бидаридем аз бими подшоҳе, ки варои мо буд ва аз ҳар киштӣ боҷ меситад ба ғазаб.

Пас ин киштии мо бирасид ба ҷазираи Яъҷуҷу Маъҷуҷ, ба ҷониби чапи кӯҳи Ҷудӣ. Ва дар он вақт пеши ман буданд париён ва дар ҳукми ман буд чашмаи миси равон. Пас бифармудам париёнро, то бидамиданд дар он мис, ки оташ шуд ва аз он садде бибастам миёни ману Яъҷуҷу Маъҷуҷ ва ҳақиқат шуд маро ваъдаи парвардигори ман. Ва бидидам дар роҳ каллаҳои сари оду самуд тиҳӣ, пӯсида бар тахтҳои эшон. Ва бигирифтам сақалайнро бо афлок ва дар қорурае гузоштам, ки ман сохтаам ва дар он ҷо хутутҳост. Ва бибуридам ҷӯйҳоро аз ҷигари осмон. Пас чун оби осиёб бурида шуд, осиёб вайрон шуд ва гавҳар ба гавҳар расиду асир шуд. Ва бияндохтам фалакулафлок бар осмонҳо, то ос кард офтобу моҳ ва дигар кавокибро. Пас, бирастам аз чаҳордаҳ тобуту даҳ гӯр ва бидидам роҳи Худо ва дарёфтам, ки ин аст роҳи рост. Ва бигирифтам хоҳари хешро ва

бипӯшонидам дар ӯ пӯшише аз азоби Худо. Пас, бимонд дар порае аз шаб ва дар табе, ки роҳ мебурд ба саръии сахт.

Ва бидидам чароғе, ки аз ӯ нуре тофт ва бармеафрӯхт суккони хона аз ишроқи ӯ. Пас, биниҳодам чароғро дар даҳони аждаҳое сокин дар бурҷи дӯлоб, ки зери қадами ӯ дарёи қулзум аст ва болои ӯ ситорагон, ки партави шуоъи эшон надонад, илло мубдиъи эшон ва росихон дар илм. Ва бидидам Асад ва Сарвро, ки ғоиб шуда буданд ва камону харчанг навардида буданд дар наварди фалак ва бимонд Тарозу рост, ки тулуъ кард ситораи ямонӣ аз варои пардаҳо ва он пардаҳо танидаи анкабутҳои гӯшаҳои олами унсурӣ бошанд дар олами кавну фасод. Ва бо мо гӯспанде буд, ӯро дар биёбон раҳо кардем. Пас заминларзаҳо вайро ҳалок кард ва оташи соиқа дар ӯ уфтод.

Ва чун масофат бурида шуд ва роҳ ба поён расид ва биҷӯшид оби танӯр аз шакли махрут, пас ҷирмҳои улвиро бидидам. Ба онҳо пайвастаму нағмаҳо ва достонҳои онҳо бишунудам ва хондани он оҳангҳо биёмӯхтам. Ва овоҳои онҳо чунон дар гӯшам асар мекард, ки гӯйӣ овои занҷирест, ки бар санги хора кашанд. Пас наздик омад, ки аз лаззати он чӣ ба ӯ расида будам, рагҳою пайҳои ман аз ҳам фурӯ гусалад ва мафсалҳои ман ҷудо гардад.

Ва ҳол бар ин минвол буд, то абр пароканда шуд ва машима  пора гашт. Ва ман аз сумҷҳо ва ғорҳо берун шудам ва аз ҳуҷраҳо фуруд омадам ва рӯй ба сӯйи чашмаи зиндагонӣ доштам. Пас, санге чун пуштаи ситург бар ситеғи кӯҳ дидам. Он гоҳ аз моҳиёне, ки дар чашмаи зиндагонӣ гирд омада буданд ва аз сояи он пуштаи бузург баҳраманд буданд, пурсидам: “Ин пушта чист? Ва ин санги бузург чист?”

Пас яке аз моҳиён аз гузаргоҳе роҳи хеш дар дарё пеш гирифт ва он гоҳ гуфт: “Ин аст он чӣ мехостӣ ва ин

кӯҳ ҳамон Тури Синост ва он санги бузурги сахт савмаъаи падари туст”.

Пурсидам: “Ин моҳиён киёнанд?”

Гуфт: “Ҳамонанди туанд. Шумо писарони як падаред. Ва ононро воқеае монанди воқеаи ту уфтода аст. Пас эшон бародарони туанд”.

Пас чун ин бишнудам ва тасдиқ кардам, даст ба гардани эшон даровардам ва ба онон шод шудам ва эшон низ аз дидани ман шод шуданд. Ва ба кӯҳ баршудаму падарамонро дидам – пире бузург, ки наздик омад осмонҳо ва заминҳо аз тобиши нури вай шикофта шаванд. Пас дар рӯйи вай хира ва саргашта мондам ва ба сӯйи вай шудам. Пас маро салом дод. Вайра саҷда кардам ва наздик буд, ки дар фурӯғи тобноки вай бисӯзам. Пас, замоне бигиристам ва назди вай аз зиндони Қайирвон шикоят кардам.

Маро гуфт: “Неку растӣ, аммо ногузир ба зиндони ғарбӣ бозхоҳӣ гашт. Ва ҳанӯз ҳамаи бандро аз худ барнаяфкандаӣ”.

Пас чун гуфтори вай бишунудам, ҳуш аз сарам бишуд ва оҳу нола баровардам, ҳамчун нолаи касе, ки наздик ба марг аст ва назди ӯ зорӣ кардам.

Гуфт: “Ин бор туро бозгаштан ба дунё зарурат аст. Валекин туро башорат медиҳам ба ду чиз: яке он ки чун акнун ба зиндон бозгардӣ, мумкин бошад, ки дигар бор ба мо бозрасӣ ва ба биҳишти мо бозрасӣ. Дувум он ки ба охир бозгардӣ ва халос ёбӣ ва он шаҳрҳои ғарибро ҷумла раҳо кунӣ”.

Фараҳнок гаштам ба он ки гуфт.

Пас, дигар бор гуфт: “Ин кӯҳи Тури Синост. Ва болои ман ин маскани падари ман ва ҷадди туст. Ва ман нестам ба изофат бо ӯ ҷуз чун ту ба изофат бо ман. Ва моро аҷдоди дигар ҳаст, то насаб ба малике расад, ки ҷадди бузургтар ӯст ва ӯро худ на ҷаддест ва на падаре ва мо ҷумла бандагони ӯем ва ин бузургиро бо бузур-

гии ӯ изаме ва миқдоре набошад ва ӯрост бузургвории баланд ва болои болост ва нури нур аст ва ҳар чиз қобили офату фаност, илло зоти поки ӯ.

❂ ❂ ❂

Пас ман дар ин қисса будам, ки ҳолам бигардид ва аз ҳаво андар ҳовияе бияфтодам миёни қавме ноаҳл ва дар диёри Мағриб дар банд бимондам. Ва маро чандон лаззат бимонд, ки дар тавсиф нагунҷад. Пас, бонг баровардам ва зорӣ кардам ва бар ҷудоӣ дареғ хӯрдам.

Ва ин роҳат хобе хуш буд, ки дере напойид. Худой моро аз ҳабси табиат ва банди ҳаюло бираҳонод!

Тамом шуд қиссаи ғурбати ғарбия!

# ДАР АҲВОЛИ ШАЙХИ ИШРОҚ
## Тарҷимаи Мақсудалии Табрезӣ
## Аз гуфтори Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Шаҳрзӯрӣ

Шайхи бузургвор ва файласуфи олимиқдор, олими раббонӣ ва мутааллеҳи руҳонӣ, саййиди олам, фозили комил Шиҳоб-ул-миллати вад-дин, алмутталеъ алал асрор биляқин, бариди олами қудсу нур, Абулфатҳ Яҳё ибни Ҳабаш ибни Амираки Суҳравардӣ, ваҳиди рӯзгор ва фариди аъсор буд ва ҷомеъ буд миёни ҳикмати завқӣ ва баҳсӣ.

Аммо ҳикмати завқӣ шоҳид аст ба тафарруди ӯ дар он фан. Ҳар ки тариқи Худоҷӯйӣ маслук дошта бошад ва тавсани нафсро дар майдони афкори мутаволия ва муҷоҳидоти мутаъолия тарбият ва тадбир карда бошад, дар ҳолате ки торик бошад аз нафси худ машоғили олами зулмониро ва толиб бувад ба ҳиммати воло мушоҳадаи олами руҳониро, пас чун дар ин ҳолат мутамаккин ва мустақар гардад ва ба суръати сайр ба мушоҳадаи муҷаррадот, астори пиндорро бишикофад, то он ки зафар ёбад ба шинохти нафси худ ва назару тааммул кунад ба ақли худ дар парвардгори худ, баъд аз ин, агар воқиф шавад ба суханони ӯ, дар он ҳангом медонад, ки ӯ дар мукошафоти раббонӣ ва мушоҳадоти руҳонӣ оятест аз оёоти субҳонӣ, баҳрест, ки ба ғаври ӯ нарасидаанд ғаввосони рӯзгори бӯқаламун ва нашинохтаанд ғояти онро магар росихун.

Аммо ҳикмати баҳсӣ: Ба таҳқиқ, ки ӯ муҳкам гардонид асос ва бунёни онро ва устувор сохт қавоид ва аркони онро ва таъбир кард аз маъонии саҳеҳаи латифаи он ба ибороти дилпазир ва алфози мухтасар ва муфиду беназир, ба навъе ки мазиде бар он дар ҳамаи азҳон мутасаввир нест, хусусан дар китоби “Машореъ ва муториҳот”, ки дар он ҷо истифои абҳоси мутақадди-

мин ва мутааххирин намуда аст ва усулу қавоиди ҳукамои машшоинро шикаста ва барҳам задааст ва устувор гардонидааст оро ва муътақади ҳукамои пешинро. Ва аксари ин суханон ва эродоту мунокизот ва суолот аз тасарруфоти зеҳни салим ва тадқиқоти табъи мустақим ва аз макнуноти илми қавими ӯст ва ин ақво шоҳидест бар қуввати ӯ дар ҳикмати баҳсӣ ва улуми расмӣ.

Бидон, ки фаҳмидани каломи ӯ ва шинохтани асрор ва рамузоташ дар ғояти суъубат ва душворӣ аст касеро, ки тариқаи ӯро маслук надошта бошад ва пайравии одот ва одоби ӯ нанамуда бошад, аз барои он ки ӯ ҳикмати худро мубтанӣ бар усули кашфӣ ва улуми завқӣ сохтааст ва касе ки усули ӯро камо ҳува устувор нафармуд, фуруъро аз он истинбот ва истихроҷ натавонист намуд ва касе, ки инони нафс аз таъаллуқоти дунё ва охират накашид, коми ҷонаш ҳаловати суханони ӯ начашид. Ва билҷумла, шинохти суханони ӯ ва ҳалли кутуб ва рамузоти ӯ мавқуф аст бар шинохти нафс ва аксари уламо ва ҳукаморо аз он хабаре нест, магар ба нодир, ки дар ҳар асре яке зоҳир шавад.

Ба таҳқиқ ман мусофарат бисёр кардам ва тафаҳҳуси бешумор намудам дар олами ба ҳақиқат ва шинохти нафс, наёфтам касеро, ки ӯро аз он олам чизе ва аз он навоҳӣ асаре ҳосил бошад. Ва чӣ ҷойи шинохти маротиб ва ҳақоиқе, ки ба маротиб басе ақдасу аъло ва алтафу асфо аз нафс бошад? Ва аз ин раҳгузар чун оҷиз шуданд аз фаҳми каломи ӯ, таън бар ӯ раво доштанд ва онро сухрият ва истеҳзо пиндоштанд. Чунончи, ҷамъе муосирини ҳукамо, ки машҳур ва зоҳир буданд назди омма ба фазлу ҷамъияти улум, гумон доштанд, ки ҳикмати ӯ мубтанӣ ба асле нест. Ва намедонам, ки ҳар гоҳ ҳикмати ӯ мубтанӣ ба усули ваҳмия ва мабонии хаёлия бошад, пас ҳикмати чӣ касе мубтанӣ бар қавоиди саҳеҳа ва завобити шарифа хоҳад буд? Ва эшон маъзуранд аз раҳгузари нафаҳмидани суханони ӯ, ба

ваҷҳи суъубати он ки мазкур шуд. Ва ман низ дар унфувони ҷавонӣ бо эшон мувофиқат медоштам дар тазйийифи суханони ӯ ва адами илтифот ба сӯйи он, то он ки ҳубби таҷрид бар ман ғолиб омад, сафар кардам, файзи қудсӣ маро дарёфт, шинохти нафсро бар ман осон сохт ва дар он ҳангом ҳалли калом ва рамузот бар ман мушаххас гашт ва бар ҷамеъи асрор ва хафоёи он воқиф шудам дар андак замоне. Пас, назари таҳқиқ ва инсоф дар ҳаққи ҷамоати тоинон гумоштам ва дидам, ки дар пеши эшон нест магар ҳасафе, қонеъ шудаанд ба пӯст аз луб ва ба коҳ аз хашаб ва ҳосили он чи аз ҳикмат андӯхтанд шинохти ҷисм аст ва баъзе аз аворизи он ва дар ин низ хатарҳост ва ҳол он ки ҷисмро низ чунончи ҳаст нашинохтаанд ва ба сурате аз маънӣ сохтаанд.

Ва ман то ин замон наёфтам касеро, ки суханони ӯро фаҳмид ва ба муроди ӯ расид. Ва ин ҳакими илоҳӣ улуми муқаддасаи илоҳия ва асрори азимаи раббонияро, ки ҳукамо дар ҳифзи он рамзҳо намудаанд ва анбиё бар он ишоратҳо кардаанд, фаҳмида буду шинохта ва муаййид гашта буд ба қаввати таъбир аз он асрор дар китоби мусаммо ба “Ҳикмати ишроқ”, ки бар чунон таснифе касе бар ӯ сабқат накардааст ва баъд аз ин низ дар ҳаййизи фавт аст, илло мошааллоҳ. Ва аз ин ҷиҳат аст, ки ӯ мулаққаб шуда аст ба “Муаййад-ул-малакут”. Ин китобро чунонки ҳаст касе нафаҳмад ва муродоти ӯро намешиносад магар сиддиқе.

Бидон, ки ҳеч касро аз ҳукамо ва уламою авлиё муяссар нашудааст он чи ки шайхи бузургворро муяссар гашта аст аз устувор ва муҳкам гардонидани ҳар ду ҳикмат. Балки баъзеро ҳамон мартабаи кашф ҳосил буда ва ба ҷониби ҳикмати баҳсия илтифот ва таваҷҷуҳ нанамуданд, ҳамчу Боязиди Бастомӣ ва Мансури Ҳаллоҷ ва амсоли инҳо. Аммо муҳкам гардонидани баҳси саҳеҳ бар ваҷҳе, ки мутобиқи таҳқиқ ва вуҷуд бошад, бе он ки самуми шубҳат ва шакро ба риёзи он роҳ бувад,

ҳукамоеро, ки ҳамагии ҳимматашон бар баҳси сирф мақсур бошад, сурати тайсир напазируфта аст. Агар чунончи иродаи ҳикмат намоӣ ва мустаъиди вуруди он файз шавӣ, фазои дилро, ки ойина ва назаргоҳи анвори қудсия аст, аз занги сувари ғайр бипардоз ва пок соз, ай Худойро холису мусаффо шав ва ба тамомӣ аз вуҷуди худ барой, чунончи мор аз пӯст бармеояд. Умед ҳаст, ки Аллоҳ дараҷаи туро баланд гардонад ва туро ба шинохти нафс ва ҳикмат бирасонад.

Ва шайхро "Холиқ-ул-боройо" меномиданд, ба сababи аҷоиби бисёр, ки ӯ филҳол зоҳир мегардонид.

Гӯянд, ки шахсе ӯро дар хоб дид. Шайх ба ӯ гуфт: "Маро Холиқ-ул-боройо магӯед!"

❂ ❂ ❂

Дар сиғари син ба талаби ҳикмат мусофират гузид, то ба Мароға расид ва дар он ҷо ба хидмати Маҷдиддини Ҷелӣ ба таҳсил машғул гашт. Ва аз он ҷо ба Исфаҳон таваҷҷуҳ намуд. Ва ба ман чунин расид, ки ӯ "Басоир"-и Ибни Саҳлони Совиро назди Заҳири Форсӣ хонд. Валлоҳу аълам. Ва аз кутуби ӯ чунон мафҳум мешавад, ки дар "Басоир" фикри бисёр кардааст. Ба атроф ва навоҳии мутаъаддида сайру сафар намуд ва дар ин асно бо ҷамоати суфия низ мулоқот кард ва суҳбат дошт ва аз эшон истифодаҳо намуд, ба фикри инфирод аз ҷиҳати нафси худ, то ин ки истиқлол ҳосил кард. Баъд аз он, ба риёзот ва халавот ва афкор ба ҷониби нафси худ мутаваҷҷеҳ ва машғул гашт, то он ки расид ба ниҳояти сайру ғояти мақомоти ҳукамо.

Ин муҷмале буд дар аҳволи шайх дар ҳикмати завқӣ ва шавқӣ. Аммо дар ҳикмати амалӣ: Ба сурат ба зийи қаландарон мезист ва муртакиби риёзоти шоққа буд, ба навъе ки абнои замон аз иртикоб ва иҳтимоли амсоли онҳо оҷиз ва қосир буданд. Дар ҳафта як навбат

ифтор мекард ва таомаш зиёда аз панҷоҳ дирам набуд. Ва агар дар табақоти ҳукамо сайр кунӣ ва манзалати ҳар якро бишиносӣ, наздик аст, ки зоҳидтар аз ӯ ва фозилтар аз ӯ наёбӣ. Аслан илтифот ба ҷониби дунё намегумошт ва иҳтимом ба ҳусули муродоти он надошт. Ва дар боби нӯшиданӣ ва хӯрданӣ парво намекард ва ба он чӣ рӯй медод, месохт. Дар баъзе аҳён кисое мепӯшид ва кулоҳи сурхи дарозе ба сар мениҳод ва баъзе авқот мураққаъ мепӯшид ва хирқае бар болои он ва гоҳе ба зийи сӯфия бармеомад. Ва аксари ибодаташ гуруснагӣ ва бедорию фикру тааммул дар аволими илоҳӣ буд. Ва қалилулилтифот буд ба риояти халқ ва касируссукут ва машғул ба худ буд. Самоъ ва нағамоти мусиқиро бағоят дӯст медошт. Соҳиби каромот ва оёт буд. Шунидам аз уламои омма ва касоне, ки эшонро баҳра ва ҳаззе аз улуми ҳақиқӣ набуд, ки мегуфтанд “шайх илми симиё медонист” ва гумон мекарданд, ки ба ин илм чизҳои нобудро ба сурати буд вуҷуд медод. Ва ин суханон ҳама аз ҷумлаи хурофоту ҳазёнот аст ва адами шинохти аҳволи ихвони таҷрид. Балки ба ниҳояти мақоми ихвони таҷрид расида буд. Ва эшонро мақомест, ки дар он мақом қодиранд бар эҷоди ҳар сурате ки хоҳанд. Ва ба ин мақом расида буданд Боязиди Бастомӣ ва Мансури Ҳаллоҷ ва ғайри эшон аз бародарони таҷрид. Ва агар на ин буд, ки он аз асрори илоҳӣ аст ва кашфаш ҷоиз нест, ҳароина шаммае аз ҳоли ӯ зикр мекардам.

Ва шайх бисёрсайру касирултавоф буд дар шаҳрҳо ва шавқи бисёр дошт, ки аз барои худ шарике дар таҳсили ҳақоиқ ба ҳам расонад, ба ҳам нарасид. Чунончи, дар охири “Муториҳот” мегӯяд, ки “ба таҳқиқ синни ман наздик ба сӣ сол расид ва аксари умр дар сафар гузашт ва ҳамагӣ тафаҳҳус аз мушорике, ки мутталеъ бошад бар улум менамудам, наёфтам касеро, ки чизе аз улуми шарифа дониста бошад ва касе ҳам, ки тасдиқ ба таҳқиқи он карда бошад”.

Назар кун дар ин сухани ӯ, ки “мусаддиқи он улум ҳам наёфтам” ва шигифтӣ бисёр намой!

Ва ин шайхи бузургвор ниҳояти таҷрид дошт ва аслан назари ҳиммат ҷониби дунё намегумошт.

Дар баъзе авқот ба Диёри Бакр мебуд ва дар бархе ба Шом ва гоҳе ба Рум ба сар мебурд. Ва сабаби кушта шудани ӯ, чунончи ба мо расида аст, ин аст, ки ӯ чун аз Рум баромаду ба Ҳалаб расид, ба ҳасаби иттифоқ, миёни ӯ ва малик Зоҳир ибни Салоҳиддин Юсуф, ки соҳиби Миср ва Яману Шом буд, мулоқот уфтод. Ва малик шайхро дӯст дошт ва муътақид шуд. Ва уламои Ҳалаб бар шайх ҷамъ омаданд ва калимоти ӯ мешуниданд ва ӯ дар баҳсҳо тасреҳ мекард ба ақоиди ҳукамо ва тасвиби онҳо ва тазйийифи орои мухолифи ҳукамо ва дар он боб мунозара мекард ва илзом медод ва искот мефармуд. Ва дар он ҳангом ба қуввати руҳулқудус чун аҷоиби бисёр зоҳир месохт, иловаи зиёдатии кина ва адовати эшон мешуд. Пас он ҷамоат бар такфир ва куштани ӯ иттифоқ карданд: чизҳои бузург ба ӯ нисбат доданд, чунончи гуфтанд, ки ӯ даъвои нубувват мекунад ва ҳол он ки ӯ аз ин даъво барӣ буд. (Худой ҳосидонро зиёнкор ва бадрӯзгор созад!) Султонро бар қатли ӯ таҳрик карданд. Ӯ ибо кард. Аз ҷумлаи он чӣ навиштанд ба падари ӯ – Салоҳиддин – ин буд, ки “агар ин мард мемонад, дину дунёро бар шумо мешӯронад ва фосид мегардонад”.

Ба писари худ навишт: “Бояд, ки ӯро бикушӣ”. Мартабаи дигар бознавишт ва таҳдид бар он изофа намуд, ки “Агар ӯро накушӣ, ҳукумати Ҳалабро аз ту бозмегирам”.

Ва дар кайфияти қатли ӯ суханони мухталиф шунидаам: баъзеро гумон ин ки ӯро дар бандихона андохтанд ва таому шароб аз ӯ боздоштанд, то фавт шуд ва бархе гӯянд, ки ӯ худ манъи нафси худ аз таому шароб кард, то ба мабдаъи худ пайваст ва баъзе бар онанд, ки

ӯро хафа намуданд ва дигаре мегӯяд, ки ба шамшер куштанд ва қавме бар онанд, ки аз девори қалъа ба зер андохтанд ва сӯхтанд.

Ҳазрати рисолатро дар хоб диданд, ки устухонҳои ӯро ҷамъ сохта буд ва мегуфт: “Ин устухонҳои Шиҳобуддин аст”.

❁ ❁ ❁

Миёни ӯ ва миёни Фахриддини Мординӣ – сокини Мордин – садоқат ва ёрӣ буд ва суҳбатҳо медоштанд. Фахриддин бо асҳоби худ мегуфт, ки “чӣ ситуда ва покиза аст ин ҷавон! Ман надидаам мисли ӯ ва метарсам бар ӯ аз касрати туҳур ва шуҳрату бемулоҳизагии ӯ, ки мабодо инҳо сабаби қатл ва талафи ӯ шаванд”.

Чун аз суҳбати ӯ муфориқат намуд, ба Ҳалаб омад ва бо фуқаҳои он ҷо мунозара ва мубоҳаса кард ва бар ҳама фоиқ омад ва натавонистанд бо ӯ баробарӣ намуд ва буғзу кинаи эшон зиёдатар ва бештар аз пеш шуд.

Малик Зоҳир маҷлисе орост ва ӯро ҳозир гардонид ва акобиру фузалоро низ ҳозир сохт, то бишнавад он чи миёни ӯ ва миёни эшон аз мубоҳаса гузашта буд. Шайх дар он маҷлис ба эшон суханони бисёр гуфт, бар наҳве ки ҷумлагӣ сукут варзиданд.

Ва зоҳир гашт бар Зоҳир фазлу зиёдатии мақоми ӯ ва қадраш афзуд ва қурбаш зиёда гашт ва соҳиби виқору тамкин шуд ва таваҷҷуҳаш мақсур ба ӯ шуд.

Ин низ боиси издиёди ташнеъи ӯ гашт. Маҳзарҳо ба куфри ӯ дуруст намуданд ва ба Димишқ пеши Салоҳиддин фиристоданд ва гуфтанд: “Агар ин мард мемонад, эътиқоди маликро фосид мегардонад ва агар раҳо мекунад, ба ҳар ноҳияте, ки рафт, аҳволи он ноҳиятро ба фасод мекашонад”. Ва чизҳои дигар ҳам бар ин афзуданд.

Салоҳиддин пеши Зоҳир фиристод, ки "Сиҷилле ба хатти қозӣ ва аҳолии он ҷо ба ман расид, ки он ҷавон куштанӣ аст ва бибояд кушт. Ӯро бикуш ва раҳо макун ба ваҷҳе аз вуҷуҳ!"

Чун шайхро ин ҳукм муҳаққақ гашт ва ҳолро бар ин минвол дид, гуфт: "Маро дар хонае маҳбус созед ва таому шароб мадиҳед, то он ки ба Аллоҳ, ки мабдаъи кулл аст восил шавам!"

Пас чуночи гуфта буд, ба феъл оварданд.

Ва баъд аз он Зоҳир аз эшон интиқом кашид, то он ки эшонро дар банд андохт ва амволи бисёр аз эшон гирифт.

❂ ❂ ❂

Аммо умри ӯ дар баъзе ривоёт сию шаш сол буд. Ва бархе панҷоҳ сол низ гуфтаанд. Муътадилқомат буд ва риш на тунук буду на анбуҳ, сурхранг. Ва аксари мусофирати ӯ ба пиёдаравӣ буд. Ва агар чунончи нақл кунам аз он чи аз каромоти ӯ ба ман расидааст, ҳароина сухан ба тӯл кашад ва баъзе аз ҷоҳилони ғофил дар сададди такзиб ва инкор дармеёянд.

Ва дар соли понсаду ҳаштоду шаши ҳиҷрӣ ба қатл расид. Шофеъимазҳаб буд, доно ба қавоиди фиқҳу ҳадис ва усул ва дар ниҳояти фаҳму зако буд.

Ва ба ман чунин расид, ки дар боби Фахри Розӣ аз ӯ пурсиданд, гуфт: "Зеҳни ӯ фасурда нест". Дар боби ӯ аз Фахриддини Розӣ пурсиданд, гуфт: "Зеҳни ӯ аз ғояти азко ва фитнат чун оташ муштаъал мешавад".

Пурсиданд аз ӯ, ки "ту афзалӣ ё Абӯалӣ?"

Гуфт: "Дар ҳикмати баҳсӣ мусовиам бо ӯ ё зиёда. Аммо аз рӯйи кашфу завқ ман зиёдатарам".

Ӯро таснифот бисёр аст. Ва ӯро ашъор аст ба арабӣ ва форсӣ.

# ВОЖАНОМА

Абвоқ – буқҳо
Аблағи туруқ – беҳтарин вaҷҳ
Ағсон – шохаҳо
Авд – бозгашт
Авон - посбон
Авранг – шукуҳ
Адади комил – даҳ
Адилла – далелҳо
Адим – пӯсти хушбӯйи рангин
Аимма – пешвоён
Азиз – подшоҳ
Азим – бисёр
Азрақ – кабуд; ҷомаи кабуд
Азҳор – шукуфаҳо
Ақаба – ағба, гардана
Алвон – рангоранг
Ало ҳозо – бинобар ин
Алҳон, алҳонҳо – овозҳо
Амал – орзу
Амо – нобиноӣ
Аморот – нишонаҳо
Ангула – тукма
Андуҳон – андуҳ
Анонийят – манӣ (хештанбинӣ)
Анфос – нафасҳо
Асар – дунбол
Асноф – анвоъ
Атбоқ – табақҳо
Атбоъ – пайравон (вобастагон)
Афсус – ришханд
Ашбоҳ – ҳамонандон
Ашкӯб– табақа, ошёна
Ашҷор – дарахтон
Аънӣ – манзур
Аҳадийят – ягонагӣ (Худованди мутаол)
Аҳҷор – сангҳо
Аҷниҳа– ҷиноҳҳо (болҳо)
Аҷсоди саъба – зару сим ва оҳану мис ва сурбу қалъ ва рӯй

Ба – бо
Бадаст – ваҷаб
Бадоят– оғоз
Ба изофат ба – нисбат ба
Ба камол – комил
Барг – лавозим
Барид – қосид
Баротӣ – ҷомаи куҳна
Басар – чашм
Басират – биноӣ
Бат – мурғобӣ
Ба такаллуф – муҷаллал
Ба хато – хато
Баҳс кардам – пурсуҷӯ кардам
Ба ҳақиқат – ҳақиқӣ
Ба якбор – якбора
Башошат – шодмонӣ
Баъдамо ки – пас аз он ки
Баҳима – чаҳорпо
Баҳоим– чаҳорпоён
Бебарг – бечиз, бенаво
Бинийат – ниҳод
Бех – реша
Бекусоро – бениҳоят
Беҷуфт – беҳамто

Бо – ба
Бо дид омад (ояд)- падид омад (ояд)
Боз – ба
Боз нагардӣ – тавба накунӣ
Борӣ – Худо
Бору– ҳисор
Бошад – шояд
Боҳис – ҷӯянда
Буд, буда – вуҷуд

Вакили дар – мубошири дарбор
Васият – супориш
Ваҷал – тарс
Ваҷҳ; вуҷуҳ – сурат, суратҳо
Ворид –дароянда
Воҳил– бахшанда
Вусто – миёна

Газ– тир
Газ– дироъ
Гар– кӯҳ
Гардидан– гаштан
Густох – худамонӣ

Ғавр – умқ
Ғасак – торикии аввали шаб, шом
Ғашаён – бехудӣ

Давлат – саодат
Даволпо – ғули поборик
Дарб– дарвоза
Дар боқӣ кунад– раҳо кунад
Дарюза – гадоӣ
Далв – сатл
Дерина – куҳансол
Дурафшидан – дурахшидан
Доҳул – аломати рамонандаи шикор, то сайдро ба сӯйи дом оварад

Жола – шабнам

Завқ - чашидан
Зайбақ – ҷева, симоб
Зангор – занг
Заҷр – сарзаниш
Зеб – некуӣ
Зийед – зиндагӣ кунед
Зил – соя
Зӣ – сӯйи
Зулмонӣ – торик
Зуъ – рӯшноӣ
Зуҷрат – дилтангӣ

Идбор – нагунбахтӣ
Изз– иззат
Изро – айбҷӯӣ
Иқтисор – басанда
Иқтиҳом – ба сахтӣ даромадан
Иллат – беморӣ
Илом – озор додан
Илтиқо – дидор
Илф – улфат (дӯстӣ)
Иморат кардан – таъмир кардан (руфӯ кардан)
Имтило – пурии шикам
Инбисот – гушодагии хотир
Инзиъоҷ – ҳолати ваҷд
Инкишоф – падидор шудан
Инқисом – тақсим шудан
Иннин – нотавон, он ки неруи мардиаш заиф аст

Инон – афсор
Интиқош – нақш пазируфтан
Ин чи – ин ки
Исбот – побарҷойӣ, устуворӣ
Иснонийят – дугонагӣ
Истизодат – афзун талабидан
Истисқо – ташнагии мудом
Истихбор - касби хабар
Истиъодат – бозгашт
Истиъонат – ёрӣ хостан
Исъоф карда омад– баровар-да шуд
Ишроқ – тобидан
Ишроқ кунад – битобад
Иҳсо – шумориш
Иъод кардааст – даъват кар-да
Иътивор – фаро гирифтан

Кабудпӯш – суфӣ
Кавнайн – ду ҷаҳон
Кавну фасод – ҳастию нестӣ
Кавокиб – ситорагон
Калаф – лакка
Кареҳликқо – зиштрӯ
Касиф – ғализ
Кеҳин – хурдтарин
Кибор – бузургон
Кибриё –камоли вуҷуд (Ху-дованди мутаол)
Кисват – ҷома, либос
Кубриёт – куброҳо (бузургтарҳо)
Кубро – акбар (бузургтар)
Кулфат – сахтӣ
Кӯшк – қаср
Қадар – сарнавишт
Қадр – шаби қадр
Қайд – ҳабс
Қайюмийят - қоим биззот (Худованди мутаол)
Қалб – воруна
Қаландарвор – риндона
Қаробат – хешовандӣ (наздикӣ)
Қатъи амокин– гузаштан аз ҷойе ба ҷойи дигар
Қист – баҳра
Қуддус – пок (Худованди му-таол)
Қунут – ноумедӣ

Лавн – ранг
Лавоеҳ – аввалин таҷаллиҳо
Ламъон – дурахшиш
Лаҳа – чашм ба ҳам задан
Лаҳуқ – пайвастан
Лозим – мулозим
Лоҳут – олами ғайб
Луғат – забон

Маблағ – микдор
Мабодӣ – муқаддамот
Маврид – ҷойи вуруд
Магар– шояд
Мағориб –мағрибҳо
Мазиқ – тангно
Мазинна – маҳалли гумон
Макман – камингоҳ
Макорими ахлоқ- ахлоқи нек
Мактум– пӯшида
Макфуф– кӯр
Мақол – гуфтор
Малакут – олами ғайб
Малаъ– ошкоро
Малаъ аъло– олами боло

Маншур – ҳукм
Матарс – аломати рамонан-
даи ҷонварон
Матлаъи фаҷр – сапедадам
Масмуъ – шунида
Масобат – манзалат
Масро – роҳ
Масъад – ҷойи баромадан
Масқул – сайқалзада
Машоих – муршидон
Машориқ – машриқҳо
Машуб – омехтагӣ
Машқуб – сӯрох-сӯрох
Маъкад – таҳ
Маълум – мақсуди илм
Маъмура: маъмураи арз
(ҷаҳон)
Маъруф – мақсуди маърифат
Маъунат – ёрӣ
Махласи сухан – хулосаи ка-
лом
Махолуф– ҷойҳои тарснок
Маҳзар – истишҳод
Маҳобат – саҳмгинӣ
Маҳолик – маҳлакаҳо
Маҳосин – риш
Миёнбаста – муҳайё
Миноранг– кабуд
Мисол – монанд
Миҳин – бузургтарин
Мубаййин – ошкор
Мубдаъ – офаринанда
Мубодилот – мақобала
Мубтадеъ– бидъатгузор
Мубтаҳиҷ – шод
Мубтил – ботилкунанда
Мувaккил – нигаҳбон
Музлим – торик
Муковаҳат – ситеза
Муламмаъ– - чандранг
Мумаҳҳад – муҳайё
Мунағғас – ногувор
Мунир – нуронӣ
Мунқасим – тақсимшуда
Муқаъъар – гӯдӣ, жарфоӣ
Мунқод – фармонбурдор
Мунодо – нидо
Мунтасибулқомат – ростбо-
ло
Мунтавӣ – дарҳам навардида
Манъадим– нобуд
Мунхарит мегардад – қарор
мегирад.
Мунҳазим шуд – дур шуд
Мунҷазиб – ҷазбшуда
Муонасат - улфат
Мураввиқ – меъмор
Мураққаъ – ҷомаи васладор
Мусаввир – офаридгор
Мустақар – маскан
Мустаъад – некбахт
Мустатир – бардамида
Мустафзар – палид
Мутакаллиф – уҳдадор
Муталаззин гардад – лаззат
бибарад
Мутамаккин шуда – ҷой ги-
рифта
Мутаъаззиқ – пора-пора

Набот – рустанӣ
Навм – хоб
Навоҷиз – дандонҳои сипа-
син (ақл)
Назъ – ҷон кандан
Назиҳ – хуррам

Найранҷот – сеҳру ҷоду
Намат –равиш
Насақ – тартиб
Насӣ– насён, фаромӯшӣ
Наъим – неъмат
Наҳҷ– роҳ
Нигоҳдошт – нигаҳдорӣ
Нигоҳ доред – таваҷҷуҳ кунед
Нимпардохт – нимасоз
Нимча – болопӯш
Нузҳат– гардиш
Нузҳатгоҳ – гардишгоҳ
Нузул кардем – иқомат кардем
Нукс – бозгашти бемори

Обгина – шиша
Овоза – бонгу хурӯш
Оҳанг – қасд
Оят – душворӣ

Пешравӣ – пешвоӣ

Рабубийят – худовандӣ
Раванда – сайёра
Равиш – рафтан
Райб – шакк
Раёҳин – гиёҳони хушбӯ
Раква – кӯза
Рамад – дарди чашм
Раста – роста (бозор)
Расул – фиристода
Раҳил – рафтан
Реҳлат – рафтан
Ривоқ – айвон
Рифқ – мудоро

Сабақ бурд – пешӣ гирифт
Сабил – тариқ
Савб – ноҳия; самт
Савдоӣ – девона
Саводи дида – биноӣ
Саволиф – пешиниён
Савотиъи анвор – нурҳои дурахшанда
Садама – зарба
Сайёф – ҷаллод
Сайҳа – садои гӯшхарош
Сакина – оромиш (итминони хотир ба ҳақ)
Сақат – хато
Салаб – либос
Салавот – дуоҳо
Салла – сабад
Самъ– гӯш
Сарир – бонг
Сарой – қаср
Сарпӯшидагон –ҳиҷобдорон (занон)
Сарҷӯш – зубда
Сафоҳат – ҳарзагӯйӣ
Саъб – сахт, душвор
Саҳифа – варақ
Сиголиданд – бадандешӣ карданд
Сиёсат – танбеҳ
Сиқолат – сайқалӣ будан
Синх – асл
Содот – бузургон
Соил – пурсанда
Соил – гадо
Софӣ – холис
Сонеҳ гашт – падид омад
Субуҳот – анвори илоҳӣ
Суғро – асғар (кӯчактар)

Сулаҳфот – сангпушт
Суру– шох
Суфлӣ – фурӯдин
Суфта – сӯрох
Суффа – айвон
Сунуҷ – синҷҳо
Суҳбат – ҳамнишинӣ

Табаддул – дигаргунӣ
Табихи офтимун – ҷӯшондаи офтимун (давои ҷунун)
Тавовис – товусҳо
Тавонад буд – мумкин бошад
Тавағғул – таъаммуқ
Таволеъ – аввалин таҷаллиҳо
Тадвир – гардонидан
Тайарон – парвоз
Тайра – хашмгин
Тазаккур – ёдоварӣ
Так – давидан
Тақдиран – фарзан
Тақдир кардан – фарз кардан
Талаззул – лаззат бурдан
Тамас – маҳв (нобудии сифоти башарӣ)
Тамйиз – шинохтан
Тамодӣ – лаҷоҷ
Тарафе – гӯшае
Тарассуд – муроқибат
Тарк– кулоҳхӯд
Тасоҳул – саҳлангорӣ
Ташаббуҳ – ҳамонандӣ
Ташнеъ задан – бадгӯйӣ кардан
Ташриф додан – омадан
Таъаззуз – азизӣ
Таъаййуш – хушгузаронӣ
Таъзиб – азоб додан
Таъовун – ҳамкорӣ
Таъозуд – ёрӣ
Тимор доштан муроқибат кардан
Тезтак - тундрав
Томот – суханони асроромез
Торӣ шудӣ – буруз мекард
Ту – табақа

Улвӣ – болоин (осмонӣ)
Улиё – аъло
Уфул– ғуруб

Фазла – 1.боқимонда 2. саргин
Фароғ – фароғат
Фаропеш – ба пеш
Фарох – густарда
Фатақ – боз кардан
Фатрат– сустӣ
Фикрат – фикр
Фиросат – илми дарёфтани ботини умур
Фитнат – ҳушёрӣ
Фитрок – таркбанд
Фоҳиша – гуноҳ
Фурҷа– шикоф

Хабобо – тухфаҳо
Хавз – таъаммуқ
Хавотир – хотирҳо, андешаҳо
Хавотиф – хиракунанда
Халифа– ҷонишин
Халиъ-ул-изор – афсоргусехта
Харта – чархи чӯбтарошӣ
Хастаҷигар – озурдахотир
Хафоё – пинҳоншудаҳо

Хафӣ – пинҳон
Хафофиш – шабпараҳо (хуффошҳо)
Хотир – андеша
Хофиқин – машриқу мағриб
Хузрат –сабзӣ
Хулоса – усора (ҷавҳар)
Ҳаббат-ул-қалб – сувайдои дил
Ҳавза – обгир
Ҳаво кунад – майл кунад
Ҳавоҷис – васвасаҳо
Ҳазиз – нишеб
Ҳазира – оғил
Ҳазрат – ҳузур
Ҳайкал – сурат
Ҳаййиз – маҳал
Ҳарқ – сӯхтан
Ҳаср – шумориш
Ҳашр – издиҳом
Ҳиҷо – алифбо
Ҳиддат – 1.тезӣ 2.хашм
Ҳирбо – офтобпараст
Ҳироб – ҷангидан
Ҳисн – қалъа
Ҳоил – тарснок
Ҳолӣ – ҳамон гоҳ
Ҳоссаи басар – қувваи биноӣ
Ҳубуб – вазидан
Ҳубут- поин омадан, нозил шудан
Ҳуққа– қуттӣ
Ҳуҷуб– ҳиҷобҳо

Чанд – чӣ қадр
Чанди – андозаи
Чун– чӣ гуна

Ҷавалон– тохтутоз
Ҷавориҳ– андомҳо
Ҷавҳар – гавҳар
Ҷалд – чолокӣ
Ҷамоҳир – гурӯҳҳо
Ҷаноб – пешгоҳ
Ҷаннати олӣ – малакут
Ҷарида – дафтар
Ҷаъл – кардан
Ҷинс– навъ
Ҷодуӣ – ҷодугарӣ
Ҷома – порча
Ҷориҳа – андоми одамӣ (дасту по)
Ҷуд – бахшиш
Ҷумла – ҳама

Шаба – шабақ (санги сиёҳ ва барроқ)
Шабпара – хуффош, кӯршапарак
Шавоиб – олудагиҳо
Шайб – сапедии мӯ
Шатм кардан – маломат
Шаҷара – дарахт
Шиканҷа – печутоб
Шиҳна – ҳоким
Шиҳнагӣ – ҳукумат
Шориқ– тобон
Шоҳид– маъшуқа
Шояд – мешавад.

Яксувора – танҳо
Яқза – бедорӣ
Яминӣ – рост
Янбуъ– чашма
Ясорӣ – чап

# МУНДАРИҶА

Муқаддима ........................................................................ 3

## МАТН

Қиссаи мурғон.................................................................. 30
Ақли сурх.......................................................................... 36
Фӣ ҳолати туфулият............................................................ 47
Рӯзе бо ҷамоати суфиён ..................................................... 59
Овози пари Ҷабраил ........................................................... 67
Луғати мӯрон ..................................................................... 75
Сафири Симурғ .................................................................. 84
Фӣ ҳақиқати ишқ ................................................................ 94

## ПАЙВАСТ

Қиссаи Зиндаи Бедор: тарҷимаи “Ҳай ибни Яқзон”-и Абӯлӣ ибни Сино ..........................................................109
Қиссаи ғурбати ғарбӣ: тарҷимаи “Ғурбат-ул-ғарбия”-и Шайхи ишроқ..........................................................................123
Дар аҳволи Шайхи ишроқ: аз гуфтори Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Шаҳрзӯрӣ .................................129

Вожанома ..........................................................................137

ISBN 978-99975-63-96-5

Ба чоп 19.03.2021 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 9,0.
Теъдоди нашр 300 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Донишварон» чоп шудааст.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Вализода 3/1.
Тел.: 992 93-526-41-31. E-mail: donishvaron@mail.ru